3). Общественная опасность или общественная вредность деяния, является следующим немаловажным признаком правонарушения. Если можно выразить иначе, любое правонарушение может наносить ущерб общественным, государственным и личным интересам, который влечёт за собой негативные последствия. Поскольку оно дестабилизирует установившийся в государстве правопорядок и наносит материальный или же иной вред обществу и государству. В юридической литературе применительно к преступлениям принято использовать термин «общественная опасность», также данная категория используется и в отношении административных правонарушений. Гражданско-правовые, дисциплинарные, процессуальные и иные правонарушения имеют вредоносность, но не общественную опасность. Вред проявляется в различных формах: он может быть материальный, моральный, возмещаемый и невозмещаемый, значительный так и незначительный, физический или же духовный и т.д. Вред общественным отношениям причиняется не только в случаях уничтожения какого-либо имущества или же ценной вещи, а также формированием нелегальной группировки, которая не успела совершить преступление, или же изготовление поддельного документа, который не был даже использован.

Таким образом, правонарушение имеет место не только тогда, когда противоправное деяние вызвало известные вредные последствия, но и тогда, когда оно может привести к таким последствиям.

Причинная связь между деянием и вредным результатом. Необходимо помнить, что не каждое деяние может нанести вред обществу. Каждое вредное для общества последствие может быть порождено лишь его определенной причиной, деяния субъекта выступает причиной вредного результата, а не условием или иным явлением, который не имеет отношения к его возникновению;

Виновность (вина субъекта), совершившего то или иное деяние; в то же время необходимо отметить, чтобы субъект действовал на основе свободного волеизъявления, т.е. имел возможность выбрать один из вариантов поведения. Если такого выбора не было и лицо действовало под влиянием физического или психического давления, то в такой ситуации нет вины и, соответственно, отсутствует один из элементов состава правонарушения.

Юридическая ответственность, т.е. каждое правонарушение согласно действующим нормативно-правовым актам заслуживает наказания, которое обеспечивается государственным принуждением. Государственное принуждение – это мера государственного воздействия, применяемая со стороны компетентного государственного органа с целью подчинения поведения субъектов воле органов государственной власти. Юридическая ответственность может иметь место только тогда, когда будет весь состав правонарушения.

Субъект правонарушения - это физическое или же юридическое лицо,

совершившее правонарушение. Таким образом, это означает, что субъект правонарушения должен иметь возможность нести ту или иную юридическую ответственность. Субъектом правонарушения может быть право и дееспособное лицо (физическое или юридическое). В уголовном праве в качестве субъекта правонарушения может выступать только физическое лицо. Критериями этой способности являются:

а) возраст человека;

б) ее психическое состояние.

Таким образом, способность к правонарушению характеризуется двумя критериями – социально-юридическим и медицинско-юридическим, на основании которых решается вопрос о привлечении лица к ответственности.

Следовательно, признаки правонарушения – это совокупность составляющих элементов, которые характеризуют правонарушение как противоправное деяние. Отсутствие одного из элементов правонарушения, которое не способно дать полного состава, а соответственно отпадает законное основание для привлечения субъекта к юридической ответственности. Юридический состав правонарушения, как абстрактная научная категория - используется для выявления всех признаков правонарушения Состав правонарушения более глубоко и основательно был разработан в уголовном праве применительно к преступлениям, где он наиболее ярко проявляется, но данная категория также имеет общеправовое значение в гражданском, административном и других отраслях права. Именно поэтому состав правонарушения более глубже изучается, прежде всего теорией государства и права. В действующих нормативных правовых актах РТ, так и в других странах СНГ в настоящее время отсутствует законодательно обоснованное определение понятия «состав правонарушения». Это исключительно доктринальное определение. На сегодняшний день существует множество научно обоснованных суждений по поводу определения понятия «состав правонарушения», далее подробно рассмотрим наиболее общие из них. Одни авторы отмечают: «Юридический состав правонарушения – это совокупность его обязательных признаков (или элементов)».[81]

В. С. Нерсесянц также придерживается точно такого же мнения.[82] Данные предложенные определения являются неточными, а также неполными, т.к. применительно к осмыслению определения состава правонарушения, речь должна, прежде всего идти не только о наборе обязательных признаках, но и о взаимосвязи элементов правонарушения. Е.Н. Романенкова также определила: «состав правонарушения как совокупность взаимосвязанных элементов - его образующих».[83] Выдающийся теоретик современности А.В. Малько в своих трудах даёт более сложное и расширенное определение: «Состав правонарушения – это научная абстракция, отражающая систему наиболее общих, типичных и существенных элементов и признаков отдельных разновидностей правонарушений, необходимых и достаточных для привлечения правонарушителя к юридической ответственности».[84] Необходимо

---

[81]См.: Лазарев В.В., Липень С.В., Саидов А.Х. Теория государства и права. – Ташкент: AKADEMIYA. – 2007. – С. 446.

[82] См.: Нерсесянц В.С. Теория права и государства. – М.: НОРМА ИНФРА. – 2013. – С. 244.

[83]См.: Романенкова Е.Н. Теория государства и права. Конспект лекций.- М.: Проспект – 2015. – С. 84.

[84]См.: Малько А.В., Матузов Н.И. Теория государства и права. – М.: Юристъ. -2004. – С. 208.

отметить, что понятия «правонарушение» и «состав правонарушения» хотя и тесно взаимосвязаны, но не являются тождественными понятиями. Если правонарушение – это конкретное осознанное совершенное деяние, в то время как состав правонарушения - это логическая цепь, нормативная категория, которая фиксирует определенные признаки конкретного правонарушения и тем самым отражает его сущностное проявление. В юридической науке элементы состава правонарушения общепринято разделять на различные группы, к которым можно отнести следующие:

1) группа объективных элементов состава правонарушения;

2) группа субъективных элементов состава правонарушения.[85]

Объективные элементы состава правонарушения состоят из объекта правонарушения и его объективной стороны, тогда как субъективные элементы правонарушения состоят из субъекта и субъективной стороны правонарушения.

К объективным признакам правонарушения относятся объект и объективная сторона правонарушения, которые характеризуют вредное посягательство с внешней стороны.

К объектам правонарушения относятся общественные отношения, которые охраняются законом. Те или иные правонарушения могут посягать на определенные материальные или нематериальные блага, интересы (государственные, общественные, личные) и причинять им вред или же ущерб. Эти блага и интересы могут быть непосредственными объектами существенных посягательств (жизнь, здоровье, честь, достоинство, имущество и т.д.). В юридической науке различают общий, родовой и непосредственный виды объекта правонарушения.

Общий объект правонарушения – это набор предусмотренных законом охраняемых отношений.

Родовой объект – это группа связанных (однородных) объектов защиты (например, в конституционном праве, экономические, политические социальные, культурные и т.д.).

Непосредственный объект, который предусматривается конкретным составом правонарушения. Например, в уголовном праве встречаются ситуации, когда одно и то же преступление посягает не на один, а на два непосредственных объекта, один из которых является основным, а другой дополнительным.

Часто объектом правонарушения ошибочно считаются те материальные или нематериальные блага, на которые посягает правонарушение.[86]

Однако это является неверным суждением. Объектом правонарушения выступают именно общественные отношения, охраняемые правовыми нормами, которым, посредством совершения правонарушения, причиняется вред или создается угроза его причинения.

Объект материального мира, или охраняемая нормами права информация является предметом правонарушения, посредством воздействия на которых осуществляется посягательство на охраняемые законом общественные отношения.

Объективная сторона правонарушения – это внешняя сторона

---

[85]См.: Романенкова Е.Н. Указ. раб. – С. 20.

[86]См.: Липинский Д.А. К вопросу о понятии правонарушения // Юридическая литература и правоохранительная практика. – 2017. - №3. – С.108.

правонарушения, внешнее проявление общественно опасного посягательства на установленный и защищаемый законом объект. Существуют обязательные и факультативные признаки объективной стороны правонарушения. Обязательные признаки это:

а) общественно опасное деяние (действие или бездействие);

б) общественно опасные последствия;

в) причинная связь между общественно опасным деянием и общественно опасным последствием. Факультативными же признаками объективной стороны правонарушения выступают: способ совершения противоправного деяния, место, время, орудия и средства и обстановка совершения правонарушения.

С внутренней стороны правонарушение характеризуют его субъект и субъективная сторона, которые в свою очередь являются субъективными признаками правонарушения.

Субъектом правонарушения – является физическое или юридическое лицо, совершившее правонарушение и способное нести за него юридическую ответственность. Таким образом, субъектом правонарушения выступает право- и дееспособное лицо физическое или юридическое (организация) совершившее правонарушение. При этом, лицо совершившее правонарушение и обладающее помимо основных признаков, дополнительными признаками, носит название специального субъекта правонарушения.

Субъективная сторона состава правонарушения раскрывает его с точки зрения его виновности. Вина определяется через психическое отношение лица к своему деянию и к последствиям этого деяния или к содеянному. Существуют две основные формы вины – это умысел и неосторожность. Умысел, в свою очередь делится на прямой и косвенный, а неосторожность бывает – по легкомыслию или по небрежности. Это положение заимствовано из науки уголовного права. Следовательно, форма вины определяется с трёх сторон:

1) субъект осознает противоправность своего поведения;

2) субъект предвидит вредные (опасные) последствия своего поведения;

3) отношение субъекта к этим наступившим последствиям.

Если субъект осознает противоправность своего деяния, предвидит вредные последствия этого деяния и желает их наступления, то в этом случае вина будет в форме прямого умысла. Если же субъект осознает противоправность своего деяния, предвидит вредные последствия этого деяния, не желает, но допускает их наступление, то здесь вина будет рассматриваться в форме косвенного умысла. Действия субъекта, возможно квалифицировать как неосторожность по легкомыслию, когда субъект осознавал противоправность своих деяний, предвидел возможность наступления вредных последствий, но легкомысленно надеялся их предотвратить. Но когда субъект не предвидел опасных или вредных последствий своего деяния, но по определенным обстоятельствам дела мог и должен был их предвидеть, то в данном случае вина будет в форме неосторожности - в виде небрежности. В данном случае речь идет об особенностях вины физического лица.

Важно отметить, что элементы состава правонарушения находясь в тесном взаимосвязи друг с другом в своей совокупности выступают в качестве основания для привлечения к юридической ответственности.

В результате проведенного исследования, можно выразить последующие основные заключения и положения.

Каждое правонарушение должно рассматриваться как противообщественный феномен. Правонарушения являются атрибутом общества, основной причиной их совершения является наличие социальных столкновений между личными и общественными интересами. В этом смысле правонарушения - есть ни что иное, как проявления таких противоречий, сущность которых определяется с точки зрения условий социального развития общества на определенном историческом этапе государства.

Состав правонарушения представляет собой научную юридическую конструкцию, которая логически вытекает из норм юридической ответственности в то же время характеризует правонарушение с четырех его сторон, тем самым выполняя роль в квалификационный процесс, обслуживающий частью процесса применения норм права.

Если правонарушение представляет собой конкретно совершенное деяние, то состав правонарушения является логической конструкцией, нормативной категорией, которая раскрывает характерные признаки определенного деяния и тем самым показывает его сущность. Поэтому правонарушение и его состав нельзя рассматривать в качестве идентичных понятий.

Литература:

1.Белых Е.А. Основные подходы к понятию правонарушения // Актуальные проблемы права, экономики и управления. – 2016. - №12. – С.83-88.

2.Лазарев В.В., Липень С.В., Саидов А.Х. Теория государства и права. – Ташкент: AKADEMIYA. – 2007. – 736с.

3. Липинский Д.А. К вопросу о понятии правонарушения // Юридическая литература и правоохранительная практика. – 2017. - №3. – С.105-108.

4.Любашиц В. Я. Теория государства и права. – М.: РИОР. - 2016. – 450с.

5. Малько А.В., Матузов Н.И. Теория государства и права. – М.: Юристъ. -2004. – 245с.

6. Малеин Н.С. Правонарушение: понятие, причины, ответственность: монография. – М.: Юридическая литература. - 1985. – 192с.

7. Маркунцов С.А. Состав правонарушения как юридическая конструкция // Российская юстиция. – 2012. – №7. – С. 20-25.

8. Майорова Е.Н., Пряникова Е.Н. К вопросу о содержании понятия «правонарушения» // Вестник Уральского финансово-юридического института. – 2016. - №1. – С. 40-45.

8. Морозова Л.А. Теория государства и права // Российское юридическое образование. – М.: Эксмо. – 2010. – 510с.

9. Нерсесянц В.С. Теория права и государства. – М.: НОРМА ИНФРА. – 2013. – 258с.

10. Равина С. Н., Сидорова А. В. Понятие правонарушения в правовой науке // Евразийский юридический журнал. – 2015. - №5. – С. 121-125.

11. Романенкова Е.Н. Теория государства и права: конспект лекций. - М.: Проспект – 2015.

12.Хропанюк В.Н. Теория государства и права. Хрестоматия. - М. – 1998.

Дадобоева З. А.

Фишурда

Асосҳои назариявӣ-методологии мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ

Дар мақола мафҳумҳои асосие баррасӣ карда мешаванд, ки мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ ва моҳияти ҳуқуқвайронкуниро дақиқтар ошкор намуда, инчунин, фикру ақидаҳои мухталифи мутахассисони соҳа таҳлил карда мешаванд. Инчунин, аломатҳои ҳуқуқвайронкунӣ низ баррасӣ карда мешаванд. Дар ососи мафҳумҳои илмии овардашуда, мафҳуми таркиби ҳуқуқвайронкунӣ ва унсурҳои таркиби ҳуқуқвайронкунӣ (объекти ҳуқуқвайронкунӣ, тарафи объективии ҳуқуқвайронкунӣ, субъекти ҳуқуқвайронкунӣ, ва тарафи субъективии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун асос ба ҷавобгарии ҳуқуқи кашидан ташаккул меёбад. Дар хулоса, муқаррароти ососӣ, ба мисли мафҳуми ҳуқуқвайронкуни ҳамчун антиподи рафтори қонунӣ ва мафҳуми таркиби ҳукуквайронкунӣ ҳамчун сохти илмии ҳуқуқӣ таҳия карда мешавад.

Дадобоева З. А.

Аннотация

Теоретико-методологические основы понятия правонарушения

В статье рассматриваются положения, которые наиболее точно раскрывают понятие правонарушения, сущность правонарушения, а также анализируются различные мнения специалистов изучаемой отрасли. Приводятся и раскрываются признаки правонарушения. Раскрывается и на основе приведенных научных концепций формируется понятие состава правонарушения, а также элементы состава правонарушения (объект правонарушения, объективная сторона правонарушения, субъект правонарушения и субъективная сторона правонарушения) как основание привлечения к юридической ответственности. В заключении вырабатываюся такие основные выводы и положения как понятие правонарушения, как антипод правомерного поведения и понятие состава правонарушения как научная юридическая конструкция.

Dadoboeva Z. A.

The summary

Theoretical and methodological foundation of the offenses

The article discusses various provisions that most accurately reveal the concept of an offense, the essence of an offense, and analyzes the various opinions of specialists in the branch of under study. The signs of an offense are given and revealed too. The article reveals and, on the basis of the analyzed scientific concepts forms the concept of the composition of the offense (the object of the offense, the objective side of the offense, the subject of the offense, the subjective side of the offence) as the basis of legal liability. In conclusion there worked out an inference and provisions as the concept of on offense as an antipode of lawful

behavior and the concept of composition of an offence as a scientific legal construction.

**Рецензент статьи Холикзода А. Г. – доктор юридических наук, профессор**

**ВБД: 347. 4 (575. 3)**
**Исозода Б. Ч.***

# ДУРНАМОИ ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАЪМИНИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Калидвожаҳо:** суд, адлияи маъмурӣ, ислоҳоти судӣ, судҳои махсусгардондашуда, ҳуқуқи инсон, озодии инсон, адлияи ювеналӣ, судҳои маъмурӣ, ҳуқуқи кӯдак, ноболиғ, судяҳои ҳакамӣ, фаъолияти судӣ, шахси мансабдор, назорати судӣ, санадҳои суд.

**Ключевые слова:** суд, административная юстиция, судебная реформа, специализированные суды, права человека, свобода человека, ювенальная юстиция, административные суды, права ребенка, несовершеннолетние, арбитражные судьи, судебная деятельность, должностное лицо, судебный контроль, судебные акты.

**Keywords:** court, administrative justice, judicial reform, specialized courts, human rights, human freedom, juvenile justice, administrative courts, child rights, minors, arbitration judges, judicial activity, official, judicial control, court acts.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз масъалаҳои такмили ҳокимияти судӣ таъсиси мақомоти махсусгардондашудаи ҳокимияти судӣ мебошад. Дар ин сурат сухан дар бораи таъсиси адлияи маъмурӣ, ювеналӣ, инчунин ниҳоди судяҳои ҷаҳонӣ ва суди вакили маҳкамаи суд меравад[87]. Инчунин, баъзе муаллифон масъалаи зарурати муттаҳид кардани судҳои доираи ҳуқуқии умумӣ ва иқтисодиро ба миён гузоштаанд[88].

Бешубҳа, махсусгардонӣ (таъсиси судҳои махсусгардондашуда) дар фаъолияти ҳокимияти судӣ зарур аст, чунки он ба ҳаллу фасли бештари низоъҳои иҷтимоӣ мусоидат намуда, дар натиҷа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд босамар мегардад.

Ҳамин тариқ, дар барномаҳои ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ ба ислоҳоти низоми

---

*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Тел:** +992 557020202; **E-mail:** bakht-83@mail.ru

[87]Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.; Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007.; Ибрагимов С.И. Административная юстиция в Республике Таджикистан и странах Центральной Азии: концептуальные подходы. Душанбе: «Дониш», 2015. 627с.; Ойев Х., Марифхонов Р.Н. Административно-процессуальное право Республики Таджикистан: учеб. пособие.- Душанбе, 2016- 384 с.; Административно-процедурное производство в Республике Таджикистан: учеб. метод. пособие /под общ. ред. д-р. юрид. наук А.М. Диноршоева. Душанбе: Эр-граф, 2017.-252 с.; Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан: дис. …канд. юрид. наук. М., 2017.- 200 с.

[88]Ниг.: Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ –ҳуқуқӣ): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020.; Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021.; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007.

ҳокимияти судӣ нисбат ба ноболиғон диққати махсус дода шудааст. Дар ин самт корҳои муайян иҷро гардиданд. Аз ҷумла, моҳи октябри соли 2009 Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ)оид ба ҳуқуқи кӯдакон Нақшаи миллии чорабиниҳо оид баислоҳоти низоми адлияи ноболиғонро барои солҳои 2010-2015 қабул кард. Соли 2015 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» қабул гардида, соли 2016 вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуд. Аммо самти мазкур ҳанӯз ба интиҳои мантиқии худ нарасидааст, яъне масъалаи таъсисдиҳии судҳо оид ба кор бо ноболиғон то ҳол ҳалли худро наёфтааст.

Масъалаи дигаре, ки барои олимони ватанӣ бештар нигаронкунанда мебошад, мавҷуд набудани судҳои маъмурӣ ҳисоб меёбад. Ҳамин тариқ, Ҳ.М. Мирзамонзода қайд мекунад, ки «яке аз самтҳои баҳсбарангези сиёсати судиву ҳуқуқии давлат ташаккули низоми комилҳуқуқи адлияи маъмурӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки барои рушди низоми мақомоти судӣ, татбиқи адолати судӣ ва дар натиҷа ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон муҳим арзёбӣ мегардад»[89].

Мушкилоти самти мазкур тафсири мафҳуми «мурофиаи судии маъмурӣ» мебошад. Қонунгузор дар баробари танзим намудани соҳаи мазкур, аз он бармеояд, ки мурофиаи судии маъмурӣ (адлияи маъмурӣ) парвандаҳо оид ба баррасии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Дар асоси ин қонунгузорӣ ташаккул меёбад – ду кодекс – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ қабул карда шуд.

Аммо олимони ватанӣ бо чунин муносибати қонунгузор розӣ нестанд. Дар адабиёти ватанӣ олимон таҳти мафҳуми адлияи маъмурӣ дар назар доранд «намуди мурофиаи судӣ, ки ба суд шикоят кардан аз амалҳо ва қарорҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдоре, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро поймол кардаанд»[90]. Тартиби мазкур дар доираи Кодекси мурофиавии маданӣ пешбинӣ шудааст. Ба ибораи дигар, дар амалисозии фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ин самт равише, ки ҳанӯз дар солҳои шуравӣ истифода мешуд, боқӣ мондааст.

Дар ин асос муаллифони ватанӣ таъкид мекунанд, ки дар Тоҷикистон ин самти фаъолияти ҳокимияти судӣ бояд комилан тағйир дода шавад. Якум, қонунгузорӣ бояд такмил ёбад ва аз Кодекси мурофиавии мадании ҶТ муқаррарот дар бораи тартиби шикоят кардан аз амалҳои шахсони мансабдор, яъне парвандаҳои дорои хусусияти ҳуқуқии оммавӣ хориҷ ва қонуни алоҳидае қабул карда шавад, ки масъалаи мазкурро танзим менамояд. Дуюм, бояд судҳои алоҳидаи маъмурӣ таъсис дода шаванд, ки ба салоҳияти онҳо баррасии баҳсҳои ҳуқуқии оммавӣ мансубанд. Вобаста ба масъалаи мазкур А.М. Диноршоев чунин зикр менамояд: «қайд намудан лозим аст, ки ин намуди мурофиаи судӣ идомаи мантиқии низоми маъмурӣ-ҳуқуқии (беруназсудӣ) ҳифзи ҳуқуқи инсон ва бахусус, тартиби маъмурии шикоят овардан мебошад»[91].

Ҳамчунин, донишмандони ватанӣ бо такя ба омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ пешниҳод мекунанд, ки дар Тоҷикистон чунин ниҳодҳо, аз қабили судяҳои ҳакамӣ, суди ҳакамон ҷорӣ карда шаванд. Ҳамин тавр, Ҳ.М. Мирзамонзода қайд мекунад, ки «таъсиси ниҳоди судяҳои ҳакамӣ дар Тоҷикистон, ба андешаи мо,

---

[89]Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Асари ишорашуда. – С. 308.
[90]Ниг.: Ибрагимов С.И. Асари ишорашуда. - С. 231.; Ойев Х., Марифхонов Р.Н. Асари ишорашуда.- С. 164.; Административно-процедурное производство в Республике Таджикистан: учеб. метод. пособие /под общ. ред. д-р. юрид. наук А.М. Диноршоева. Душанбе: Эр-граф, 2017.-252 с; Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан: дис. …канд. юрид. наук.- М., 2017.- 200 с.
[91]Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. - Душанбе, 2015. – 225 с.

ҳамчун воситаи мукаммали татбиқи консепсияи дастрасии зиёдтарини адолати судӣ ба шаҳрвандон амал мекунад».[92] Баъдан ӯ қайд мекунад, ки «таъсиси судҳои ҷаҳонӣ барои ҳалли якчанд масъала пешбинӣ шудааст: - кам кардани сарбории судҳои тобеияти умумӣ тавассути баррасии категорияҳои одии парвандаҳо (ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ); таъмини дастрасии ҳокимияти судӣ ба аҳолӣ; афзун намудани маҳсулнокӣ ва сифати баррасии парвандаҳо аз ҷониби мақомоти судӣ, бо ин роҳ амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба "баррасии одилонаи оммавии парванда дар муҳлати оқилона аз ҷониби суди мустақил ва беғарази дар асоси қонун таъсисёфта[93].

Баъзе муаллифони ватанӣ масъалаи иштироки шаҳрвандонро дар татбиқи адолати судӣ таҳқиқ карда, ишора менамоянд, ки айни ҳол дар Тоҷикистон ин ҳуқуқ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, чунки тибқи муқаррароти Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ машваратчиёни халқӣ дар баррасии категорияҳои парвандаҳои ҷиноятии қатъиян муайяншуда иштирок мекунанд. Дар ин замина онҳо пешниҳод мекунанд, ки дар мисоли як қатор кишварҳои пасошӯравӣ ба низоми доварони маҳкамаи суд гузаранд[94].

Ҳамчунин, олимони ватанӣ дар мисоли баъзе кишварҳои пасошӯравӣ пешниҳод мекунанд, ки судҳои салоҳияти умумӣ ва судҳои иқтисодӣ муттаҳид карда шаванд. Ҳамин тариқ, Ф.Н. Абдуллозода қайд мекунад, ки «агар ба ислоҳоти гузаронидашуда дар ҳокимияти судии Россия назар афканем, мумкин аст як нуктаи хеле муҳим – муттаҳидсозии Суди Олӣ ва Суди Олии арбитражиро ба мақоми ягонаи судӣ алоҳида қайд намоем. Мувофиқи мақсад мебуд, агар ин таҷрибаи Федератсияи Россияро самараовар арзёбӣ намуда, дар таркиби Суди Олӣ таъсиси коллегияи нави судиро бамаврид меҳисобем, ки он метавонад баҳсҳои иқтисодиро баррасӣ ва ҳал намояд. Ин ғоя мумкин аст, ки ба оқибатҳои зерини мусбат оварад: харҷи маблағҳои буҷетии давлатро кам намуда, таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиқкуниро беҳтар созад"[95]. Масъалаҳои асосии дар барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ муқарраршударо баён намуда, мавқеъҳои дар илм вуҷуддоштаро ҷиҳати такмили минбаъдаи низоми судии кишвар, аз ҷумла таъсиси судҳои махсусгардондашуда, муайян сохтем ва ба чунин хулоса омадем:

Якум ин ки, айни ҳол таъсисдиҳии судҳои махсусгардондашуда муносибати амиқ ва мунтазамро тақозо намуда, ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар сатҳи моддию техникӣ таҳияи маҷмуи тадбирҳоро талаб мекунад. Агар сухан дар бораи таъсиси судҳои кор бо ноболиғон равад, тавре қайд кардем, аллакай заминаи муайяни қонунгузорӣ ташаккул ёфтааст, ҳалли масъалаи иқтидори кадрии ҳайати судӣ ва ҳалли ҷузъҳои иқтисодии ин раванд боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, амали навбатӣ дар ин самт, ба андешаи мо, дар назди судҳои тобеияти умумӣ таъсис додани ниҳоди судяҳои махсуси ҳуқуқи оилавӣ мебошад. Дар ин самт аллакай корҳои муайян идома доранд, аз ҷумла, дар назди Суди Олӣ Коллегия оид ба корҳои оилавӣ таъсис дода шудааст. Ин иқдом, ба фикри мо, барои марҳилаи ниҳоии такмили фаъолияти судӣ, маҳз барои таъсис додани судҳо оид ба кор бо ноболиғон заминаҳои устувор фароҳам меорад.

Дуюм, ташаккули баъзе намуди судҳо таҷдиди куллии танзими қонунгузориро тақозо мекунад. Дар ин маврид сухан дар бораи таъсис додани судҳои маъмурӣ меравад. Дар ин замина, ба андешаи мо, оид ба тағйироти назариявии муносибати илмию амалӣ нисбат ба дарки адлияи маъмурӣ сухан

---

[92]Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Асари ишорашуда. – С. 310.
[93]Ҳамон ҷо.– С.311.
[94]Ниг.: Обидова М.Н. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба иштирок дар татбиқи адолати судӣ: тадқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... н. илмхои ҳуқуқ. – Душанбе, 2021.- С. 45.
[95]Ниг.: Абдуллозода Ф.Н. Асари ишорашуда. – С. 51.

рондан зарур аст, яъне онро на ҳамчун баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, балки чун ҳалли баҳсҳои ҳуқуқии оммавӣ (маъмурӣ) баррасӣ намудан лозим аст. Дар ин раванд оид ба ниҳоди судяҳои ҷаҳонӣ сухан ронда, баррасии маҳз ин категорияи парвандаҳоро ба салоҳияти онҳо мансуб донистан мумкин аст, яъне парвандаҳоро оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ. Аммо барои ин ҳам дар сатҳи назариявӣ бояд муносибат ба падидаи мазкур муайян карда шавад. Масалан, дар баъзе кишварҳо аз категорияи "ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ" даст кашида, онро ҳамчун "кирдор" муайян намуда, ба доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ дохил намудаанд.

Ба ибораи дигар, масъалаи ташаккули судҳои маъмурӣ ва судяҳои ҷаҳонӣ ба баррасии назариявӣ, танзими дурусти ҳуқуқие, ки пеш аз ҳама, ба шароити дар кишвар мавҷудбуда асос ёфтааст, вобаста мебошад. Табодули техникии таҷрибаи кишварҳои дигар дар фазои ҳуқуқии Тоҷикистон на ҳамеша самараи хуб медиҳад ва ин ҳолат бо сабаби хусусиятҳои низоми ҳуқуқии мо, тафаккури аҳолӣ ва омилҳои дигари объективӣ ва субъективӣ рух медиҳад.

Сеюм, барои фаъолияти пурсамари ҳокимияти судӣ сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ муҳим аст. Ҷиҳати иштироки фаъолона дар ҷараёни татбиқи адолати судӣ аҳолӣ бояд сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ дошта бошад. Тавре муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, «омили муҳимми механизми танзими ҳуқуқӣ фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ мебошад, ки ба рафтори фард таъсир мерасонад».[96] Дар ин замина, ғояи аз ҷониби як қатор муаллифон пешниҳодшуда оид ба гузаштан ба низоми маҳкамаи судӣ ҷолиб ба назар мерасад, аммо татбиқи он ҳанӯз ҳам душвор аст. Дар Тоҷикистон оид ба афзун намудани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон корҳо фаъолона идома доранд, як қатор барномаву консепсияҳо қабул шудаанд, вале бо вуҷуди ин бояд гуфт, мутаассифона, дар ҷомеаи мо нигилизми ҳуқуқӣ ҳукмфармост. Вобаста ба ин, зарур мешуморем, ки афзун намудани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ идома дода, минбаъд масъалаи таъсиси судҳои ҳакамон ба миён гузошта шавад.

Яке аз самтҳои асосии такмили фаъолияти судӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, масъалаи назорати судӣ, аз ҷумла назорати судии конститутсионӣ мебошад. Чунин зарурат ба назорати меъёрии судӣ дар ҳалли вазифаҳои дар назди ҷомеа гузоштшуда оид ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, таъмини волоияти Конститутсия ва қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташаккули фазои ягонаи ҳуқуқии конститутсионӣ вобаста аст. Дар доираи самти мазкур дар барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, як қатор вазифаҳо, аз ҷумла афзун намудани самарабахшии фаъолияти Суди конститутсионӣ муайян карда шуданд.

Маҳз дардоираи татбиқи вазифаҳои дар барномаи мазкур муқаррааргардида соли 2014 Қонуни конститутсионии амалкунандаи ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул гардид, ки дар натиҷа ба Суди конститутсионӣ ваколатхои иловагӣ дар соҳаи назорати конститутсионӣ вогузор шуданд ва доираи субъектҳое, ки ҳуқуқи ба Суди конститутсионӣ муроҷиат карданро доранд, хеле васеъ гардид.

Дар баробари ин, дар адабиёти ватанӣ оид ба такмили фаъолияти Суди конститутсионии ҶТ дар соҳаи назорати меъёрӣ як қатор пешниҳодҳо карда мешаванд. Ҳамин тариқ, Д.С. Раҳмон пешниҳод мекунад, ки ба Суди конститутсионии ҶТ имкони қабули мавқеъҳои ҳуқуқии Суди конститутсионии ҶТ вобаста карда шавад ва он бояд чун «муҳтавои қарорҳои Суди конститутсионӣ, ки аз ҷониби суд дар доираи тафсири сабабӣ, ки тавассути он моҳияти он муайян карда мешавад, дарк гардад. Дар баробари ин, мавқеъҳои

[96]Ниг.: Насрудиинов Э.С. Правовая культура-М., Норма, 2014– С. 89.

ҳуқуқӣ санадҳои мустақили Суди конститутсионӣ нестанд ва набояд бо қарорҳои он алоқаманд бошанд. Мавқеи ҳуқуқӣ низоми далелҳоест, ки барои асоснок намудани хулосаи ниҳоии Суди конститутсионӣ оид ба парвандаи мушаххас сурат мегирад ва дорои эҳтимолияти ҳақиқат мебошад»[97]. Дар навбати худ, А.М. Диноршоев қайд мекунад, ки «Гарчанде ки Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи тафсири Конститутсияро надорад, бо вуҷуди ин, ҳангоми баррасии категорияҳои гуногуни парвандаҳо ин ё он категорияи ҳуқуқиро тавзеҳ дода, бо ин тариқ онҳоро барои амалияи минбаъдаи ҳуқуқтатбиққунанда шарҳ медиҳад».[98] Аз ин рӯ, ӯ пешниҳод менамояд, ки дар Қонун «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавқеъҳои ҳуқуқии Суди конститутсионии ҶТ ҳамчун шакли алтернативии тафсири Конститутсия таҳким ёфта, ба сифати «хулосаи асосии Суди конститутсионӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои мушаххас дар натиҷаи тафсири меъёрҳои конститутсионӣ, ки минбаъд барои ҳалли чунин масъалаҳо ҳамчун асос хизмат мекунанд.[99] Ба ақидаи Х.М. Мирзамонзода «аҳаммияти мавқеъҳои ҳуқуқии Суди конститутсионӣ дар он ифода меёбад, ки мавқеи он нисбат ба конститутсия мутобиқат доштани санад ё меъёри муайян намуна (қоида) мебошад ва мақомоти қонунгузор, судӣ, мақомоти дигар ва шахсони мансабдор бояд ҳангоми ҳалли масъалаҳои мансуб ба доираи салоҳияташон, дастури кори худ қарор диҳанд.»[100].

Пас аз тадқиқи пешниҳодҳои олимони ватанӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ чунин мешуморем, ки мавқеи Суди конститутсионӣ дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Суди конститутсионӣ мавқеи худро оид ба масъалаи мушаххас муайян намуда, ҳам ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва ҳам ба таҷрибаи дар кишвар вуҷуддошта такя мекунад. Ғайр аз ин, дар қарорҳои он муносибати назариявӣ ба мушкилоти ҳуқуқии мавҷуда инъикос ёфта, тафсирҳои асосии дарки падидаҳои мушаххаси ҳуқуқиро муайян мекунанд.

Бинобар ин, ба Суди конститутсионӣ вогузор намудани ҳуқуқи муайян кардани мавқеи ҳуқуқӣ дар заминаи дорои ҳуқуқи тафсири Конститутсия ва қонунҳо набудани он имконият медиҳад далелҳоеро муқаррар намояд, ки барои асосноккунии хулосаи ниҳоии Суди конститутсионӣ оид ба парвандаи мушаххас оварда шудаанд.

Самти дигари муҳимми фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар илми ватанӣ мавриди баррасӣ қарор дорад, шарҳи Конститутсияи ҶТ ва қонунҳо, инчунин ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории мақомоти судӣ мебошад. Масъалаи тафсир намудан аз лаҳзаи вогузории вазифаи сохтори давлати ҳуқуқбунёд ва дарки зарурати назорати мазмуни ҳуқуқии қонун хеле фаъол гардид. Дар баробари тафсир намудан, ҳокимияти судӣ бо шартҳои муайян метавонад қонунгузориро, масалан, ба воситаи таҷрибаи ҳуқуқшиносӣ пурра намояд.

Оид ба ин масъала дар илми ватанӣ ақидаҳои зиёде баён шудаанд, ки бештари онҳо тарафдори додани ҳуқуқи тафсири Конститутсия ва қонунҳо ба Суди конститутсионӣ мебошанд. Муаллифони ватанӣ ба қарорҳои мақомоти олии судӣ ҳамчун санади тафсирӣ камтар эътибор медиҳанд.

Ба моҳияти худи баҳс диққати амиқ надода, мехостем як мушкилоти дигареро, ки дар ин замина вуҷуд дорад, яъне эътироф накардани санадҳои

---

[97]Ниг.: Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан. дис. … канд. юрид. наук. – – Душанбе, 2020. – 184 с
[98]Ниг.: Диноршоев А.М. Понятие правовой позиции Конституционного суда // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 2. – С. 7–10.
[99] Ниг.: Диноршоев А.М. Асари ишорашуда. – С. 7–10.
[100]Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Асари ишорашуда. – С. 338.

тафсирии судӣ, ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ, муайян кунем. Оид ба масъалаи мазкур дар илм тадқиқоти гуногун мавҷуданд ва дар доираи онҳо таҳти мафҳуми категорияи сарчашмаи ҳуқуқӣ танҳо санадҳои меъёрӣ дар назаранд. Чунин муносибат аз ҷониби қонунгузорони ватанӣ низ истифода шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои мақомоти судӣ ба сарчашмаи ҳуқуқ мансуб дониста нашудаанд.

Дар байни олимони ватанӣ мавқеи дигар бартарӣ дорад. Аз ҷумла, К.Н. Холиқов чунин ишора менамояд, ки «санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби дар онҳо мавҷуд будани меъёрҳои ҳуқуқии муқарраркунанда, тағйирдиҳанда ё бекоркунанда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд. Бинобар ин, ӯ ба чунин хулоса меояд, ки санадҳои муайянкунандаи тартиби пешбурди мурофиаҳои судии конститутсионӣ, қарорҳое, ки дар онҳо мутобиқати санадҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия мукаррар шудаст, масъалаҳои шарҳи меъёрҳои Конститутсия ва ғайра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд ва мувофиқан, ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи конститутсионӣ амал мекунанд[101]. М.А. Маҳмудзода чунин ақида дорад, ки «вобаста ба муҳим будани қарорҳои мақомоти назорати конститутсионӣ дар рушди низоми ҳуқуқӣ, инчунин нақши он дар таъмини қонунияти конститутсионӣ дар кишвар эътироф кардан мумкин аст, ки санадҳои Суди конститутсионӣ ҳамчун сарчашмаи нави ҳуқуқӣ амал мекунанд ва тавассути он Суди конститутсионӣ функсияи ҳуқуқислоҳкунандаро оид ба вазифаи ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ба таъмини волоияти Конститутсия нигаронида шудааст, иҷро менамояд»[102].

Дар навбати худ, Ф.Н. Абдуллозода низ ба аҳаммияти қарорҳои мақомоти олии судӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад[103].

Дар ин замина, чунин мешуморем, ки дар шароити муосир эътирофи нақши сарчашмаи ҳуқуқ будан барои санадҳои судии алоҳида ба самарабахшии бештари меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда мусоидат мекунад. Сабаб дар он аст, ки дар амал робитаи байни фаъолияти суд ва фаъолияти қонунгузорӣ таъмин карда нашудааст. Амалияи судӣ аз фаъолияти қонунгузорӣ алоҳида вуҷуд дорад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, агар санадҳои тафсирии мақомоти олии судӣ (аз ҷумла Пленумҳои суди олӣ) ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ эътироф карда шаванд, хусусан аз он сабаб, ки ҳуқуқэҷодкунии судиро олимони ватанӣ хеле пештар эътироф кардаанд. Тақвияти санадҳои судӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ, ба андешаи мо, ба ҳокимияти судӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро нисбатан босамар таъмин намояд.

Оид ба масъалаи такмил додани фаъолияти ҳокимияти судӣ сухан ронда, ба масъалаи дигари баҳсбарангез, ки дар байни муаллифони ватанӣ фаъолона муҳокима мешавад, яъне ба ҳокимияти судӣ додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, дахл накардан мумкин нест. Тавре маълум аст, то ислоҳоти конститутсионии соли 2003 ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият ин ҳуқуқро дошт.

Зарурати барқарорсозии чунин ваколати мақомоти судиро асоснок намуда, олимони ватанӣ ба он ишора менамоянд, ки мақомоти болоии судӣ мақомоте мебошанд, ки дар ихтиёри худ оид ба он ки қонунҳо чӣ тавр амал мекунанд, мушкилоту норасоии амалигардонии онҳо дар чист, маълумоти зиёд доранд. Дар

---

[101]Ниг.: Холиков К.Н. Конституционный суд и конституционное судопроизводство в Таджикистане. – Душанбе, 2014. – С. 129.
[102]Ниг.: Махмудзода М.А. Роль и значение решений Конституционного суда Республики Таджикистан в преодолении законодательных пробелов и правовой неопределенности / Правовая политика и демократическое государство: Сборник статьей и выступлений. – На тадж.яз. – Душанбе, 2017- С. 26.
[103]Ниг.: Абдуллозода Ф.Н. Асари ишорашуда. – С. 32.

асоси ин гуна маълумот судҳо имкон доранд ба фаъолияти қонунэҷодкунӣ мусоидат намуда, ба норасоиву камбудиҳои соҳаи қонунгузорӣ диққатро ҷалб намоянд. Ҳол он ки дар қонунгузорӣ ба судҳо тааллуқ доштани ҳуқуқи мазкур ғайримустақим ишора шудааст. Ҳамин тариқ, дар моддаи 22 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ин гуна ваколати Суди Олӣ ба таври зерин қайд гардидааст «…ба мақомоти дахлдор пешниҳодҳоро оид ба такмили қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод менамояд».

Таҷриба нишон медиҳад, ки пешниҳодҳои судҳои зинаи болоии ҶТ оид ба навсозии қонунгузорӣ дар матни қонунҳо аз тарафи мақомоти олии қонунгузор қариб дар шакли бетағйир қабул карда мешаванд. Илова бар ин, назарияи ҳуқуқ таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаи қонунро ҷузъи ҷудонопазири ташаббуси қонунгузорӣ меҳисобад. Аз ин сабаб, аз ҷиҳати назариявӣ зикр намудан мумкин аст, ки ин гуна муқаррароти Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба маънои васеъ вогузор намудани ташаббуси қонунгузорӣ ба судҳои зинаи болоии ҶТ мебошад.[104]

Мавқеи муаллифони ватаниро оид ба ин масъала ҷамъбаст намуда, қайд кардан мехостем, ки умуман, пешниҳоди ба мақомоти ҳокимияти судӣ додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дастгирӣ мекунем. Дар баробари ин, ҳуқуқи зикргардида дар заминаи ҳокимияти судӣ метавонад тағйир дода шавад, яъне дар асоси махсусиятҳои фаъолияти мақомоти судӣ ин ҳуқуқро на ба ҳамаи судҳои низоми судӣ, балки танҳо ба Суди конститутсионӣ додан мумкин аст.

Самти дуюми такмили ҳокимияти судӣ, тавре пештар қайд кардем, самти ташкилӣ мебошад. Ба ин самт омилҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ, аз ҷумла, хусусиятҳои таърихии рушди давлат дар маҷмуъ ва ҳокимияти судӣ, ҷанбаҳои иқтисодӣ, маънавӣ ва сиёсии рушди давлат, вазъи қонунгузорӣ ва амалисозии он, сатҳи шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон таъсир мерасонад.

Дар ин сурат давлат бояд ба ин омилҳо таъсир расонда, барои ташаккул ва рушди ҳокимияти судӣ ва фаъолияти он дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароити мусоид фароҳам орад.

Ҳамин тариқ, омили муҳимми рушд ва фаъолияти босамари ҳокимияти судӣ таъмини суботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ мебошад. Ба омили мазкур якчанд маротиба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ишора намуда, дар Паёми худ ба парламенти кишвар аз 23 декабри соли 2022 чунин қайд намудаанд: «рушди устувор ва босуръати кишвар, махсусан татбиқи стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар таъмини саривақтӣ ва босифати заминаи ҳуқуқиро тақозо менамояд. Вазифаи мазкур аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парламенти кишвар, ҷоннок намудани фаъолияти худро талаб менамояд. Вазифаҳои ба зиммаи мо вогузоргардида таҳкими фаъолияти Маҷлиси Олиро бо мақсади қабул намудани қонунҳои мукаммал, босифат ва саривақтӣ талаб менамоянд. Вазифаи мазкур, дар навбати худ, робитаи ҳамешагии парламенти кишварро бо мақомоти дигари қонунэҷодкунанда, аз ҷумла субъектони дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда талаб дорад. Бо назардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолати судии субъектони ин гуна муносибат зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил ёбад»[105].

.Воқеан, барои татбиқи босамари ҳокимияти судӣ суботи сиёсию иқтисодии

---

[104] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Асари ишорашуда. – С. 56.
[105]Ниг.: Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23.12 соли 2022. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 29824 (санаи дастрасӣ: 14.11 соли 2022.).

давлатро таъмин намудан лозим аст, ки ба он аз ҷумла вазъи иқтисодиёт ва қонунгузорӣ, сатҳи шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ниҳояти кор, сатҳи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста аст.

Соҳаи дигари муҳим масъалаи такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Мутаассифона, судҳо ҳамчун мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда, аксар вақт бо норасоиҳое дучор мегарданд, ки дар қонунгузории амалкунандаи кишвар мавҷуданд. Барои ҳалли ин масъала дар Тоҷикистон Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 қабул гардид. Зарурати такмили қонунгузорӣ дар соҳаи муносибатҳои баррасишаванда сатҳи сифатан нави қонунгузорӣ ва худи қонунҳоро дар назар дорад, чунки сифати як қатор қонунҳои дар даҳсолаи охир қабулгардида сазовори интиқоди ҷиддӣ мебошанд, зеро дар онҳо мухолифат дида мешавад, ба онҳо доим тағйиру иловаҳо ворид мегарданд, аз ҷумла бо сабабҳое, ки хусусияти объективии зарурӣ надоранд, механизми татбиқи меъёрҳо на ҳамеша пешбинӣ мешавад. Дар натиҷа, он боиси афзун гардидани субъективизм дар фаъолияти судӣ, дар аксар мавридҳо боиси ба миён омадани хараҷу мараҷ дар амалияи судӣ ва поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мегардад.

Самарабахшии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сатҳи шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар низ вобаста аст. Тавре муаллифони ватанӣ қайд мекунанд, «ҳокимияти судӣ ҳамчун арзиш ифодагари марҳилаи тамаддунии рушди давлат ва ҷомеа, дараҷаи рушди конститутсионализми давлатӣ мебошад. Ба ибораи дигар, пайдоиши ҳокимияти судӣ ҳамчун арзиш бо рушди принсипҳои демократии ҳаёти ҷамъиятӣ, шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо алоқаманд аст. Дараҷаи онҳо ҳар қадар баланд бошад, нақши ҳокимияти судӣ дар давлат ва ҷамъият ҳамон кадар зиёд мегардад[106].

Тавре Э.С. Насурдинов қайд менамояд: «Андеша, фаҳмиш, консепсия ва назарияҳое, ки ба ҳимоя ва коркарди арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ алоқаманданд, дар робита бо андешаи давлати ҳуқуқбунёд ташаккул ёфтаанд ва барои худ роҳ кушодаанд», зеро воқеан, асоси давлати ҳуқуқбунёдро ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад[107].

Дар навбати худ, Ҷ. Саъдизода қайд менамояд, ки «нақши фарҳанги ҳуқуқии инсонро дар амалишавӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чунин арзёбӣ кардан мумкин аст:

1) фарҳанги ҳуқуқии инсон фарогири арзишҳои фарҳангӣ-ҳуқуқии мусбате мебошад, ки ба амалишавии ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд;

2) он дар шуури инсон фаҳмишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва нишондодҳои арзиширо оид ба зарурати эҳтиром ва риояи ҳуқуқи инсон ташаккул медиҳад;

3) тавассути ҳавасмандсозии рӯҳӣ ба равон (психология) ва шуури шахс таъсир расонида, бо ёрии арзишҳои ахлоқӣ дар ҳар як фард аз рӯи эҳтиром муносибат кардан ба инсонро тарғиб месозад;

4) фарҳанги ҳуқуқии инсон дар ҷараёни таълим ва омӯзиш, тарбияи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, маҳз тавассути стандартҳои таълимӣ дар шуур ва рафтори инсон ба шакли одати нек мубаддал мегардад;

---

[106]Ниг.: Насрудиинов Э.С. Асари ишорашуда.– С. 122.; Мирзамонзода Х.М. Асари ишорашуда. – С. 78.

[107]Ниг.: Насрудиинов Э.С. Асари ишорашуда. – С. 134.

5) фарҳанги ҳуқуқии инсон барои барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд, ки яке аз талаботи он сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аст, хизмат мерасонад»[108].

Дар робита ба ин масъала аз ҷониби Ҳукумати ҶТ пайваста силсилаи тадбирҳои мақсаднок андешида мешаванд. Аз ҷумла, қабули як қатор барномаҳои муҳимми давлатӣ, ба монанди Барномаи системаи давлатии омӯзиши ҳуқуқи инсон аз 12-уми июни соли 2001.; Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ барои солҳои 2009-2019 аз 29-уми апрели соли 2009.; Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 аз 3-юми декабри соли 2012 далели равшани сиёсати ҳадафмандонаи кишвари мо дар самти ҳуқуқи инсон ва афзун намудани фарҳанги ҳуқуқии инсон ба ҳисоб меравад. Дар Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 аз 3 декабри соли 2012 бисёр бамаврид ишора шудааст: «Ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маданияти баланди ҳуқуқиро талаб менамояд, ки бе он чунин арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, ба монанди волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд наметавонанд пурра амалӣ шаванд».

Андешидани чунин тадбирҳо ба баланд бардоштани сатҳи шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон равона гардидааст. Сатҳи шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон ҳар қадар баланд бошад, фаъолияти ҳокимияти судӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамон кадар босамар мегардад.

Бояд зикр намуд, ки ба ғайр аз самти омилҳои зикршудаи такмили ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омили дигаре низ ҳаст, ки баъзе ислоҳҳоро тақозо мекунад ва он махсусиятҳои шахсии ҳайати судҳо мебошанд. Нуфузи ҳокимияти судӣ дар ҷамъият ва самарабахшии онро бештар шахсияти судя, рафтори ӯ чӣ дар дохили бинои суд ва чӣ дар ҳаёт муайян мекунад. Судя бояд мутахассиси баландпоя, дорои фарҳанги баланди ҳуқуқӣ ва умумӣ бошад. Ӯ бояд ба ҳикмати зиндагӣ, ақидаҳои мутавозин хос бошад. Ӯ набояд фаромӯш кунад, ки ҳар як сухани гуфтаи ӯ, аксаран ҳамчун андешаи давлат, ҳокимият қабул мешавад. Ба гуфтаи одилонаи В.Ф.Яковлев, «сифати фаъолияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо сатҳи касбият ва сатҳи масъулиятшиносии судя муайян мегардад»[109].

Дар ин замина бо мавқеи Ф.Н. Абдуллозода розӣ шудан лозим аст, ки чунин қайд мекунад: "ҳамзамон дар раванди гуфтаҳои боло мебоист махсусан муқаррароти минбаъдаи барномаи судӣ–ҳуқуқиро нисбати таҳкими қонунгузорӣ ҷиҳати баландбардории сатҳи касбияти судя, фарҳанги маънавию ҳуқуқӣ, фарҳанги муошırати касбии судяҳо, адолат ва ахлоқу одоб, шоистаи номи худ будан, бо маҳорати касбӣ анҷом додан, поку бовиҷдон будан, дар ҳама вазъият шаъну шарафи шахсии худро нигоҳ доштан, аз ҳамаи он амале, ки метавонад нуфузи ҳокимияти судиро паст занад ва ба номи неки судя зиён расонад, худдорӣ намудан, зикр намудан ва ин ҳама нуктаҳоро қабул намудан мувофиқи мақсад мебуд. Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари мо, судяҳо ҳамчун барандагони ҳокимияти давлатӣ бояд дорои хислатҳои баланди корӣ ва маънавӣ бошанд. Бо ин мақсад аз ҷониби Иттиҳодияи судяҳо бо таҳрири нав Кодекси одоби судяҳо коркард ва қабул гардид, ки ҳамаҷониба ва бо таври комплексӣ рафтори судяҳоро танзим менамоянд. Зарурати қабули Кодекси нав аз он бармеомад, ки ҳуҷҷати пешина ба

[108]Ниг.: Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дисс…. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – С 129.
[109]Ниг.: Яковлев В.Ф. Нам следует сохранить сложившуюся судебную систему. Выступление на V Всероссийском съезде судей // Российская юстиция.- 2001.- № 4- С. 7.

талаботи вақт ҷавобгӯ набуд»[110].

Самтҳои функсионалӣ ва ташкилии такмили ҳокимияти судӣ, фаъолияти он оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муайян намуда, бояд қайд кард, ки ҳама соҳаҳои зикргардида дар робитаи мутақобилаи низомӣ қарор доранд. Ин маънои онро дорад, ки бе такмили соҳаҳои ташкилӣ такмили соҳаҳои функсионалӣ ғайриимкон аст. Дар баробари ин, такмили самтҳои ташкилӣ ҳатман такмили самтҳои функсионалиро дар назар дорад. Масалан, бидуни такмил додани соҳаи иқтисодии давлат таъсис додани судҳои махсусгардондашуда (маъмурӣ, судҳои кор бо ноболиғон) ғайриимкон аст; бе ворид намудани тағйироти дахлдор ба қонунгузории амалкунанда фаъолияти ҳокимияти судиро оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи назорати меъёрии судӣ такмил додан мумкин нест.

**Адабиёт:**


1. Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ –ҳуқуқӣ): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020.
2. Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021.
3. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан.- Душанбе 2007.
4. Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. - Душанбе, 2015. – 225 с.
5. Диноршоев А.М. Понятие правовой позиции Конституционного суда // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 2. – С. 7–10.
6. Ибрагимов С.И. Административная юстиция в Республике Таджикистан и странах Центральной Азии: концептуальные подходы. -Душанбе: «Дониш», 2015.- 627с.
7. Ойев Х., Марифхонов Р.Н. Административно-процессуальное право Республики Таджикистан: учеб. пособие.- Душанбе, 2016- 384 с.
8. Ойев Х., Марифхонов Р.Н. Административно-процедурное производство в Республике Таджикистан: учеб. метод. пособие /под общ. ред. д-р. юрид. наук А.М. Диноршоева.- Душанбе: Эр-граф, 2017.-252 с.
9. Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан: дис. …канд. юрид. наук. М., 2017.- 200 с.
10. Махмудзода М.А. Роль и значение решений Конституционного суда Республики Таджикистан в преодолении законодательных пробелов и правовой неопределенности / Правовая политика и демократическое государство (Сборник статьей и выступлений). (на тадж.яз). – Душанбе, 2017- С. 26
11. Насрудиинов Э.С. Правовая культура-М.,Норма,2014– 352 с.
12. Обидова М.Н. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба иштирок дар татбиқи адолати судӣ: тадқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... н. илмхои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2021.
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23/12/2022. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 29824 (санаи дастрасӣ: 14.11 соли 2022).
14. Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики


[110]Ниг.: Абдуллозода Ф.Н. Асари ишорашуда. – С. 54.

Таджикистан. дис. … канд. юрид. наук. – – Душанбе, 2020. – 184 с.
15. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дисс.... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 241 с.
16. Холиков К.Н. Конституционный суд и конституционное судопроизводство в Таджикистане.- Душанбе 2014.
17. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.
18. Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007.
19. Ибрагимов С.И. Административная юстиция в Республике Таджикистан и странах Центральной Азии: концептуальные подходы. -Душанбе: «Дониш», 2015.- 627с.
20. Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан: дис. …канд. юрид. наук. М., 2017.- 200 с.
21. Яковлев В.Ф. Нам следует сохранить сложившуюся судебную систему. Выступление на V Всероссийском съезде судей // Российская юстиция. - 2001.- № 4. – С. 3 – 8.

**Исозода Б. Ч.**

**Фишурда**

**Дурнамои такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд**

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд намудааст, ки дар зиёда аз 30 соли соҳибистиқлоли дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии баамаломада ба тамоми шохаҳои ҳокимият таъсир расонида, таваҷҷӯҳи муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқро ба ташкил ва фаъолияти падидаҳои гуногуни ҳокимият, аз ҷумла ҳокимияти судӣ ба миён овард. Ҳамзамон ба андешаи муҳаққиқ ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии дар кишвар гузаронидашуда тасдиқи мустақилияти ҳокимияти судиро дар механизми давлатӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият гузоштанд. Барои иҷрои ин вазифа аллакай корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Аммо раванди ислоҳот ва такмили ҳокимияти судӣ ва фаъолияти он ба ҳеҷ ваҷҳ ба анҷом нарасидааст. Барои ин сабабҳои муайяни объективӣ ва субъективӣ мавҷуданд. Ба андешаи муаллиф дар давлат ва ҷомеа равандҳои мураккаб идома доранд, ки аксар вақт раванди ислоҳоти фаъолияти ҳокимияти судиро бозмедоранд. Бо вуҷуди он ки солҳои охир дар Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти самараноки ҳокимияти судӣ як қатор тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкили андешида шудаанд, ҳанӯз ҳам соҳаҳо ва самтҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ боқи мондаанд, ки ба ислоҳот ниёз доранд.

**Исозода Б. Ч.**

**Аннотация**

**Перспективы совершенствования деятельности судебной власти Республики Таджикистан по обеспечению прав и свобод человека и гражданина**

В данной статье автор отметил, что за более чем 30 лет независимости в Республике Таджикистан политические, экономические и социальные изменения затронули все ветви власти и привлекли внимание исследователей-правоведов к организации и функционированию различных явлений правительства, включая судебную власть. В то же время, по мнению исследователя, проведенные в стране судебно-правовые реформы подтвердили независимость судебной власти в

государственном механизме как самостоятельной ветви власти. Для выполнения этой задачи уже проделана большая работа. Однако процесс реформирования и совершенствования судебной власти и ее деятельности ни в коей мере не завершен. Тому есть определенные объективные и субъективные причины. Несмотря на то, что за последние годы в Таджикистане был принят ряд правовых и организационных мер для эффективного функционирования судебной власти, все еще остаются области и сферы судебной власти, которые нуждаются в реформировании.

**Isozoda B. Ch.**

**The summary**

Prospects for improvement of the activity of the judiciary in the Republic of Tajikistan to ensure the rights and freedoms of people and citizens

In this article, the author noted that in more than 30 years of independence in the Republic of Tajikistan, the political, economic and social changes have affected all branches of government and have attracted the attention of legal researchers to the organization and operation of various phenomena of government, including the judiciary. At the same time, in the researcher's opinion, judicial and legal reforms carried out in the country confirmed the independence of the judiciary in the state mechanism as an independent branch of power. A lot of work has already been done to fulfill this task. According to the author, complex processes are ongoing in the state and society, which often stop the process of reforming the judiciary. Despite the fact that in recent years, a number of legal and organizational measures have been taken in Tajikistan for the effective functioning of the judiciary, there are still areas and areas of the judiciary that need reform.

**Муқаррizи мақола Қодиров Ҷ. Ш. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

II. ИЛМҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 2)

II. ПУБЛИЧНО – ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО – ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 2)

**ВБД: 343.11(575.3)**

**Ғаюрзода Ш. К.**,*
**Хоҷаева Н*.**

# МАФҲУМ ВА НИШОНАҲОИ МУФЛИСШАВӢ

Калидвожаҳо: давлат, қонун, Кодекси маданӣ, суд, муфлисшавӣ, эътироф, нодорӣ, соҳибкори инфироди, фаъолияти соҳибкорӣ, кредитор, қарздор, қарз, уҳдадорӣ, талабот, ариза, навбат, протседура, ваколатҳо, вазифаҳо, танзими ҳуқуқӣ, хусусиятҳои мурофиавӣ.

Ключевые слова: государство, закон, Гражданский кодекс, суд, банкротства, признание, неплатёжеспособность, индивидуальный предприниматель, предпринимательская деятельность, кредитор, должник, долги, обязательства, требование, заявление, очередность, процедура, полномочие, задачи, правовое регулирование, процессуальные особенности.

Keywords: state, law, Civil Code, court, bankruptcy, recognition, insolvency, individual entrepreneur, entrepreneurial activity, creditor, debtor, debts, obligations, claim, statement, priority, procedure, authority, tasks, legal regulation, procedural features.

Дар байни муҳаққиқон фаҳмиши ягона ва бебаҳс оид ба муфлисшавӣ вуҷуд надорад. Сабабҳои чунин ҳолат асосан объективӣ мебошанд, чунки мо дар гузашта сотсиализмро дидем ва дар он ба шахсият табдил ёфтем. Сотсиализм ҳамчун сохти хоҷагидории нақшавӣ, давлатӣ ва ғайра, муфлисшавиро инкор мекард. Вале ҳоло сотсиализм нест. Мо дар шароити соҳибистиқлоли миллӣ ва қонунгузории нав қарор дорем, ки давраи таъсисёбӣ ва инкишофро азсар мегузаронад.

Яке аз сабабҳои набудани фаҳмиши умумии муфлисшавӣ дар номукаммал будани қонунгузорӣ мебошад. Дар айни замон дар танзими муфлисшавӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) мафҳуми он дар як чанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд: Кодекси мадании ҶТ, Қонуни ҶТ дар бораи муфлисшавӣ ва ғайра. Аз ин рӯ бояд қайд намуд, ки Кодекси мадании ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» дар масъалаҳои моддӣ- ҳуқуқии ин масъалаи баёншуда, муайянкунандаи асосии муфлисшавӣ ва масоили дигари ба он вобаста мебошанд. Ҳамзамон масъалаҳои мурофиавии танзими муфлисшавӣ хусусиятҳои худро дорад. Дар он субъектони махсус, ба монанди соҳибкорони инфиродӣ ва баъзе шахсони ҳуқуқӣ, ки метавонанд муфлис эътироф карда шаванд. Вале тақдири муфлисшавии шахсони воқеие ки соҳибкор нестанд, номаълум аст.

Ҳамин тавр, дар шароити кунунӣ масъалаҳои ҷудо намудани вазъи соҳибкори инфиродӣ ва шахси воқеие, ки соҳибкор нест, вале метавонад муфлис гардад, ҳалли худро пайдо накардааст. Вазъи ҳуқуқии соҳибкори инфиродӣ

*Доктори илмхои хукукшиноси, профессор, мудири кафедраи хукуки мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

*Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

духура боқӣ мемонад. Вай аз як ҷиҳат шахси воқеӣ мебошад. Ҳамзамон дар баъзе муносибатҳои молумулкии андозбандӣ ба шахси ҳуқуқӣ баробар карда мешавад.

Тибқи қисми якуми моддаи 26 Кодекси мадании ҶТ аз 24. 12 соли 2022, № 1918, соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ қодир нест, бо санади судӣ мумкин аст муфлис эътироф гардад[111].

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ соҳибкорӣ якчанд маъно дорад. Якум, маънои корфармоӣ, дуюм, маънои мондани ягон кор; корчалонӣ. Истилоҳи "соҳибкор" маънои сардори кор, корфармо, хуҷаин, он ки кореро ба роҳ мемонад, дорад.[112]. Чалондан маънои дигар дорад. Дар муомила (савдо) ба кор бурдани пулро ва ё бо хариду фурӯш зиёд намудани пулро чалондан меноманд[113]. Аз ин мафҳумҳо бармеояд, ки соҳибкорӣ яке аз намудҳои муносибатҳои молу мулкӣ мебошад. Барои дарк намудани мафҳуми "фаъолият" аз Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ истифода мекунем. Тибқи он "фаъолият" ҳамчун кӯшиш, серҳаракатӣ ва ҷиддият дар иҷрои кор, ғайрат ва ҷидду ҷаҳд дар кор фаҳмида мешавад[114]. Аз ин мафҳум бармеояд, ки моҳиятан фаъолияти инсон ва ё иттиҳодияҳои онҳо табиати ҷамъиятӣ дорад, зеро бо иштироки шахсони ташаббускор ва нававар анҷом дода мешавад. Ба андешаи баҳсноки гуё "фаъолият, категорияи мустақил буда, аз маҷмӯи амалҳои алоҳида иборат мебошад, ки ба воситаи онҳо муносибатҳои гуногуни субъектҳои ҳуқуқ амалӣ мешавад. Маҷмуи амалҳое, ки ба мақсади ягона, дар фаъолияти соҳибкорӣ бошад, ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ, гирифтани фоида равона шудаанд, фаъолиятро ташкил медиҳанд." Ба андешаи мо истилоҳи "фаъолият" истилоҳи маҳсулӣ мебошад, бинобар ин вайро мустақил гуфтан маънои ба назар нагирифтани унсурҳои таркибии онро дорад. Фаъолият дар забони тоҷикӣ амали холӣ нест, балки маънои ташаббускорӣ ва навовариро дорад. Унсури асосии он шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқии ташаббускор ва нававар буда, бо чунин сифат на танҳо соҳибкор, балки дигар субъектони ҳуқуқи маданӣ баромад карда метавонанд. "Ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ" хосси танҳо фаъолияти соҳибкорӣ нест. Тибқи қисми 2 моддаи 3 Кодекси мадании ҶТ шахсони болозикр ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд. Онҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ дар асоси шартнома ва муайян намудани шартҳои шартнома, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, озоданд. Бинобар ин, "ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ" истилоҳи озод, яъне субъективӣ буда, ҳар як субъекти ҳуқуқи маданӣ дар муқаррар намудани он мустақил аст. Дар фаъолияти соҳибкорӣ эҳтимолияти гирифтани даромади зиёд бо сабабҳои азҳад зиёд будани таваккалӣ ба эҳтимолияти муфлисшавӣ табдил шуданро дошта метавонад. "Гирифтани фоида" хосси танҳо фаъолияти соҳибкорӣ нест, зеро иштирокдорони дигари муносибатҳои молумулкӣ, масалан муассиса ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар асоси оинномаашон метавонанд ба гирифтани фоида машғул шаванд. Тибқи қисми 2 моддаи 125 Кодекси мадании ҶТ "иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Онҳо танҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои оинномавиашон ҳуқуқ

---

[111]Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.08 соли 2023).

[112] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – О – Я. – Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008. – С. 269.

[113] Ҳамон ҷо. – С. 548.

[114] Ҳамон ҷо. – С. 412.

доранд фаъолияти истеҳсолӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ анҷом диҳанд.[115]” Ё мутобиқи қисми 2 моддаи 339 кодекси болозикр: “Агар мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба муассиса иҷозат дода шуда бошад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад, дар он сурат даромад аз чунин фаъолият ва молу мулке, ки аз ҳисоби чунин даромад ба даст оварда шудааст, пурра ба ихтиёри муассиса гузашта, дар тавозуни алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.”[116]

Мувофиқи сархати якуми моддаи 4-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003, №46[117], аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ки аз ҷониби суд эътироф шудаанд ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст, муфлисшавӣ меноманд. Яъне агар яке аз чунин фактҳои ҳуқуқӣ ба монандӣ:

а) аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ;

б) иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ки аз ҷониби суд эътироф шудаанд;

в) қарздор қодир набуданашро эълон намояд, ҷой дошта бошад, суди иқтисодӣ метавонад қарздорро муфлис эълон намояд. Вале дар амалияи чунин нест. Кредитор бояд аз руйи ҷой доштани ҳар се фактҳои зикршуда, асоснокии муфлисшавӣ дошта бошад. Агар яке аз ин фактҳо асоснокии худро дар мурофиаи махсус оид ба факти муфлисшавӣ пайдо накунад, суд ариза дар бораи муфлис эълон намудани қарздорро рад мекунад.

Бояд гуфтки аз ин таъриф бармеояд, ки субъекти он умумӣ мебошад. Вале ин тавр нест. Шахсони воқеие ки ба фаъолияти соҳибкорӣ доимо машғул нестанд ё соҳибкори инфиродӣ намебошанд, дар асоси ин қонун муфлис эътироф намешаванд. Ин ақида бевосита аз моддаи 1 қонуни болозикр бармеояд. Тасдиқи худро дар танзими мурофиавӣ пайдо кардааст. Бинед, ки дар асоси сархати якуми қисми якуми моддаи 32 Кодекси мурофиаи иқтисодии ҶТ парвандаҳо дар бораи муфлисшавиро судҳои иқтисодӣ баррасӣ мекунанд.

Тибқи қисми якуми моддаи 26 Кодекси мадании ҶТ соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ қодир нест, бо санади судӣ мумкин аст муфлис эътироф гардад. Вале қонуни махсус шартҳои иловагии чунин эътироф гузоштааст, ки ба таҳлили махсус ниёз дорад.

Соҳибкори инфиродӣ дар сурате муфлис эътироф карда мешавад, ки агар уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмии пулиро дар мӯҳлати се моҳ аз лаҳзаи фаро расидани вақти иҷрои онҳо иҷро накарда бошад ва агар маблағи уҳдадориҳо аз арзиши молумулкт бо ӯ таалуқдошта зиёд бошад. Шахсони ҳуқуқӣ бошанд, дар сурате се моҳ аз лаҳзаи фаро расидани вақти иҷрои онҳо иҷро карда натавонанд.

Бинобар баррасӣ намудани масъалаи мазкур бояд асоси муфлисшавии қарздор муайян карда шавад ё ба ифодаи дигар чӣ гуна маҳакҳои (меъёрҳои) ғайриқобили пардохтӣ (муфлисшавӣ) ҷой доранд. Ба акидаи А.Р.Носиров муфлисшавии бонк ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ин аз ҳолати хусусии муфлисшавии бонкҳо ва аз тарафи дигар бинобар нақши бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар иқтисодиёти муосир, маҷмӯан аҳамияти муҳимро касб

[115]Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.08 соли 2023).

[116] Ҳамон ҷо.

[117]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ-2003.- С.674.

намудааст.[118]

Дар қонунгузории то революционӣ ду варианти ҷавоб ба ин савол вуҷуд дошт, аз ҷумла, Г.Ф. Шершеневич қайд менамояд, ки «Барои аз даст додани қобилияти пардохт ва оғоз намудани мурофиаи озмунӣ яке аз ду асосро бояд эътироф намуд: молумулкӣ, ё ин ки ғайриқобили пардохт будани қарздор. Дар ҳолати якум, имконияти бешубҳаи пурра қонеъ карда натавонистани талаби ҳар як кредитор ва дар ҳолати дуюм, эҳтимолияти пурра конеъ карда натавонистани ҳамаи кредиторҳо ҷой дорад. Дар ҳолати якум, факти муқарраркардашудаи аниқ ҷой дорад ва дар ҳолати дуюм, эҳтимолияти тахминӣ».[119]

Ҳамин тариқ, муҳаққиқон тарафдори чунин низоми муфлисшавие буданд, ки асоси онро на норасоии молумулкӣ, балки ғайриқобили пардохт будани қарздор ташкил медод.

Дар қонунгузории бархе аз кишварҳои хориҷӣ низ ҷиҳати муайян намудани аломатҳои муфлисшавӣ маҳаки адонашавандаи будани қарз ба инобат гирифта мешавад. Татбиқи чунин маҳак дар амалия ба он оварда мерасонад, ки баҳри оғоз намудани истеҳсолоти муфлисшавӣ кредиторҳо, бояд далелҳоеро пешниҳод намоянд, ки аз барзиёд будани уҳдадриҳои қарздор нисбат ба молумулкаш гувоҳӣ диҳанд.

Ба ақидаи С. Э. Жилинский дар Олмон барои оғоз намудани истехсолоти муфлисшавӣ қонун талаби молумулкиро кофиро дорад, ки барои рӯйпӯш намудани хароҷотҳои кори муфлисшавӣ басанда бошанд. Асоси умумии оғоз намудани чунин корҳо ғайриқобили пардохт шудани субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Ба сифати маҳаки иловагӣ зиёд будани уҳдадориҳои қарздор аз арзиши молумулки онҳо мебошад.[120]

Бояд қайд кард, ки қонун ба сифати яке аз аломатҳои муфлисшавӣ ҳаҷми минималии қарзи субъектро эътироф менамояд. Дар асоси моддаи 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» парвандаҳо дар бораи муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар судҳо аз рӯи қоидаҳои пешбининамудаи Кодекси мурофиаи судии иқтисодӣ бо хусусиятҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ карда мешаванд.

Парванда оид ба муфлисшавӣ аз ҷониби суд метавонад дар ҳолате оғоз карда шавад, ки агар талабот нисбат ба қарздорон - субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва дигар шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) дар маҷмӯъ на камтар аз 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва нисбат ба субъектҳои соҳибкории калон 2000 (ду ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил намояд. Бояд қайд намуд, ки таснифоти соҳибкории хурду миёна ва калон, соҳибкории занон, ҷавонон, соҳибкории иҷтимоӣ ва ғайра хосси Кодекси мадании ҶТ нест. Чунин таснифот таъиноти ҳуқуқи маъмурӣ дошта, барои андозбандӣ, маъмурияти он, инчунин барои дигар ҳадафҳои танзими давлатии соҳибкорӣ анҷом дода мешавад. Чунин ҳолат барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои мадании соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқи метавонад монеаи маъмурӣ ба вуҷуд орад. Масалан, агар талаби кредитор ба қарздорон - субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва дигар шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) дар маҷмӯъ на камтар аз 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва нисбат ба

---

[118]Ниг.: Носиров А.Р. Правовой маханизм несостоятельности (банкротства) банков и иных кредитных организаций по законодательству Республики Таджикистан: автореферат дисс.… на соискание ученой степени канд. юрид. наук. - Душанбе, 2008.- С.3.

[119]Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Торговое право: учебник.- М.,1994.- С.88.

[120]Ниг.: Жилинский С.Э. Предпринимательское право (правовая основа предпринимательской деятельности): Учебник для вузов.-3-е изд., и доп.-М.: Изд-во НОРМА (Изд.группа НОРМА-ИНФРА.).- М.,2000.- С.56.

субъектҳои соҳибкории калон 2000 (ду ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо набошад (камтар ё зиёд бошад), пас муфлисшавӣ ҷой надорад? Кредитор чи кор кунад?, Ба куҷо муроҷиат намояд?

Сабти қонунии ҳаҷми минималии талаботҳои кредиторҳо чунин маъно дорад, ки ҳуқуқи кредиторхо бинобар мавчуд будани талаблтҳои муайяншудаи минималӣ метавонанд ҳимоя карда шаванд, ҳангоми вуҷуд надоштани онҳо механизми ҳимояи ҳуқуқи кредиторҳо татбиқнашаванда аст. Ҳамзамон ин чунин маъно надорад, ки ҳангоми татбиқ намудани расмиётҳои муфлисшавӣ ҳуқуқи кредиторҳое, ки ҳаҷми талаботи онҳо аз ҳаҷми талаботи минималии бо қонун муқаррааргардида камтар бошад, ҳимоя карда намешаванд.

Талаботи минималии кредиторҳо на бо назардошти ҳуқуқи кредитори алоҳида, балки аз ҳисоби маҷмӯи талаботи кредиторҳо, ки ҳаҷми талаботи ҳар кадоми онҳо аз ҳаҷми минималии бо қонун муқарраргардида камтар мебошад, муқаррар карда мешавад.

Маҳдудияти бо Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» муқаррар кардашудаи ҳаҷми минималии талаботҳо танҳо ба талаботҳои кредитори-аризадиҳанда дахл доранд, ки барои оғоз намудани расмиётҳои муфлисшавӣ зарур мебошанд. Пас аз оғози намудани маханизми муфлисшавӣ, инчунин талаботи дигар кредиторҳое, ба инобат гирифта мешаванд, ки ҳаҷми талаботи онҳо аз ҳаҷми минималии бо қонун муқарраргардида камтар мебошад.

Дар замони ҳозира муаммои муайян намудани ҳаҷми минималии талаботҳо ба вуҷуд омадааст, ки ҳам ба манфиати кредиторҳо ва ҳам ба манфиати қарздор мувофиқ бошад. Як катор муаллифон тарафдори зиёд намудани он мебошанд. Аз он ҷумла, П.Д. Баренбойм таклиф менамояд, ки ҳаҷми талаботҳо то 2-3 ҳазор ҳади ақали музди кор зиёд карда шавад.[121]

Дигарон зарурати бо қонун муқаррар намудани талаботҳоро зери шубҳа гузошта, қайд мекунанд, ки чунин ҳолат дар адабиётҳои ҳуқуқии Британияи Кабир кайҳо ҷой дошт ва таҷрибаи онҳо бараъкси гуфтаҳои боло мебошад. Ҳаддӣ минималӣ ҳеҷ гоҳ ҳаҷми ҳақиқӣ ва доираи муфлисшавиро таҷассум карда наметавонанд.[122]

Ба фикри гурухи дигар муҳаққиқон, хаҷми минималии қарзе, ки ба сифати шарти асосии оғоз намудани мурофиаи муфлисшавӣ дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст, пурра асоснок мебошад. Дар баробари ин, заруриати татбиқи тафриқавии муайян намудани ҳаҷми қарздориро вобаста ба ҳолати ҳуқуқӣ ва намуди субъекти фаъолияти соҳибкорӣ қайд менамоянд.[123]

Ба андешаи мо чунин ҳадгузорӣ барои рушди соҳибкорӣ монеа ба вуҷуд меорад. Қарздор қарздор мемонад, кредитор аз имкониятҳои муфлис эълон намудани он бархурдор шуда наметавонад.

Мутобиқи моддаҳои 26 ва 66 Кодекси мадании ҶТ муфлисшавӣ муқаррар шудааст. Мувофиқи қисми дуюми моддаи 66 қонуни болозикр, корхонаҳои махсус, субъектони ҳуқуқи идораи оперативӣ, масалан «Тиллои тоҷик», муассиса, фонд ва ташкилоти динӣ муфлис шуда наметавонанд. Муассис ба ин чиз роҳ намедиҳад. Ашёи гирифтаашро бармегардонад ё қарзаша ба зиммаи худ мегирад. Дигар шахсони ҳуқуқие, ки корхонаҳои махсус, муассиса, фонд ва ташкилоти динӣ намебошанд, муфлис эътироф шуданашон имконпазир мебошад.

Ҳамин тариқ, вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии шахсӣ ҳуқуқӣ қарор аз

---

[121]Ниг.: Баренбойм П.Д. Правовые основы банкротства: учебное пособие.- М., 1995.- С.25.

[122]Ниг.: Васильев Е.А. Правовое регулирование конкурсного производства в капиталистических странах: учебное пособие.- М.,1989.- С.44.

[123]Ниг.: Карелина С.А. Правовые основы банкротства: учебное пособие.- М.,1995.- С.25.

ҷониби мақомоти ваколатдори он ва нисбати корхонаҳои воҳиди давлатӣ аз ҷониби молики онҳо қабул карда мешавад. Ҳангоми муайян намудани нишонаҳои муфлисшавӣ ва ҳаҷми талаботҳои ҳар яке аз кредиторони шахси ҳуқуқӣ аҳамияти хоса ба уҳдадориҳои қарзии пули он дода мешавад (карзҳо барои моли таҳвилшуда, кори иҷрокардашуда, хизмати расонидашуда, маблағҳои гирифтаи қарзӣ ва баргардониданашуда).

Дар асоси таҳлили қонунгузории муфлисшавӣ яке аз аломатҳои муфлисшавии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби суди иқтисодӣ расман эътироф намудани муфлисшавӣ мебошад.

Парвандаҳо оид ба муфлисии шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳвардони ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифташуда, аз ҷониби суди иқтисодӣ ҳаллу фасл мешаванд (моддаҳои 8, 39 Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ»).

Қонунгузор ба суд оид ба танзими муфлисшавӣ ваколатаҳои ташкилӣ ва назоратиро додааст. Ваколатҳои дорои хусусияти ташкилӣ гуфта маҷмӯи амалиётҳои судиеро меноманд, ки дар ҳудуди тайёрӣ ва гузаронидани мурофиаи муфлисшавӣ ҷой доранд. Аз ҷумла суди иқтисодӣ аризаи муфлисшавии қарздоро бинобар риоя намудани талаботҳои муқаррарнамудаи Кодекси мурофиаи иқтисодӣ[124] ва қонун дар бораи муфлисшавӣ қабул менамояд ва агар як шарти пешбинӣ намудаи моддаи 30-ум риоя нашуда бошад, пас аризаро рад менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар Кодекси мурофиаи иқтисодӣ баррасии парвандаҳо оид ба муфлисшавӣ дар боби 25 ва моддаҳои 203 – 205 муқаррар шудаанд. Ҳамзамон риояи талаботҳои боби 13 ҳамин қонун “Пешниҳоди даъво” (моддаҳои 124–131) ҳатмӣ мебошад.

Дар доираи чорабиниҳои ташкилӣ, суд ариза, шикоят ва дархости шахсони иштирокчии кори муфлисшавиро дида мебарояд ва асоснок будани талаботҳои кредиторонро муқаррар менамояд. Ҷаласаи судӣ чиҳати тафтиш намудани талаботҳои кредиторон дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузаронида мешавад. Дар баробари ин ба мақсади муайян намудани аломатҳои муфлисшавии бадқасдона ва бардурӯғ ташхис таъин мекунад. Яке аз ваколатҳои суд дар ин давра аз он иборат мебошад, ки чораҳои заруриро барои оштӣ намудани тарафҳо меандешад. Вале ин боиси боздоштани истеҳсолоти кори муфлисшавӣ намегардад. Суди иқтисодӣ дар асои хоҳиши шахсони иштирокчиёни мурофиаи муфлисшавӣ чораҳои заруриро оиди таъмин намудани талаблтҳои кредиторон менадешад, аз ҷумла манъ намудани амалиётхои молумулкӣ, манъ намудани амалҳои муйян аз ҷониби қарздор ва шахсони дигар ва ғайра. Қонун дар бораи муфлисшавӣ ба суд инчунин ваколатҳои назоратиро низ пешниҳод намудааст. Масалан, мудиро барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳояш аз кор озод намояд, мухолифатҳои қарздорро тафтиш намояд, мудири озмуниро аз кор озод намояд ва ғайра.

Гарчанд, ки доираи субъектони дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» васеъ гардонида шудааст дар он меъёрҳои оид ба муфлисшавии соҳибкорони инфиродӣ ворид шуда, дорои меъёрҳои ифодакунандаи хусусияти муфлисшавии категорияи алоҳидаи қарздорон намебошад, ба монанди ташкилотҳои қарзӣ .[125]

Дигар нуқсони қонунгузории ҶТ дар бораи муфлисшавӣ дар он мебошад, ки як мафҳум дар як чанд қонун ифодаи мухталиф дорад ва ё ба маъноҳои гуногун истифода мегардад. Аммо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» аз чӣ сабаб бошад, ки мафҳуми муфлисшавӣ ва нодорӣ як ҳисобида мешаванд.

---

[124]Ниг.: Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул гардидааст // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 4, мод. 5; с. 2011, №12, мод. 840; с. 2012, №7, мод. 719; с. 2013, №3, мод. 180; с. 2015, №11, мод. 954; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 277; с. 2018, №1, мод. 7, №7-8, мод. 523; с. 2019, №1, мод. 7; с. 2020, №4-5, мод. 235, №12, мод. 905; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 692; с. 2022, №1-3, мод. 8, №7, мод. 441.
[125]Ниг.: Носиров А.Р. Асари ишорашуда. - С.10.

Ба ақидаи А.Р. Носиров байни муфлисшавӣ ва нодорӣ фарқият ҷой дошта, ӯ чунин мафҳумҳоро пешниҳод менамояд. Нодорӣ- ғайриқобил будани қарздор оид ба саривақт ва дар ҳаҷми пурра қонеъ намудани талаботи кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва иҷрои ухдадориҳо барои додани пардохтҳои ҳатмӣ мебошад. Муфлисшавӣ- аз тарафи суди иқтисодӣ эътироф намудан ва ё аз ҷониби худи қарздор эълон намудани надоштани қобилияти пардохт оид ба дар ҳаҷми пурра қонеъ намудани талаботи кредиторон оид ба ухдадориҳои пулӣ ва иҷрои уҳдадориҳо барои додани пардохтҳои ҳатмӣ мебошад, ки боиси нисбати қарздор таъин намудани истеҳсолоти озмунӣ гардидааст.[126]

Пас аз ин ҷо бар меояд, ки муфлисшавӣ нишонаи ҳатмии нодорӣ нест. Ташкилот метавонад бе тавсифи нодорӣ дар муфлисшавӣ нодор эълон гардад. Ҳолати доими ва муътадили нодорӣ ба пурра пардохтнопазирӣ оварда мерасонад ва қарздор наметавонад ба барқарор намудани ҳолати молиявии худ рӯ орад. Пас аз даст додани имконияти пардохти пурраи қарз нодор ба муфлис мубаддал мегардад.

Ҳамин тариқ зарур аст, ки мафҳуми нодорӣ ва мафҳуми муфлисшавӣ аз ҳам фарқ карда шаванд. Танзими давлатии соҳибкорӣ тавассути муфлис эътироф намудани қарздор бояд барои амалишавии ҳуқуқҳои маданӣ мусоидат намояд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки пурра ба таваккал асосёфтааст ва давлат наметавонад ҳамаи мушкилотро ба зиммаи худ гирад, муфлисшавӣ як ҳолати муқаррарӣ мебошад. Тавассути аз ҷониби суд муфлис эътироф намудани шахси воқеӣ ва ё соҳибкор, имкон пайдо мешавад, ки оқибатҳои таваккал дар байни кредитор ва қарздор тақсим карда шавад. Чунин ҳолат барои азнав оғоз намудани фаъолияти иқтисодӣ, бахшидани гуноҳ, бахшидани қарз, донишандузӣ ва такрор накардани камбудиҳои пешина, замина мегузорад.

**Адабиёт:**


1. Баренбойм П.Д. Правовые основы банкротства: учебное пособие.- М., 1995.
2. Васильев Е.А. Правовое регулирование конкурсного производства в капиталистических странах: учебное пособие.-М.,1989.
3. Жилинский С.Э. Предпринимательское право (правовая основа предпринимательской деятельности): Учебник для вузов.-3-е изд., и доп.- М.: Изд-во НОРМА (Изд.группа НОРМА-ИНФРА.).- М.,2000.
4. Карелина С.А. Правовые основы банкротства: учебное пособие. -М.,1995.
5. Носиров А.Р. Правовой маханизм несостоятельности (банкротства) банков и иных кредитных организаций по законодательству Республики Таджикистан: автореф. дисс.… канд. юрид. наук.- Душанбе, 2008.
6. Шершеневич Г.Ф. Торговое право: учебник.- М.,1994.
7. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.08 соли 2023).
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – О – Я. – Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008.
9. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон-2003. - С.674.
10. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул гардидааст // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 4, мод. 5; с.


[126] Ҳамон ҷо. - С. 17.

2011, №12, мод. 840; с. 2012, №7, мод. 719; с. 2013, №3, мод. 180; с. 2015, №11, мод. 954; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 277; с. 2018, №1, мод. 7, №7-8, мод. 523; с. 2019, №1, мод. 7; с. 2020, №4-5, мод. 235, №12, мод. 905; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 692; с. 2022, №1-3, мод. 8, №7, мод. 441.

Ғаюрзода Ш. К., Хоҷаева Н.

Фишурда
Мафҳум ва нишонаҳои муфлисшавӣ

Дар ин мақола муаллиф масъалаҳои баҳсноки таносуби муфлисшавӣ ва нодориро муҳокима мекунанд. Ба ақидаи онҳо қонунгузор чунин сифатҳои субъектони ҳуқуқи маданиро ба инобат намегирад, ки метавонад дар таъмини волоияти қонун ва адолати судӣ таъсири манфӣ расонад. Дар ин масъала баъзе хусусиятҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 июли соли 2023 амал мекунад, ошкор карда шуд. Масалан, тибқи қисми 1 моддаи 26 ҳамин қонун надоштани соҳибкори инфиродӣ қобилияти баргардонидани қарз дар фаъолияти соҳибкорӣ, метавонад асоси пешниҳоди ариза ба суди иқтисодӣ дар бораи эътирофи муфлисшавӣ гардад. Вале қонуни махсус дар бораи муфлисшавӣ амалишавии ин ҳуқуқи кредиторро мураккаб мегардонад. Зарур аст, ки қарздор боз дар назди давлат низ қарздор бошад. Ин ва дигар хусусиятҳо ба сифати маърифати ҳуқуқии субъектон оид ба масъалаҳои муфлисшавӣ таъсир мерасонанд.

Гаюрзода Ш. К., Ходжаева Н.

Аннотация
Понятие и признаки банкротства

В данной статье авторы обсуждают дискуссионные вопросы о соотношении банкротства и неплатёжеспособности. По их мнению, законодатель не разграничивает эти качества субъекта гражданского права, что может негативно повлиять на качество обеспечения верховенства закона и правосудия. Обнаружено некоторые свойства нового Гражданского кодекса Республики Таджикистан (введено в действие 1 июля 2023 года.). Так, согласно части 1 статьи 26 этого закона неспособность индивидуального предпринимателя погасить свои долги в предпринимательской деятельности, обуславливает требование кредитора в экономический суд о признании банкротом. Однако специальный закон о банкротстве усложняет осуществление этого права кредитора. Необходимо ещё задолженность перед государством. Эти и другие свойства влияют на качество правового просвещения субъектов права по вопросам банкротства.

Gayurzoda Sh. K., Khodjaeva N.

The summary
The concept and signs of bankruptcy

In this article, the authors discuss controversial issues about the relationship between bankruptcy and insolvency. In their opinion, the legislator does not distinguish between these qualities of a subject of civil law, which can negatively affect the quality of ensuring the rule of law and justice. Some properties of the new Civil Code of the Republic of Tajikistan have been discovered (entered into force on July 1, 2023.). Thus, according to part 1 of Article 26 of this law, the inability of an individual entrepreneur to repay his debts in entrepreneurial activity causes the creditor's claim to the economic

court for recognition as bankrupt. However, a special bankruptcy law makes it more difficult for a creditor to exercise this right. There is also a debt to the state. These and other properties affect the quality of legal education of legal entities on bankruptcy issues.

**Муқарризи мақола Мирзозода П. З. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

УДК: 343.11(575.3) Хаитов С.П .

# АДМИНИСТРАТИВНЫЕ ПРИНУЖДЕНИЯ ЗА НАЛОГОВЫЕ ПРАВОНАРУШЕНИЯ

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, ҳуқуқ, андоз, маҷбурсозии маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, Кодекси ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, қонунгузорӣ, масъулият, пардохт, тартиби маъмурӣ, иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуки андоз, принсипҳои ҷавобгарии маъмурӣ, агенти андоз, санади меъёрӣ –ҳуқуқӣ.

**Ключевые слова:** Конституция, право, налог, административное принуждение, уголовное право, Уголовный Кодекс, правонарушения, законодательство, сбор, ответственность, административный порядок, участники налоговых правоотношений, принципы административной ответственности, налоговый агент, нормативный правовой акт.

**Keywords:** Constitution, law, tax, administrative coercion, criminal law, Criminal Code, offenses, legislation, collection, responsibility, administrative procedure, participants in tax legal relations, principles of administrative responsibility, tax agent, normative legal act.

Уплата налогов является обязанностью каждого, но иногда данное обязательство не выполняется, вследствие чего возникает необходимость правового воздействия или принуждения, в том числе административного принуждения, которые предусмотрены в Кодексе Республики Таджикистан «Об административных правонарушениях». Указанный кодекс представляет собой сложную разнородную систему правовых норм, содержание которого охватывает различные ведомственные принуждения, одним из которых является нормы регулирующие налоговые отношения.

Актуальность темы исследования заключается в том, что налог как экономико-правовая категория актуальна с появлением государственности и до сегодняшнего дня не утратило своей значимости. В настоящее время сумма уплачиваемых налогов составляет 73% государственного бюджета Республики Таджикистан (далее - РТ). Поэтому система мер административного принуждения в налоговой сфере, применяемая в РТ, предусмотрено, весьма обширно и закреплена в разных нормативно-правовых актах, в том числе в Налоговом кодексе РТ, Кодексе РТ «Об административных правонарушениях» и Уголовном кодексе Республики Таджикистан. Отсюда вытекает, что меры государственного принуждения принято делить на административные, уголовные, финансово-правовые, дисциплинарные и др.

По сути, каждая отрасль права имеет свои специфические меры

государственного принуждения, применяемые при нарушении соответствующих норм. Не является исключением из этого правила и налоговая сфера.

Поэтому административное принуждение в сфере налогов является одним из способов восстановления неисполненных налоговых обязательств перед государственным бюджетом субъектами налоговых правоотношений за правонарушение налогового законодательства. Так как налог представляет собой одностороннее движение средств, и его принципы прямо противоположны принципам гражданского оборота, механизмом, обеспечивающим реализацию налогообложения, является принуждение.

В большинстве случаев применять меры принуждения для уплаты налога нет необходимости, так как налогоплательщик уплачивает налог добровольно и самостоятельно. Однако, в случае отступления налогоплательщика от установленных правил налогообложения, государственные органы могут прибегнуть к его принуждению для исполнения своих обязанностей по уплате налога и применить по отношению к нему предусмотренные законодательством налоговые санкции.

В энциклопедическом словаре А.В. Толкушкина отмечается, что налоговое правонарушение является разновидностью административных правонарушений[127]. За совершение административных правонарушений уполномоченными государственными органами или должностными лицами применяются следующие меры ответственности: предупреждение, штраф, административный арест, возмездное изъятие или конфискация предмета, явившегося орудием совершения или объектом правонарушения, исправительные работы, лишение специальных прав. Например, в Законе РТ «О государственном бюджете Республики Таджикистан» за 2022 год и 2023 год , предусмотрены меры государственного принуждения к участникам бюджетного процесса, совершившим правонарушения в бюджетной сфере. Таковыми являются, например: бесспорное взыскание суммы средств, предоставленных из одного бюджета другому бюджету бюджетной системы РТ; бесспорное взыскание суммы платы за пользование средствами, предоставленными из одного бюджета другому бюджету бюджетной системы РТ; бесспорное взыскание пеней за несвоевременный возврат средств бюджета; приостановление (сокращение) предоставления межбюджетных трансфертов (за исключением субвенций); передача уполномоченному по соответствующему бюджету части полномочий главного распорядителя, распорядителя и получателя бюджетных средств.

Первые две из перечисленных мер можно отнести к государственно-принудительным мерам восстановительного (компенсационного) характера. Третья мера - бесспорное взыскание пеней за несвоевременный возврат средств бюджета. На наш взгляд, с одной стороны все это можно отнести к мере наказания и, по сути, представить в виде самостоятельной «бюджетной меры ответственности». В то же время она имеет и компенсационный характер для бюджетной системы страны. Четвертая мера - бюджетная мера принуждения - приостановление (сокращение) предоставления межбюджетных трансфертов (за

[127]См.: Толкушкин А.В. Налоги и налогообложение: Энциклопедический словарь. – М.: Юристь, 2000.- С. 471- 472.

исключением субвенций). По нашему мнению, носит пресекательный характер, так как направлена на принудительное прекращение противоправных действий нарушителя в момент их совершения. И наконец, пятая мера - передача уполномоченному по соответствующему бюджету части полномочий главного распорядителя, распорядителя и получателя бюджетных средств, где по нашему мнению, носит не только пресекательный характер (так как направлена на принудительное прекращение противоправных действий нарушителя в момент совершения противоправных действий), но и в то же время может рассматриваться, как мера процессуального характера, поскольку направлен на передачу части процессуальных полномочий от одного субъекта другому, что в конечном итоге призвано обеспечить пресечение правонарушения и привлечение виновного лица к административной или уголовной ответственности.

Конституционно – правовые нормы административного принуждения за нарушения налогового законодательства и широкой дискреции субъектов административной юрисдикции при их применении способствуют восстановлению недополученной государством налоговых обязательств.

Проблемы применения административной ответственности за нарушения налогового законодательства производится установленным положениями ст. 45 Конституции РТ «Уплата налогов и сборов, определяемых законом, является обязательной. Законы, устанавливающие новые налоги, или ухудшающие положение налогоплательщика, обратной силы не имеют», а также ст. 66-70 и 144-152 Налогового кодекса РТ и ст. 599-623 Кодексом РТ об административных правонарушениях. Положение ст. 39 КоАП РТ устанавливает, административный штраф это вид административного взыскания в виде денежного взыскания в доход государства, назначаемое судьей, уполномоченным государственным органом либо уполномоченным должностным лицом на лицо, совершившее административное правонарушение в порядке, установленном КоАП РТ.

Размер административного штрафа определяется в процентах или в кратном размере, исходя из:

- показателя для расчётов, установленного со дня окончания или пресечения административного, а при длящемся административном правонарушении, со дня ее обнаружения;

- стоимости предмета административного правонарушения на момент окончания или пресечения административного правонарушения, а при длящемся административном правонарушении со дня ее обнаружения;

- суммы неуплаченных налогов и других обязательных платежей либо суммы незаконных валютных операций, подлежащих уплате, со дня окончания или пресечения административного правонарушения, а при длящемся административном правонарушении со дня его обнаружения;

- стоимости выполненных работ.

Минимальный размер административного штрафа, налагаемого на физическое лицо или индивидуального предпринимателя, функционирующего на основе патента, не может быть менее одной, на должностных лиц - менее трех, на индивидуального предпринимателя, функционирующего на основе свидетельства, и юридическое лицо - менее десяти показателей для расчётов.

Максимальный размер административного штрафа, назначаемого на физическое лицо и индивидуального предпринимателя, функционирующего на

основе патента, не может превышать ста показателей для расчетов, на должностное лицо - двухсот показателей для расчетов, на индивидуального предпринимателя, функционирующего на основе свидетельства – трехсот показателей для расчетов, на юридическое лицо - одной тысячи показателей для расчётов или двухсот процентов от суммы неуплаченных налогов и других обязательных платежей.

Административные дела, в которых размер штрафов превышает триста показателей для расчётов, за исключением дел об административных правонарушениях в области налогообложения, рассматриваются судьей.

Сумма административного штрафа перечисляется только в республиканский бюджет.

Анализ системы этих мер строится с учетом их целей и оснований применения, способа обеспечения ими правопорядка и содержания данных мер. Так как, все это позволит налоговым органам к выявлению недостатков в правовом регулированию налоговых правоотношений, и в практике применении мер административного принуждения за нарушения налогового законодательства.

С учетом значения налогов для выполнения государственных бюджетов разного уровня и надлежащего правового регулирования составов административных правонарушений налогового законодательства, а также для целей обеспечения правопорядка и соразмерности административной ответственности мы должны рассматривать систему составов административных правонарушений за нарушения налогового законодательства.

Налоговое законодательство — совокупность актов законодательства принятых уполномоченным органом государственной власти, регламентирующих установление, введение и взимание налогов и сборов на место и время.

[146]Ниг.: Рустамзода Д.Ю. Бюджетное право Республики Таджикистан: схемы с комментариями: учебное пособие.- Душанбе: ТГУК, 2021.- 208 с.; Рустамзода Д.Ю. Неэффективное использование бюджетных средств как основание ответственности за нарушение бюджетного законодательства в Республике Таджикистан: финансовоправовое регулирование // Вестник Университета прокуратуры Российской Федерации. – М., 2021. – № 3 (83). – С. 137-147.

[147]Ниг.: Алексеева Е.С. Проблемы реализации ответственности за нарушение бюджетного законодательства // Lex russica. -2017.- № 11 (132).- С. 59.

[148]Ниг.: Гейхман О.М. Бюджетно-правовая ответственность в системе юридической ответственности // Финансовое право.- 2004.- №5.- С. 13-17.

[149]Ниг.: Парыгина В. А., Тедеев А.А. Комментарий к Бюджетному кодексу Российской Федерации.- М., 2006.- С. 531.

таъиноти худ истифода намешуданд. Ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои азхудкунии маблағҳои буҷети давлатӣ бештар ба назар мерасад, ки ҳар сол дар ҳисоботҳои Палатаи ҳисоби ҶТ гуфта мешавад”[150].

Инак, чи тавре, ки аз таҳлилҳо ва нуқтаи назари олимони овардашуда, муайян гардид, дар байни онҳо вобаста ба мафҳуми ҷавобгарии буҷетӣ ақида ва нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад, ки ин ҳолат дар амалия мушкилиро ба миён меорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки масъалаи мафҳуми ҷовобгарии буҷетӣ дар қонунгузории амалкунанда вуҷуд надорад. Қонунгузории амалкунандаи ҶТ, аллалхусус Қонун «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №723, ки танзимкунандаи бевоситаи соҳа мебошад, мафҳуми ҷовобгариро барои вайрон кардани қонунгузории буҷетӣ пешбинӣ намекунад. Танҳо дар қисмати хотимавии он, яъне моддаи 68 муқаррар карда шудааст, ки: “шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд”[151].

Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ низ муқаррароти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, яъне ҷавобгарии маъмурӣ барои истифодаи ғайримақсадноки фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ дида намешавад[152].

Мо мақсаднок мешуморем, ки минбаъд бо дарназардошти ворид намудани тағийру иловаҳо ба қонунгузорӣ мафҳуми ҷовобгарии буҷетӣ муқаррар карда шавад. Ба андешаи мо, ҷавобгарии буҷетиро метавон дар шакли зайл муқаррар намуд. Ҷавобгарии буҷетӣ - намуди махсуси ҷавобгарӣ-ҳуқуқӣ буда, бо меъёрҳои қонунгузории молиявии ҶТ муқаррар гардида, ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатие, ки боиси риоя накардан ва ё иҷро накардани талаботи муқарраршуда қонунгузории амалкунанда мегардад, мебошад.

**Адабиёт:**

1. Алексеева Е.С. Проблемы реализации ответственности за нарушение бюджетного законодательства // Lex russica. 2017.- № 11 (132).- С. 43 - 59.
2. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / зери таҳр. Н.Ш. Шонасридинов.- Душанбе, «Сино», 2005. — 216 с.
3. Гейхман О.М. Бюджетно-правовая ответственность в системе юридической ответственности // Финансовое право.- 2004.- №5.- С. 13-17.
4. Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. - Душанбе: АИДНП ҶТ, 2022. - 360 с.
5. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабря 2008. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.12.2023с.).
6. Қонуни ҶТ “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 723. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.12.2023с.).
7. Парыгина В. А., Тедеев А.А. Комментарий к Бюджетному кодексу Российской Федерации.- М., 2006. -560 с.
8. Рустамзода Д.Ю. Бюджетное право Республики Таджикистан: схемы

[150]Ниг.: Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. - Душанбе: АИДНПҶТ 2022.- С. 129.
[151]Ниг.: Қонуни ҶТ “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 723. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.12.2023с.).
[152]Ниг.: Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабря 2008. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.12.2023с.).

с комментариями: учебное пособие.- Душанбе: ТГУК, 2021.- 208 с.
9. Рустамзода Д.Ю. Неэффективное использование бюджетных средств как основание ответственности за нарушение бюджетного законодательства в Республике Таджикистан: финансово - правовое регулирование // Вестник Университета прокуратуры Российской Федерации. – М., 2021 г. – № 3 (83). – С. 137-147.
10. Суханронӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар аз 10 майи соли 2019 // [Маводи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: www.prezident.tj. (санаи дастрасӣ: 06.05.2023с.).
11. Суханронӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони шаҳри Душанбе аз 15 феврали соли 2017 // [Маводи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: www.prezident.tj. (санаи дастрасӣ: 06.05.2023с.).
12. Сомонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// www.sai.tj. (санаи дастрасӣ: 02.05.2023с.).

**Холов М.Д.**

**Фишурда**

**Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории буҷетӣ: ҷанбаи молиявӣ-ҳуқуқӣ**

Дар мақола масъалаи ҷавобгарии буҷетӣ ҳамчун як намуди ҷавобгарии молиявӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ карда шудааст. Ба андешаи муаллиф ҷавобгарии буҷетӣ, ки институти ҳуқуқи буҷетӣ мебошад, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ҳамчун намуди алоҳидаи ҷавобгарии молиявӣ - ҳуқуқӣ баррасӣ карда шудааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки дар илми ҳуқуқи молиявӣ, алалхусус ҳуқуқи буҷетӣ доир ба масъалаи мафҳуми ҷавобгарии буҷетӣ нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Дар охир, муаллиф мақсаднок мешуморад, ки минбаъд бо дарназардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ мафҳуми ҷавобгарии буҷетӣ муқаррар карда шавад.

**Холов М.Д.**

**Аннотация**

**Ответственность за нарушение бюджетного законодательства: финансово-правовой аспект**

В статье рассматривается вопрос бюджетной ответственности как вида финансово-правовой ответственности. По мнению автора, бюджетная ответственность, являющаяся институтом бюджетного права, рассматривается в юридической литературе как отдельный вид финансово-правовой ответственности. Автор приходит к выводу, что в науке финансового права, особенно бюджетного права, не существует единой точки зрения по вопросу понятия бюджетной ответственности. В заключение автор считает целесообразным установить понятие бюджетной ответственности с учетом внесения изменений в законодательстве.

**Kholov M.D.**

**The summary**

**Responsibility for violation of budget legislation: financial and legal aspect**

The article examines the issue of budgetary accountability as a type of financial-legal responsibility. According to the author, budgetary accountability, being an institution of budget law, is considered in legal literature as a separate type of financial-legal responsibility. The author concludes that in the science of financial law, especially budget law, there is no unified perspective on the concept of budgetary accountability. In conclusion, the author considers it expedient to establish the concept of budgetary accountability taking into account amendments to legislation.

**Муқарризи мақола Мавлоназарзода О. А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

## III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 3)
## III. ЧАСТНО – ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 3)

**ВБД: 347. 4 (575.3)**

**Муртазозода Ҷ.С.***
**Атаев А.С*.**

# ОИД БА МАСЪАЛАИ ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ШАРТНОМАВИИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИИ КОММУНАЛӢ

**Калидвожаҳо:** пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, захираҳои коммуналӣ, хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ, барқтаъминкунӣ, обтаъминкунӣ, рафъи обоҳои партов, газтаъминкунӣ, шабакаи пайваста, ташкилоти захиратаъминкунанда, шабакаи барқӣ, муштарӣ, биноҳои бисёрхонагӣ, нерӯи барқ, нерӯи гармӣ, оби нӯшокӣ.

**Ключевые слова:** предоставление коммунальных услуг, коммунальные ресурсы, жилищно-коммунальное хозяство, электроснабжение, водоснабжение, водоотведение, газоснабжение, присоединенная сеть, ресурсоснабжающая организация, электрическая сеть, заказчик, многоквартирные дома, электроэнергия, тепловая энергия, питьевая вода.

**Keywords:** provision of public services, communal resources, housing and communal services, electricity supply, water supply, water disposal, gas supply, continuous network, resource supplying organization,electrical network, customer, apartment buildings, electricity, thermal energy, drinking water.

Низоми шартномаҳои аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ҳам бо мақсади аниқ кардани ин ё он муносибатҳои шартномавӣ, ҳам таҳияи на танҳо қоидаҳои танзими ҳуқуқӣ, балки ба онҳо хос будани чунин аломатҳо муҳим мебошад, ки робитаи мувофиқро байни чунин сохтҳои шартномавӣ, мавҷуд набудани мухолифат байни амалишавии сохтҳои мухталиф дар ин соҳаро инъикос менамояд[153].

Шартномаи пешниҳоди захираҳои коммуналӣ байни ташкилоти захиратаъминкунанда ва ташкилоти идоракунии биноҳои бисёрхонагиро баамалбароранда, инчунин байни чунин ташкилот ва истеъмолкунандаи ниҳоӣ бояд баста шавад[154].

Муносибатҳои шартномавӣ оид ба хизматрасонии коммуналӣ аз рӯи намунаҳои зерин сохта мешаванд:

1) аз ҷониби муштарӣ хариду фурӯши захираҳои коммуналии ташкилоти таъминкунандаи интиқолкунанда тавассути шабакаи пайваста (аз рӯйи намунаи шартномаи таъмини барқ);

2) хариду фурӯши захираҳои коммуналӣ аз ҷониби харидор тибқи

---

* Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

* Унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

[153] Ниг.: Шагиахметова Л.Х. Особенности системы договоров по предоставлению коммунальных услуг // Вестник экономики, права и социологии. – 2015. – № 4. – С. 257.

[154] Ниг.: Горбунов А.В. Гражданско-правовое регулирование деятельности по предоставлению коммунальных ресурсов: автореф. дисс. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 8.

шартномаи хариду фурӯши чакана бадастоварда;

3) пешниҳод кардани хизматрасонӣ оид ба рафъи обҳои партов.

Ду гурӯҳи аввал «муносибатҳои таъминкунанда»-ро ба миён меоранд, ки дар он пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ амалӣ карда мешавад:

1) тавассути шабакаи пайваста: оби хунук ва гарм, нерӯи барқ ва гармӣ, газ.

2) бо роҳи интиқоли гази маишӣ ба моликияти фармоишгар дар баллонҳо ва сӯзишвории сахт (ангишт, торф, ҳезум).

Гурӯҳи сеюмро муносибатҳои бо таъминот оид ба рафъи обҳои партов зич алоқамандбуда, ташкил медиҳанд.

Муайянкунии мазмуни муносибатҳои тарафҳо оид ба хизматрасонии коммуналӣ барои чунин хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки хизматрасонии коммуналӣ фаъолияти марҳилавиро доир ба таъмини муносиби истеъмолкунандагон бо захираҳои коммуналӣ ва рафъи обҳои партов дар назар дошта мешавад.

Дар ин робита, мафҳуми шартномаи хизматрасонии коммуналӣ оммавӣ мебошад, сохти назариявиро дар назар дорад, худи шартнома на ба ягон аз намудҳои шартномаҳои дар Кодекси мадании ҶТ ишорашуда, пурра мувофиқат намекунад.

Бо назардошти аломатҳои умумии шартномаҳои таъмини захираҳои коммуналиро ифодакунанда, мафҳуми шартномаи хизматрасонии коммуналиро метавон тасвият кард.

И.И. Рудченко таҳти шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ шартномаеро мефаҳмад, ки мутобиқи он ташкилоти захиратаъминкунанда (иҷрокунанда) ба худ уҳдадории фурӯши захираҳои коммуналиро ба истеъмолкунандагон (муштариён) ва пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба рафъи обҳои партовро қабул менамояд, истеъмолкунандагон уҳдадоранд барои захираҳои истеъмолкардаи коммуналӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба рафъи обҳои партов маблағ пардозанд[155].

Дар хизматрасонии коммуналӣ тавассути шабакаи пайваста фурӯши захираҳои коммуналӣ ба худ таҳвили муттасили захираҳоро тавассути шабака дохил мекунад.

Агар интиқоли захираҳои коммуналӣ ба муштариён тавассути шабака сурат нагирад, пас шартномаи хизматрасонии коммуналӣ тавассути шабакаи пайваста низ вуҷуд надорад. Истеъмолкунандаи захираҳои коммуналӣ ба амалҳои таҳвил аҳамият намедиҳанд.

Шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бо шартномаҳои махсуси обтаъминкунӣ, барқтаъминкунӣ, газтаъминкунӣ, гармитаъминкунӣ, рафъи обҳои партов ва шартномаҳои дигар инъикос мегардад. Аз ҷониби харидор (муштарӣ, фармоишгар, истеъмолкунанда, қабулкунанда) бо маблағ ба даст овардани захираҳои коммуналӣ ва истифодаи минбаъдаи онҳо барои фароҳам овардани шароити мӯътадил барои истиқомат ва фаъолият дар манзилҳои истиқоматӣ барои ҳамаи онҳо умумӣ мебошад.

Модели намунавии шартномавӣ барои ҳамаи шартномаҳои таъмини захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаи пайваста шартномаи таъмини барқи дар Кодекси мадании ҶТ пешбинишуда мебошад.

Меъёрҳои Кодекси мадании ҶТ оид ба шартномаи таъмини барқ заминаи ҳуқуқиро барои таъмини захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаи пайваста ташкил медиҳанд.

Шартномаи таъмини барқ намуди шартномаи хариду фурӯш шуморида

[155] Ниг.: Рудченко И.И. Гражданско-правовое регулирование коммунального обслуживания жилых помещений: дисс. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2008. – С. 25.

мешавад, гарчанде бо ин на ҳамаи олимон розӣ ҳастанд.

Ба ақидаи Ю.А. Кансер пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба шакли ҳуқуқии шартномаи таъмини барқи дар КГ ФР пешбинишуда, чандон мувофиқ нест, зеро аз нуқтаи назари доктриналӣ «пешниҳоди хизматрасонӣ» ин «интиқоли мол» намебошад[156]. Дар инҷо мухолифати муайяне ба назар мерасад. Аз ин рӯ, тафовут кардани шартномаи хариду фурӯш аз шартномаи хизматрасонии музднок бо мақсади муайян кардани табиати ҳуқуқии фаъолияти иҷрокунанда оид ба пешниҳоди захираҳои коммуналӣ ба шаҳрвандон аҳамият дорад.

Мутобиқи м. 859 Кодекси мадании ҶТ моҳияти хизматрасонӣ дар иҷрои амалҳои муайян ё амалигардонии фаъолияти муайян зоҳир мегардад.

Фарқияти куллии пешниҳоди хизматрасонӣ аз хариду фурӯш дар хусусияти ғайримоддии натиҷаи муфиди хизматрасонӣ зоҳир мегардад[157]. Ҳамзамон, нерӯи барқ, гармӣ, об дер боз объекти моддӣ шуморида мешаванд, ки шаҳрванд дар рӯзгор дар баробари дигар объектҳои моддӣ (либос, хӯрок, асбоби бисоти хона) барои онҳо маблағ пардохт менамояд, дар баробари ин, андозаи ин объектҳои харидашуда (ҳаҷми хизматрасонии коммуналӣ) ба таври аниқ дар воҳидҳои ченкунӣ муайян шудааст, ки ҳаргиз ба категорияи хизматрасонии дар б. 43 Кодекси мадании ҶТ «Хизматрасонии музднок» дар назар дошташуда, мувофиқ намеояд.

Олимон Д.П. Гордеев ва В.Ю. Прокофев оқилона қайд менамоянд, ки табиати моддии об, газ, нерӯи барқӣ ва гармӣ аён аст, аз ҳамин лиҳоз таърифи ҷомеи иқтисодӣ-ҳуқуқии мафҳуми «хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ» ба мафҳуми «захиратаъминкунӣ» ё «барқтаъминкунӣ» наздик аст, ки намудҳои муносибатҳо оид ба таъмини (хариду фурӯши) энергия ва дигар намудҳои захираҳо мебошанд[158].

Назарияи болозикр онро тасдиқ мекунад, ки асоси чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ хариду фурӯши захираҳои коммуналӣ мебошад[159].

Азбаски ба сифати предмети хариду фурӯш ҷузъан энергия (нерӯи барқ ва гармӣ), захираҳои дигари (об ва газ) тавассути шабакаи пайваста расонидашуда баромад мекунад, пас дар ин ҳолат татбиқи меъёрҳо оид ба шартномаи таъмини барқи дар Кодекси мадании ҶТ пешбинишуда, бештар дуруст ба назар мерасад[160]. Ҳамзамон, чунин ба назар мерасад, ки ҳисоб кардани интиқоли ҳама намуди захираҳоро дар асоси қоидаҳои шартномаи таъмини барқ танҳо аз ҷиҳати амалигардонии чунин интиқол тавассути шабакаҳои пайваста, инчунин ин муносибатҳоро якшакла шуморидан асос надорад[161].

Пардохти маблағ барои хизматрасонии коммуналӣ аломати хоси дохилкунии шартномаи хизматрасонии коммуналӣ ба аҳдҳои музднок мебошад. Маҳз музднокии интиқоли захираҳо ва энергия ба харидор имкон медиҳад, ки шартномаи таъмини молҳоро тавассути шабакаи пайваста ба шартномаи хариду фурӯш мансуб гардонад. Мувофиқи м. 601 Кодекси мадании ҶТ агар дар қонунҳо, санадҳои дигари меъёрӣ ё созишномаи тарафҳо тартиби дигаре

---

[156]Ниг.: Канцер Ю.А. Гражданско-правовое регулирование отношений по ресурсоснабжению жилищно-коммунального хозяйства России: дисс. … канд. юрид. наук. – М., 2016. – С. 54.

[157] Ниг.: Гражданское право: учебник. В 2 т. Т. II. Полутом 2 / Отв. ред. проф. Е.А. Суханов. – М.: Волтерс Клувер, 2000. – С. 5.

[158] Ниг.: Гордеев Д.П., Прокофьев В.Ю. Новое регулирование отношений по предоставлению коммунальных услуг // Жилищное право. – 2006. – № 8. – С. 46.

[159] Ниг.: Михайлов Д.И. Правовая природа отношений по предоставлению коммунальных услуг // Вестник Академии экономической безопасности МВД России. – 2010. – №10. – С. 123.

[160] Ҳамон ҷо.

[161] Ниг.: Михайлов Д.И. Асари зикргардида. – С. 124.

пешбинӣ нагардида бошад, пардохти барқ барои миқдори воқеии барқи истифоданамудаи мизоҷ (абонент), ки мутобиқи м. 597 Кодекси мадании ҶТ муайян карда мешавад, сурат мегирад.

Шарт дар бораи нархи шартномаи таъмини захираҳои коммуналӣ (барқтаъминкунӣ, обтаъминкунӣ, гармитаъминкунӣ) хусусияти ҳатмӣ дорад, на балки шартномавӣ, зеро шарти мазкур на бо созиши тарафҳо, балки бо Қарори Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад.

Вобаста ба ин масъала, меъёрҳои м. 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия»[162] ва қ. 5 м. 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов»[163] шаҳодат медиҳанд.

Объекти шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бештар захираҳои коммуналӣ мебошанд.

Ақидаи Е.И. Степанова нисбати объекти, ба монанди «муносибатҳои ҳуқуқии коммуналӣ» барои мисол оварда мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки объекти асосии танзими ҳуқуқӣ худи захираи коммуналӣ ба ҳисоб рафта, ба сифати объекти ёрирасон хизматрасонии коммуналӣ номида шуданаш мумкин аст, ки таҳти он амалҳои фурӯшандагони (соҳибмулкони) захираҳои коммуналии барои қонеъгардонии талаботҳои шаҳрвандон-соҳибмулкони манзилҳои истиқоматӣ нигаронидашуда, бояд фаҳмида шавад[164].

То имрӯз дар қатори сивилистон ақидаи ягона доир ба он ки оё об, газ ва энергия ашё шуморида мешаванд, вуҷуд надорад. Сивилистон қайд менамоянд, ки дар назди сивилистикаи муосир масъалаи ҳуқуқии ҷустуҷӯи шаклҳои мувофиқи ҳуқуқӣ барои ҷалби намудҳои гуногуни энергия ба воқеияти ҳуқуқӣ ба таври шадид гузошта шудааст[165].

Сарфи назар аз он ки айни замон ба сифати назарияи асосӣ ақидаи ҳамчун ашёи бо аломатҳои ҷинсӣ муайяншаванда эътироф кардани энергия, об ва газ нигоҳ дошта мешавад[166], дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ табиати ашёии онҳо бештар зери шубҳа қарор дорад[167].

Ба андешаи С.А. Мирзоев энергия, аз ҷумла нерӯи барқ ба сифати объект ба қатори дигар молҳо дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мутобиқи шартнома фурӯхта мешавад ва ҳамчун неъмати муфид барои қонеъ кардани талаботи моддӣ ва маънавии инсон аз аҳамият холӣ нест[168].

Алалхусус, Я.М. Нуриев дар баробари таҳлил кардани муносибатҳо дар соҳаи обтаъминкунӣ, қайд менамояд, ки об метавонад объекти (ашёи) мустақил ҳисобида шавад, аммо дар он сурате, ки "ҷудошавии миқдори муайяни об аз

---

[162]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» аз 12 январи соли 2010, №587 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2010, №1, мод.11; Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 с., № 1254.

[163]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли соли 2019, №1633 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат 10.10.2022 с.).

[164] Ниг.: Степанова В.Е. Гражданско-правовое регулирование отношений коммунального обслуживания: дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 114.

[165] Ниг.: Гражданское право: актуальные проблемы теории и практики / Под общ. ред. В.А. Белова. – М., 2007. – С. 340.

[166] Ниг.: Саватье Р. Теория обязательств. – М., 1972. – С. 86; Гражданское право: учебник, изд. 2 / Под ред. Л.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. Т. 1. – М., 1999. – С. 219.

[167] Ниг.: Богданова Е.Е. Особенности защиты прав и интересов сторон в договоре энергоснабжения // Право и экономика. – 2003. – № 2. – С. 43; Гражданское право: актуальные проблемы теории и практики / Под общ. ред. В.Л. Белова. – М., 2007. – С. 341; Серветник А.А. Правовая природа договора энергоснабжения // Российский судья. – 2005. – № 3. – С. 10-14.

[168] Ниг.: Мирзоев С.А. Танзими шартномавии таъмини барқ: дисс. ... номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2020. – С. 18.

объектҳои моликияти истисноии давлат аниқ муайян шудааст (об дар зарфҳо, дар шишаҳо)»[169].

Аз ҷониби В.Е. Степанова нуқтаи назаре пешниҳод карда мешавад, ки энергия (барқ ва гармӣ), об (хунук ва гарм) ва газ (ба истиснои гази маишӣ дар баллонҳо) ҳамчун ҷузъи таркибии захираҳои коммуналӣ неъмати моддии ламснашаванда мебошанд, яъне ашё ҳисобида намешаванд[170].

Аз ақидаҳои дар боло қайдшуда бармеояд, ки захираҳои коммуналӣ (барқӣ, гармӣ, об ва газ) ба сифати ашё баромад намекунанд, бо вуҷуди ин барои қонеъ гардонидани талаботи моддӣ-маишии истеъмолкунандагон хизмат мекунанд.

Ба сифати предмети шартномаи гармитаъминкунӣ аксарияти муҳаққиқон ба таври анъанавӣ нерӯи гармиро маҳсуб медонанд.[171].

Бо дарназардошти таҳлили андешаҳои дар боло баёнгардида, метавон иброз намуд, ки ба сифати объекти шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ нерӯи барқ ва гармӣ, оби гарм ва нӯшокӣ, газ ва дигар захираҳои коммуналӣ баромад мекунанд, ки неъмати мустақили моддӣ – ашё буда, хосиятҳои ҷисмии онҳо бешубҳа метавонанд хусусиятҳоро дар танзими ҳуқуқии пешниҳоди онҳо муайян кунанд, дар ин ҳол набояд моҳияти ҳуқуқии шартнома иваз карда шавад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ оид ба таъмини захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаи пайваста бо меъёрҳои зербоби 5 б. 35 Кодекси мадании ҶТ сурат мегирад.

Нисбати муносибатҳои тарафҳои шартномаи таъмини молҳо тавассути шабакаи пайваста, ки бо Кодекси мадании ҶТ танзим намешаванд, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин қоидаҳои ҳатмии мувофиқи онҳо қабулшуда, истифода бурда мешаванд.

Яке аз фарқиятҳои шартномаи барқтаъминкунӣ (гармитаъминкунӣ, газтаъминкунӣ, обтаъминкунӣ) аз дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш ҳайати субъектӣ мебошад. Шартномаи таҳқиқшаванда бо субъекти махсус – иҷрокунанда – ташкилоти захиратаъминкунанда муайян карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки таъмини захираҳои коммуналӣ ба аҳолӣ ҳамчун истеъмолкунандаи ниҳоӣ на аз тарафи як ташкилоти захиратаъминкунанда, балки аз тарафи якчанд ташкилотҳои соҳаҳои алоҳидаи захиратаъминкунӣ ба анҷом расонида мешавад. Ҳамин тавр, ба сифати барқтаъминкунанда ШСХК «Барқи тоҷик» ва шабакаҳои барқии он, ба сифати обтаъминкунанда ва иҷрокунандаи рафъи обҳои партов, масалан, КВД «Обу корези шаҳри Душанбе», ба сифати гармитаъминкунанда муассисаи шабакаи гармидиҳандаи шаҳри Душанбе баромад мекунанд.

Нисбати муносибатҳои тарафҳои шартномаи хизматрасонии коммуналӣ бо иштироки харидор-шаҳрванд, ки бо Кодекси мадании ҶТ танзим намешаванд, қонунҳо дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мувофиқи онҳо қабулшуда, истифода бурда мешаванд. Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 09 декабри соли 2004, №72[172] муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон ҳангоми фурӯши мол

[169]Ниг.: Нурыев Я.М. Гражданско-правовое регулирование водоснабжения: дисс. ... канд. юрид. наук. – Ашхабад, 1985. – С. 40-41.

[170] Ниг.: Степанова В.Е. Гражданско-правовое регулирование отношений коммунального обслуживания: дисс. … канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 44.

[171] Ниг.: Чибис А.В. Договор теплоснабжения и смежные с ним договоры // Гражданское право. – 2010. – № 2. – С. 41-43.

[172]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 09 декабри соли 2004, №72 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.05 соли 2022).

(иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим дароварда шуда, ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои харидани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳо муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳо муайян карда мешавад.

Инчунин, тарафҳои шартномаи хизматрасонии коммуналӣ дар Қоидаҳои истифодабарии нерӯи барқ, Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасонии коммуналӣ, Қоидаҳои истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия оварда шуда, ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд.

Гурӯҳи дуюми муносибатҳои таъминотиро шартномаҳое ташкил медиҳанд, ки тибқи онҳо захираҳои коммуналӣ на тавассути шабакаи пайваста интиқол мешаванд: хариду фурӯши чаканаи намудҳои алоҳидаи захираҳои коммуналӣ (фурӯши гази моеъ дар баллонҳо, сӯзишвории сахт, фурӯши оби нӯшокии зарфонидашуда).

Ҳангоми фурӯши гази моеъ дар баллонҳо гузаронидани санҷиши пешакии техникии баллонҳои газӣ зарур мебошад. Онҳо дар ҳолати дуруст бояд қарор дошта бошанд.

Истеъмолкунандае, ки кашонидани баллони гази харидашударо мустақилона ба амал меорад, бояд имконияти шинос шуданро бо қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кашонидани он, инчунин бо қоидаҳои бехатарӣ дар сурати ивази баллони холӣ дошта бошад.

Сӯзишвории сахт ба истеъмолкунандагон бевосита ҳам дар ҷойи муайяни фурӯш ё анборкунӣ, ҳам бо истифодаи фармоишҳои пешакӣ барои фурӯш ва интиқоли сӯзишворӣ ба ҷойи аз ҷониби истеъмолкунанда қайдшуда, метавонад фурӯхта шавад.

Шартномаи таъмини шаҳрвандон бо оби нӯшокӣ – созишномаи дутарафае мебошад, ки дар асоси он як тараф (оператори таъмини оби нӯшокӣ) ухдадор мешавад, то тавассути низоми муайяни таъмини об ба муштарӣ микдори пешбинишуда ва бехатари оби нӯшокиро расонад ва барои партофтани оби чиркин хизмат расонад, муштарӣ бошад, вазифадор мешавад, ки маблағи оби нӯшокии бадастомадаро супорад ва шартҳои техникии истифодаи обро риоя намояд[173].

Дохилкунии шартномаҳои фурӯши оби нӯшокии зарфонидашуда ба категорияи шартномаҳои хизматрасонии коммуналӣ бо он нақше муайян карда шудааст, ки об дар ҳаёти одамон нақши муҳим мебозад, инчунин бо он ки ба даст овардани оби нӯшокии зарфонидашуда, асосан барои фароҳам овардани шароитҳои бароҳати зисти шаҳрвандон дар манзилҳои истиқоматӣ, фаъолияти бомуваффақияти меҳнатӣ, нигоҳдорӣ ва солимгардонии саломатӣ нигаронида шудааст.

Оби нӯшокӣ ҳамчун захираи коммуналӣ обе пас аз тайёркунӣ ё дар ҳолати табиӣ мебошад, ки ба меъёрҳо ва талаботҳои муқарраршудаи санитарӣ ҷавобгӯ буда, барои эҳтиёҷҳои нӯшокӣ ва маишии аҳолӣ ва (ё) истеҳсолоти маҳсулоти хӯрока таъин мегардад[174].

Аз он сабаб, ки хадамотҳои коммуналӣ аз ухдаи таъмини сифати оби нӯшокӣ баромада натавониста истодаанд, шаҳрвандон ва ташкилотҳо бештар ба

---

[173] Ниг.: Саидов Ҳ.М. Масъалаҳои асосии таъмини шаҳрвандон бо оби нӯшокӣ дар танзими ҳуқуқи хусусӣ: автореф. дисс. номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2018. – С. 7-8.
[174] Ниг.: Горбунов А.В. Гражданско-правовое регулирование деятельности по предоставлению коммунальных ресурсов: дисс. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 87.

хизматрасонии ширкатҳои хусусии оби тозаи нӯшокии зарфонидашудаи сифати баландро таҳвилкунанда, муроҷиат мекунанд. Агар обе, ки аз қубури об мешорад ба талаботҳои меъёрӣ мувофиқат накунад, пас обе, ки аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба даст оварда мешавад иловатан зарур ва иқтисодан асоснок мебошад.

Хизматрасонии коммуналӣ дар намуди рафъи обҳои партов дар асоси шартномаи хизматрасонии музднок ба анҷом расонида мешавад.

Предмети шартномаи хизматрасонии музднокро оид ба қабули обҳои партов тарафҳо одатан бо предмети шартномаи фурӯши об муттаҳид мегардонанд. Дар натиҷа, шартномаи омехтаро ба даст меоранд, ки шартҳои хариду фурӯш ва хизматрасонии музднокро дар бар мегирад.

Аз нуқтаи назари таснифоти хизматрасонӣ он [175] оид ба рафъи об ба хизматрасонии техникии фармоиши воқеӣ тааллуқ дорад. Хусусияти техникии хизматрасонии коммуналӣ оид ба рафъи об дар он зоҳир мегардад, ки симои иҷрокунанда дар чунин хизматрасонӣ на дар интихоби иҷрокунанда, на дар баҳои хусусиятҳои истеъмолотии хизматрасонӣ аҳамияти муайян надорад. Дар тафовут аз хизматрасонии техникӣ дар хизматрасонии шахсӣ шахсияти иҷрокунанда аҳамияти муҳим дорад.

Рафъи обҳои партов намуди ёридиҳандаи хизматрасонии коммуналиро дар назар доранд. Талабот ба он дар робита бо истифода ва истеъмоли оби гарм ва хунук ба миён меояд.

Дар обтаъминкунии мутамарказ рафъи об шарти муҳими интиқоли об ба муштарӣ мебошад. Дар ин маънӣ, чунин намуди хизматрасонии коммуналӣ барои муштарӣ зарур мебошад:

– дар марҳилаи пайвасткунии объекти сохтмони асосӣ ба шабакаҳои обтаъминкунӣ фармоишгар ба иҷрокунанда тавозуни истеъмоли об ва рафъи обро пешниҳод менамояд; маълумот дар бораи таркиби обҳои партов, ки бояд ба шабакаҳои канализатсия партофта шаванд.

– иҷрокунанда ба фармоишгар шартҳои пайвасткунии объекти сохтмони асосиро ба шабакаҳои рафъи об ва тозакунии обҳои партов пешниҳод менамояд, ки дар онҳо нуқтаи пайвасткунӣ ба шабакаҳои обтаъминкунӣ ва (ё) рафъи об, инчунин тозакунии обҳои партов (суроға, рақами чоҳ ё камера) бояд сабт гарданд[176].

Мутобиқи б. 9 Қоидаҳои истифодабарии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия дар ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 апрели соли 2011, №234 тасдиқ шудааст[177] додани об ва қабули партовобҳои муштариён танҳо дар ҳолати мавҷудияти шартнома, ки байни корхона ва муштариён баста шудааст, амалӣ мегардад ва дар он бояд ҳисоби мувозинавии хоҷагидории об, ки дар он миқдор ва сифати оби зарурии муштарӣ, нақшаҳои сохтории шабакаҳои обтаъминкунӣ

---

[175] Ниг.: Мирошник А.В. Возмездное оказание услуг в гражданском праве России: дисс. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2003. – 172 с.; Ситдикова Л.Б. Правовое регулирование отношений по оказанию гостиничных услуг: автореф. дисс. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2002. – 23 с.; Степанов Д.В. Услуги как объект гражданских прав. – М.: Статут, 2005. – 346 с.; Петров А.И. Договор возмездного оказания консультационных услуг: автореф. дисс. ... канд. юрид. наук. – Белгород, 2004. – 20 с.

[176] Ниг.: Постановление Правительства РФ от 13 февраля 2006 г. № 83 «Об утверждении Правил определения и предоставления технических условий подключения объекта капитального строительства к сетям инженерно-технического обеспечения и Правил подключения объекта капитального строительства к сетям инженерно-технического обеспечения» // СЗ РФ. – 2006. – № 8. – Ст. 920.

[177]Ниг.: Қоидаҳои истифодабарии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия дар ҶТки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 апрели соли 2011, №234 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.05 соли 2022).

ва канализатсия, инчунин нақшаи чорабиниҳои ташкилию техникӣ доир ба кам кардани ҳаҷми истифодаи об ва канализатсия, риояи меъёрҳои баровардани маводи ғализ, бо нишондоди муҳлатҳои амалӣ намудани чорабиниҳо, ному насаби шахси мутасаддӣ барои иҷрои он ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ, замима карда шаванд.

Дар қатори шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ шартномаи идоракунии бинои бисёрхонагиро низ номбар кардан мумкин аст, зеро пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ дар биноҳои манзилӣ ва ғайриманзилии бинои бисёрхонагӣ амалӣ гардонида мешавад.

Шартномаи идоракунии бинои бисёрхонагӣ – ин воситаи ҳуқуқие мебошад, ки барои таъмин намудани танзими ҳуқуқии муносибатҳо доир ба пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ хизмат мекунад. Аз рӯйи табиати худ он шартномаи ташкилкунанда маҳсуб дониста шуда, ғайр аз пешниҳоди новобастаи хизматрасонии коммуналӣ пешниҳоди хизматрасонии манзилии марбут ба идоракуниро дар бар мегирад. Ин сохт дар низоми шартномаҳо оид ба пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд, зеро тамоми маҷмӯи амалҳои дар доираи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ суратгирандаро пешбинӣ менамояд[178].

Санади асосиии танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ Кодекси мадании ҶТ буда, он ҳамаи шартномаҳоеро танзим мекунад, ки дар асоси онҳо хизматрасонии коммуналии манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ ба расмият даровара мешаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили унсурҳои реҷаи соҳавии танзими ҳуқуқӣ нишон дод, ки муносибатҳо оид ба хизматрасонии коммуналии манзилҳои истиқоматӣ маданӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Танзими маданӣ-ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ ба воситаи танзими муносибатҳои тарафайн оид ба хизматрасонии коммуналӣ, инчунин ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон барои ба даст овардани захираҳои коммуналӣ сурат мегирад.

Муносибатҳои тарафҳо оид ба хизматрасонии коммуналӣ дар ташаккули хеш аз якчанд марҳила мегузаранд.

1. Тайёрӣ ба хизматрасонии коммуналӣ.
2. Муносибатҳои пешазшартномавии тарафҳои хизматрасонии коммуналӣ.
3. Муносибатҳои шартномавӣ оид ба хизматрасонии коммуналӣ.

Дар марҳилаи тайёрӣ як қатор чорабиниҳо доир ба тайёкунии таҷҳизотҳои қабулкунандаи муштарӣ барои гирифтани захираҳои коммуналӣ гузаронида мешаванд.

Ҳар як шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳуқуқ ба пайвасткунии технологии таҷҳизотҳои энергияқабулкунандаи худ ба шабакаҳои барқиро дар сурати мавҷуд будани имконияти техникӣ барои он ва риояи қоидаҳои муқарраршудаи чунин пайвастшавӣ доранд.

Ҳангоми аз ҷониби ин шахсон иҷрои шартҳои қайдшуда дар пайвасткунии технологӣ ба радкунӣ роҳ дода намешавад. Меъёри мавҷуд будан (мавҷуд набудани) имконияти техникӣ ва қоидаҳои пайвасткунии технологӣ, алалхусус, ба шабакаҳои барқӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат муштарӣ ба мақомотҳои ваколатдоре муроҷиат мекунад, ки фаъолияти назоратиро аз болои риояи меъёрҳои техникӣ ва қоидаҳо, қабули қарорҳои инфиродии муайянро ба амал мебароранд. Дар ин маъно, муносибатҳои марҳилаи тайёрии хизматрасонии коммуналӣ соҳаҳои бештар ҳуқуқи оммавиро ташкил медиҳанд.

---

[178] Ниг.: Горбунов А.В. Гражданско-правовое регулирование деятельности по предоставлению коммунальных ресурсов: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 11.

Муносибатҳои пешазшартномавии тарафҳои хизматрасонии коммуналӣ бо марҳилаи бастани шартнома вобастагӣ доранд.

Азбаски шартномаи хизматрасонии коммуналӣ ба қатори шартномаҳои оммавӣ дохил мешавад, ташкилоти захиратаъминкунанда ҳуқуқ надорад ба як шахс нисбат ба шахси дигар дар бобати бастани чунин шартнома, ба истисноi ҳолатҳои бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда, тарҷеҳ диҳад.

М.А. Раҳимова қайд менамояд, ки дар доираи бастани шартномаи хизматрасонии коммуналӣ муаммои ҷиддӣ мушоҳида карда мешавад. Якум, то ҳол шартномаҳо аз рӯйи талаботҳои замони муосир, мутобиқи қонунгузории нави ҷорӣ таҳия нашудаанд. Дуюм, манфиатҳои барои иҷрои шартҳои шартнома ҳавасмандгардонандаи истеъмолкунандагон ба инобат гирифта нашудаанд, баръакс, шартномаҳо танҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳои иҷрокунанда дар ҳар ҳолат тартиб дода шудаанд. Ва ниҳоят, ба таври лозима бастани шартнома бо истеъмолкунанда – ин амали тӯлонӣ ва дар муҳлат иҷронашаванда мебошад. Гарчанде шумораи шартномаҳои басташуда тибқи қонунгузорӣ – ин он шумораи ҳақиқии истеъмолкунандагоне, ки нисбати онҳо маблағи ҳисобшуда амалӣ карда мешавад, ба шумор меравад[179].

Радди ташкилоти захиратаъминкунанда аз бастани шартномаи хизматрасонии коммуналӣ дар сурати имконияти пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба истеъмолкунанда роҳ дода намешавад.

Дар ин ҳолат, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба суд бо ариза дар бораи маҷбуркунии бастани шартнома мурољиат намояд.

Тарафе, ки аз бастани шартнома беасос саркашӣ мекунад, бояд ба тарафи дигар зиёни расонидашударо ҷуброн намояд. Аз таҷрибаи суди шаҳри Хуҷанд маълум мегардад, ки ҷавобгар Ахмедова Сабоатхон бо сабабҳои номаълум барои баровардани партов бо корхонаи даъвогар аз бастани шартнома даст кашида истодааст. Аз тарафи мутахассисони даъвогар барои бастани шартнома якчанд маротиба ба манзили ҷавобгар рафта, барои ба расмият даровардани шартномаи хизматрасонӣ пешниҳодҳо гардидааст. Ҳамин тариқ, агар ҷавобгар далели бо қувваҳои худ берун аз шаҳр баровардани партовҳои истеҳсол намудаашро ба ҷойҳои муқаррар кардашуда партофтани онро дошта бошад, дар асоси нашри махсуси (РД-01-93) “Нишондоди методӣ дар бораи ситонидани пардохт барои ифлос кардани муҳити зист” барои ин амал бояд иҷозати махсус аз шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Хуҷанд ва барои овардани зарар ба табиат пардохти ҳатмиро ба ин шӯъба бояд пардохт намуда бошад[180].

Муносибатҳои шартномавӣ оид ба хизматрасонии коммуналӣ марҳилаи бавуҷудоии уҳдадории шартномавӣ ва аз ҷониби тарафҳо иҷрои онро ба расмият медароранд.

Шартномаи басташудаи хизматрасонии коммуналӣ метавонад аз рӯйи созиши тарафҳо ё қарори суд тағйир дода шавад.

Ҳамин тавр, гуногунии муносибатҳои хизматрасонии коммуналӣ хусусияти танзими ҳуқуқии онҳоро ба миён меорад ва аз он иборат аст, ки он унсурҳои таъсири оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқиро нисбати субъектони муносибатҳои баррасишаванда, дар бар гирифта аст.

Таҳлили хусусиятҳои шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналиро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳлили

---

179 Ниг.: Рахимова М.А. Реформа жилищно-коммунального хозяйства как элемент модернизации и формирования конкурентной среды в сфере услуг // Вестник ТГУ ПБП. Серия общественных наук. – 2015. – №2. – С. 53.

180 Ниг.: Парвандаи № 3-270 аз 28 апрели соли 2022. Бойгонии суди шаҳрии Хуҷанд.

унсурҳои реҷаи соҳавии танзими ҳуқуқӣ нишон дод, ки муносибатҳо оид ба хизматрасонии коммуналии манзилҳои истиқоматӣ маданӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Танзими маданӣ-ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ ба воситаи танзими муносибатҳои тарафайн оид ба хизматрасонии коммуналӣ, инчунин ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон барои ба даст овардани захираҳои коммуналӣ сурат мегирад.

**Адабиёт:**


1. Шагиахметова Л.Х. Особенности системы договоров по предоставлению коммунальных услуг // Вестник экономики, права и социологии. – 2015. – № 4. – С. 247 - 258.
2. Горбунов А.В. Гражданско-правовое регулирование деятельности по предоставлению коммунальных ресурсов: автореф. дисс. … канд. юрид. наук. – М., 2011.
3. Рудченко И.И. Гражданско-правовое регулирование коммунального обслуживания жилых помещений: дисс. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2008.
4. Канцер Ю.А. Гражданско-правовое регулирование отношений по ресурсоснабжению жилищно-коммунального хозяйства России: дисс. … канд. юрид. наук. – М., 2016.
5. Гражданское право: учебник. В 2 т. Т. II. Полутом 2 / Отв. ред. проф. Е.А. Суханов. – М.: Волтерс Клувер, 2000.
6. Гордеев Д.П., Прокофьев В.Ю. Новое регулирование отношений по предоставлению коммунальных услуг // Жилищное право. – 2006. – № 8. – С. 34 - 48.
7. Михайлов Д.И. Правовая природа отношений по предоставлению коммунальных услуг // Вестник Академии экономической безопасности МВД России. – 2010. – №10. – С. 117 -129.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» аз 12 январи соли 2010, №587 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2010, №1, мод.11; Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 с., № 1254.
9. Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли соли 2019, №1633 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.10 соли 2022 .).
10. Степанова В.Е. Гражданско-правовое регулирование отношений коммунального обслуживания: дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2010.
11. Гражданское право: актуальные проблемы теории и практики / Под общ. ред. В.А. Белова. – М., 2007.
12. Саватье Р. Теория обязательств. – М., 1972.
13. Богданова Е.Е. Особенности защиты прав и интересов сторон в договоре энергоснабжения // Право и экономика. – 2003. – № 2. – С. 34 – 48.
14. Мирзоев С.А. Танзими шартномавии таъмини барқ: дисс. ... номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2020.
15. Нурыев Я.М. Гражданско-правовое регулирование водоснабжения: дисс. ... канд. юрид. наук. – Ашхабад, 1985.
16. Чибис А.В. Договор теплоснабжения и смежные с ним договоры // Гражданское право. – 2010. – № 2. – С. 31-43.
17. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 09 декабри соли 2004, №72 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.05 соли 2022).
18. Саидов Ҳ.М. Масъалаҳои асосии таъмини шаҳрвандон бо оби нӯшокӣ дар

танзими ҳуқуқи хусусӣ: автореф. дисс. номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2018.
19. Мирошник А.В. Возмездное оказание услуг в гражданском праве России: дисс. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2003. – 172 с.
20. Постановление Правительства РФ от 13 февраля 2006 г. № 83 «Об утверждении Правил определения и предоставления технических условий подключения объекта капитального строительства к сетям инженерно-технического обеспечения и Правил подключения объекта капитального строительства к сетям инженерно-технического обеспечения» // СЗ РФ. – 2006. – № 8. – Ст. 920.
21. Қоидаҳои истифодабарии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия дар ҶТки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 апрели соли 2011, №234 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.05 соли 2022).
22. Рахимова М.А. Реформа жилищно-коммунального хозяйства как элемент модернизации и формирования конкурентной среды в сфере услуг // Вестник ТГУ ПБП. Серия общественных наук. – 2015. – №2. – С. 43 - 57.
23. Парвандаи № 3-270 аз 28 апрели соли 2022. Бойгонии суди шаҳрии Хуҷанд.

**Муртазозода Ҷ.С.,**
**Атаев А.С.**

## Фишурда
## Оид ба масъалаи хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ

Муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ яке аз муаммоҳои ҷиддии ҳангоми баамалбарории фаъолияти хоҷагидорӣ бамиёномада, мебошанд. Оид ба масъалаи хусусиятҳои тазими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бисёр таҳқиқотҳои илмӣ бахшида шудаанд, ки муаллиф дар мақола истифода бурдааст. Дар мақола муаллиф танзими муносибатҳои шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналиро аз рӯи намунаҳо таҳлил карда, ҳар яке аз муносибатҳоро доир ба хариду фурӯши захираҳои коммуналӣ ва пешниходи хизматрасонии коммуналӣ ва рафъи обҳои партов, ҳам аз ҷиҳати ақидаҳои илмӣ-назариявӣ, ҳам аз ҷиҳати таҷрибавӣ шарҳ додааст. Дар мақола на танҳо меъёрҳои қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ таҳлил карда шудаанд. Дар ҷамъбасти мақола муаллиф хулосабарорӣ карда қайд намудааст, ки муносибатҳо оид ба хизматрасонии коммуналии манзилҳои истиқоматӣ маданӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Танзими маданӣ-ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ ба воситаи танзими муносибатҳои тарафайн оид ба хизматрасонии коммуналӣ, инчунин ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон барои ба даст овардани захираҳои коммуналӣ сурат мегирад.

**Муртазозода Дж.С.,**
**Атаев А.С.**

**Аннотация**

**К вопросу об особенностях договорного регулирования оказания коммунальных услуг**

Договорные отношения в области оказания коммунальных услуг являются одной из серьезных проблем, возникающих при осуществлении хозяйственной деятельности. Автор в статье использует много научных работ, посвященных вопросам особенностей договорных регулирований оказания коммунальных услуг. В статье автор, анализируя регулирование договорных отношений оказания коммунальных услуг по видам, раскрывает каждое отношение по купли-продаже коммунальных ресурсов и оказания коммунальных услуг и водоотведения с точки зрения научно-теоретических взглядов и практики. В статье анализированы не только нормы гражданского законодательства Республики Таджикистан, но и нормативно-правовые акты в сфере коммунальных услуг. В заключении статьи автор, делая вывод, отмечает, что отношения по оказанию коммунальных услуг жилых домов являются гражданско-правовыми. Гражданско-правовое регулирование коммунальных услуг осуществляется регулированием взаимных отношений по оказанию коммунальных услуг, также правами потребителей по приобретению коммунальных ресурсов.

**Murtazazoda J.S.,**
**Atayev A. S.**

**The summary**

**On the issue of the peculiarities of contractual regulation of the provision of communal services**

Contractual relations in the field of provision of communal services are one of the serious issues that arise when carrying out economic activities. The author in the article uses many scientific works devoted to the peculiarities of contractual regulations for the provision of communal services. In the article, the author, analyzing the regulation of contractual relations for the provision of communal services by type, from the point of view of scientific, theoretical views and practice reveals each relationship for the purchase and sale of communal resources and the provision of communal services and sanitation. The article analyzes not only the norms of civil legislation of the Republic of Tajikistan, but also regulations in the field of communal services. At the conclusion of the article, the author, making a conclusion, notes that relations for the provision of communal services to residential buildings are civil. Civil regulation of communal services is carried out by regulating mutual relations in the provision of communal services, as well as the rights of consumers to purchase communal resources.

**Муқарризи мақола Соҳибзода М. М.- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

ВБД:347. 4 (575. 3) Саидов Ҳ.М*.

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЭЪТИРОФИ ОБЪЕКТҲОИ ОБ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

**Калидвожаҳо:** объектҳои ҳуқуқи маданӣ, объектҳои об, ҳуқуқи хусусӣ, ҳуқуқи оммавӣ, Кодекси об, об, истифодаи об, танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, уҳдадорӣ, ҳуқуқи ашёӣ, нишонаҳои объект, Кодекси маданӣ, ҳуқуқи римӣ, муносибатҳои молумулкӣ, неъматҳои ғайримолумулкӣ, қонунгузорӣ, давлат.

**Ключевые слова:** объекты гражданского права, водные объекты, частное право, публичное право, Водный кодекс, вода, водопользования, правовое регулирование, права, обязанности, вещные права, признаки объекта, Гражданский кодекс, римское право, имущественные правоотношения, неимущественные блага, законодательство, государство.

**Keywords:** objects of civil law, water bodies, private law, public law, Water Code, water, water use, legal regulation, rights, obligations, property rights, signs of the object, Civil Code, Roman law, property relations, non-property benefits, legislation, state.

Масъалаи мушаххас кардани моҳияти «объектҳои ҳуқуқи маданӣ» мавзуи тадқиқоти олимони зиёди сивилист қарор гирифтааст[181]. Объектҳои ҳуқуқи маданӣ дар ҷомеаи муосир яке аз ҷойҳои марказиро дар назария ва амалияи танзими маданӣ-ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ишғол менамоянд. Бидуни чунин неъматҳо ин соҳаи қонунгузорӣ моҳияти пурмазмуни худро гум мекунад. Пас, зери мафҳуми объектҳои ҳуқуқи маданӣ чӣ фаҳмида мешавад?

Объектҳои ҳуқуқи маданӣ гуфта, неъматҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии муайян фаҳмида мешаванд, вобаста ба онҳо ва ё нисбати онҳо муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ба вуҷуд меоянд ва вуҷуд доранд. Молумулк, ашё, пул, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок, ҳуқуқи молумулкӣ, иттилоот ва м.и. ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ эътироф гардидаанд.

Ҳар яке аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои объекти худ мебошанд. Ҳар як объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ қобилияти қонеъ гардонидани ин ё он талаботи инсонро дорад. Қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ ба он такя менамоянд, ки ҳар як объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ таъйиноти бевоситаи худро дорад. Яке аз падидаҳое, ки қобилияти қонеъ гардонидани талаботҳои маишӣ ва истеҳсолии субъектони ҳуқуқи маданиро дошта метавонад ва оид ба мавқеи онҳо дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ назарҳо ва таҳлилҳои зиёд мавҷуд аст, ин «объектҳои об» мебошанд. Ҳатто оид ба эътирофи «об» ҳамчун объекти ҳуқуқи

*Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. hsaidov88@mail.ru тел: (+992) 985 62 88 77.

[181]Ниг.: Анисимов А.П. Объекты гражданских прав: новые векторы правового регулирования / А. П. Анисимов А.Я. Рыженков, А. Ю. Чикильдина // Вестник Волгоградского государственного университета. Сер. Юриспруденция. - 2013. - № 4 (21). - С. 8-14; Бевзенко Р.С. Объекты гражданских правоотношений / Р.С. Бевзенко // Гражданское право: актуальные проблемы теории и практики; под ред. В.А. Белова. - М.: Юрайт-Издат, 2007. - С. 299-345; Белов В.А. Объект субъективного гражданского права, объект гражданского правоотношения и объект гражданского оборота: содержание и соотношение понятий / В.А. Белов // Объекты гражданского оборота; под ред. М.А. Рожкова. - М., 2007. - С. 6-77; Лапач В.А. Система объектов гражданских прав: теория и практика / В.А. Лапач. - СПб., 2002. - 542 с; Сенчищев В.И. Объект гражданского правоотношения / В.И. Сенчищев // Актуальные вопросы гражданского права: сб. ст.; под ред. М.И. Брагинского. М., 1998. - С. 109-160.

маданӣ таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудааст[182]. Аммо бояд таъкид намуд, ки на ҳамаи «объектҳои об» ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ баромад карда метавонад. Моро зарур аст, ки мавқеи объектҳои обро дар муомилоти маданӣ-ҳуқуқӣ, ҳамчун объекти ашёӣ ва ҳамчун предмети муомилотпазир муқаррар ва таҳлил намоем. Аз ин рӯ, бештар ба нуктаҳои назари олимон, таҳқиқотҳои илмӣ истода мегузарем.

Ҳануз дар Рими қадим ҳуқуқро ба хусусӣ ва оммавӣ тақсим карда буданд, ки дар асри 21 ин таснифот аҳамияти худро нигоҳ медорад. Улпиан навишта буд, ки ҳуқуқи оммавӣ манфиати давлатро ҳимоя мекунад. Азбаски давлат барандаи ҳокимияти сиёсӣ аст, дар муносибатҳои оммавӣ субъектон нобаробар мебошанд ва танзими муносибатҳо хислати императивӣ дорад. Ба ақидаи ӯ, ҳуқуқи оммавӣ ин ҳуқуқест, ки ба мавқеи давлати Рим мансуб аст. Оид ба ҳуқуқи хусусӣ Улпиан чунин менависад, ки ҳуқуқи хусусӣ ин ҳуқуқест, ки ба манфиатҳои шахсони алоҳида мансуб аст[183].

И.А. Покровский чунин менависад, ки сарҳадҳои байни ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ ҳеҷ гоҳ якхела муайян карда нашудаанд ва доимо тағйир меёбанд. Ҳатто дар айни замон ин сарҳадҳо хаттӣ қатъиро ифода намекунанд[184]. Д. В. Козлов дар таҳқиқоти худ чунин меорад, ки ҳуқуқи табиатистифодабарӣ дар маҷмуъ ва алалхусус ҳуқуқи об ҳамеша дар минтақаи сарҳадии байни ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ ҷойгир буда, тахти танзими омехта қарор дорад[185]. Дар баробари ин, чи аз сабаби набудани сарҳадҳои аниқ дар байни онҳо ва чи аз сабаби ба ҳам алоқамандии диалектикии ин меъёрҳо байни падидаҳои хусусӣ ва оммавӣ аниқ фарқ гузоштан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, вазифаи муайян кардани объектҳои обе, ки ба соҳаи ҳуқуқи хусусӣ тааллуқ доранд ва ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ амал мекунанд, хеле душвор аст[186].

Барои ҳалли масъалаи эътирофи объектҳои об ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ, дар маҷмуъ объекти муомилотпазир, аввал мафҳум ва аломатҳои объектҳои ҳуқуқи маданиро муайян кардан лозим аст ва ин аломатҳои объектҳои ҳуқуқи маданиро бо хусусиятҳои объектҳои об ҳамоҳанг сохтан зарурат дорад.

Ба андешаи О.А. Красавчиков, объекти ҳуқуқи маданӣ «он чизест, ки дар бораи он дар байни шахсон алоқаи муайяни ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд»[187]. М.Брагинский чунин мешуморад, ки объекти ҳуқуқи маданӣ «чизест, ки вобаста ба он муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ба миён меоянд»[188].

Гуруҳи дигари олимон С.А. Зинченко, В.А. Лапач ва Д.Ю. Шапсугов бар он андешаанд, ки объектҳои ҳуқуқи маданӣ неъматҳои молумулкӣ ва маънавӣ мебошанд, ки нисбати онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун мавзуи ҳуқуқи маданӣ ташаккул ёфта, дар рафти танзими ин муносибатҳо робитаҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд[189]. Муҳаққиқ А.П. Сергеев зери объектҳои ҳуқуқи

---

[182] Ба таври муфассал, ниг.: Саидов Х.М. Вода в системе объектов гражданских прав // Матер. респ. научно - практ. конф. на тему: «Проблемы совершенствования водного законодательства Республики Таджикистан» в контексте принятой резолюции Генеральной Ассамблеи ООН «Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028гг.». – Душанбе, 26.05.2017г. –С. 58-72.; Саидов Х.М. Вода как объект гражданских прав // Государство и право.- Душанбе, 2012. - № 3. – С. 81-86.

[183] Ниг.: Римское частное право: учебник / Под ред. проф. И.Б. Новицкого и проф. И.С. Перетерского. - М.: Юриспруденция, 2000. – С.4.

[184] Ниг.: Покровский И.А. Основные проблемы гражданского права. -Пг, 1917. - С. 11-12.

[185] Ниг.: Козлов Д.В. Вещные и обязательственные права в системе прав на водные объекты: дисс ... кандидата юридических наук. - М., 2007. – С. 14.

[186] Ниг.: Козлов Д.В. Асари ишорашуда. – С. 14.

[187] Ниг.: Советское гражданское право. Учебник в 2 т. // Под ред. О.А. Красавчикова. Том 1. - М., 1985. - С. 177.

[188] Ниг.: Брагинский М., Суханов Е., Ярошенко К. Объекты гражданских прав // Хозяйство и право. 1995. №3. –С.3.

[189] Ниг.: Зинченко С.А. Лапач В.А. Шапсугов Д.Ю. Проблемы объектов гражданских прав. - Ростов-на-Дону, 2001. - С. 1.

маданӣ неъматҳои молумулкӣ ва маънавиро мефаҳмад, ки вобаста ба онҳо субъектҳои ҳуқуқи маданӣ бо ҳамдигар дар муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд[190].

Тавре ки андешаҳои дар боло зикршуда нишон медиҳанд, аксарияти мутлақи сивилистони муосир неъматҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ ҷудо мекунанд. Ин маъмултарин таърифи объектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Дар байни аломатҳои объектҳои ҳуқуқи маданӣ, пеш аз ҳама, қобилияти объектҳои ҳуқуқи маданиро барои қонеъ гардонидани талаботи муайяни субъектҳои ҳуқуқи маданӣ қайд кардан лозим аст. Чунин аломат умумӣ аст, ки чи аз худи табиати мафҳуми «неъмат» (он чизе, ки барои қонеъ гардонидани ҳар як талаботи инсон хизмат мекунад, манфиат меорад, эҳтиёҷро бартараф месозад) ва ҳам аз табиати ҳуқуқҳои маданӣ, ки ба қонеъ гардонидани ҳама гуна эҳтиёҷоти дорандагони онҳо нигаронида шудааст, бармеояд.

Оид ба худи эҳтиёҷот Д.В. Шорников чунин андеша иброз медорад, ки он бояд характери хусусӣ, «ғайриоммавӣ» дошта бошад ва неъматҳо - молумулкию ғайримолумулкӣ, ки ба ин меъёр мувофиқанд, дар давраи муайян объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ мебошанд[191]. Дар ҳолате, ки неъмати муайян ба чунин меъёр ҷавобгӯ гардонад, он аз доираи танзими ҳуқуқи маданӣ мебарояд ва баръакс, неъмате, ки талаботи хусусияти хусусиро қонеъ мегардонад, ба мавзуи ҳуқуқи маданӣ дохил карда мешавад.

Яке аз олимон В.А. Лапач дар доираи таҳқиқоти худ чунин аломатҳои махсуси объектҳои ҳуқуқи маданиро муайян менамояд, ки онҳо дискретӣ (фосилавӣ, ҷудогона, ҷудошуда), алоқамандии (вобастагии) ҳуқуқӣ ва низомнокӣ мебошанд.

Дискретӣ (калимаи лотинии diskretus буда, фосилавӣ, ҷудогонаро ифода мекунад) ҳамчун «муайянии сифатӣ, инчунин ҷисмонӣ ва/ё баҳисогирӣ ва ҷудокунии объектҳои ҳуқуқи маданӣ аз ҳама объектҳои дигар» фаҳмида мешавад[192]. Дискретӣ будани объект онро ифода менамояд, ки аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ аз дигар объектҳо ҷудо кардани объекти дигарро мефаҳмонад. Дар баробари ин В.А. Лапач таъкид мекунад, ки барои ба сифати объекти ҳуқуқи маданӣ ҷудо кардани ҳар як объект зарур аст, ки вай ҳамчун аломати маҷмӯӣ дискретии (ҷудонамоии) ҷисмонӣ (фазоӣ) ва сифатӣ дошта бошад, дар сурате ки охирин бо қобилияти қонеъ гардонидани талаботи молумулкӣ ва ғайримолумулкии соҳибони ҳуқуқҳои субъективӣ алоқаманд аст[193].

Аломати алоқамандии ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқи маданиро В.А. Лапач чунин баррасӣ менамояд, ки ин аломат имкони ба таври меъёрӣ кафолатдодашудаи ҳуқуқии вобастагии объектҳоро ба субъектҳои ҳуқуқи маданӣ: шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва дигар субъектон ифода мекунад.

Ҷойи дигар В.А. Лапач менависад, ки «ин ё он неъматҳои молумулкӣ ё ғайримолумулкӣ бояд ҳамчун объекти ҳуқуқ тавсиф карда шаванд, яъне аз рӯи қонун ҳамчун объекти ҳуқуқ эътироф карда шаванд. Дар айни замон объекти ҳуқуқ будани ин ё он неъмат бо роҳҳои гуногун муқаррар карда мешавад: баъзеи онҳо бо нишондоди бевоситаи қонун объекти ҳуқуқи маданӣ мебошанд, дигарҳо бошад, барои ба даст овардани аломатҳои объект будан талаботҳои махсусро ба сифати объект талаб мекунанд»[194]. Зарурати таъкид намудани чунин аломат аз он

---

[190] Ниг.: Гражданское право. Том I Учебник // Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. -М., 2002. - С. 254.

[191]Ниг.: Шорников Д.В. Природные ресурсы как объекты гражданских прав: дисс, на соиск, уч. степени к.ю.н. – Иркутск, 2005. - С. 32.

[192] Ниг.: Лапач В.А. Система объектов гражданских прав: Теория и судебная практика. - СПб., 2002. - С. 140- 141.

[193] Ниг.: Лапач В.А. Асари ишорашуда. - С. 140- 141.

[194] Ниг.: Лапач В.А. Асари ишорашуда. - С. 161.

иборат аст, ки чунин алоқамандии ҳуқуқӣ «вобастагӣ»-и ҳуқуқии объектҳоро бо дорандагони ҳуқуқҳои субъективӣ таъмин намуда, ҳолати «ғайриозодӣ»-и объектҳои олами беруниро ба вуҷуд меорад, ки ин шарти асосии ҳукмронии шахсони ба сифати субъекти ҳуқуқ эътирофшуда бар объектҳои олами беруна мебошад.

Аломати низомнокиро В.А. Лапач дар ду ҷиҳат баррасӣ мекунад, ки якум, ин ҳамгироии ғояи ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқ дар низоми категорияҳои асосии ҳуқуқ фаҳмида мешавад ва дуюм, низоми мунтазами худи категорияи объектҳо мебошад. Хусусияти низомнокии объект, яъне пайдо кардани он дар муносибатҳои системавӣ бо дигар объектҳои ҳуқуқи маданиро ифода менамояд. Дар асл, мисоли низомнокии объектҳои ҳуқуқи маданӣ худи моддаи 136-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кодекси мадании ҶТ) мебошад, ки номбар кардани намудҳои чунин объектҳо вобаста ба ҳолати кунунии танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ва ба ин васила барои ташаккули низоми онҳо замина фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, тибқи аломати системавӣ (низомнокӣ) объектҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳамчун як намуди зернизоми низоми ҳуқуқи маданӣ, ки ба вазъи кунунии ҳуқуқи маданӣ ва рушди муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мувофиқанд ва низоми ба таври мураккаб ташкилшудаи неъматҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро ифода менамоянд, баррасӣ мешаванд.

Д.А.Шорников ба ғайр аз чор аломати дохилии зикршудаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ (қобилияти қонеъ гардонидани талаботи муайяни субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, дискретӣ, алоқамандии ҳуқуқӣ, низомнокӣ) реҷаи ҳуқуқии объектҳоро илова мекунад ва онро аломати берунӣ меҳисобад[195].

Бояд таъкид намуд, ки унсури асосии реҷаи ҳуқуқӣ ин муомилотпазирии объектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Мувофиқи моддаи 137-и Кодекси мадании ҶТ объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ метавонанд бо тартиби ворисии ҳуқуқии умумӣ ва ё бо тарзи дигар озодона бегона карда шаванд ё аз як шахс ба шахси дигар гузаранд, агар муомилоти онҳо манъ ё маҳдуд нашуда бошад. Дар баробари ин объектҳои ҳуқуқи маданӣ метавонанд объектҳои пурра муомилотпазир, объектҳое, ки муомилоташон маҳдуд аст ва объектҳое, ки аз муомилот бароварда шудаанд, бошанд. Аз муқаррароти моддаи 137-и Кодекси мадании ҶТ бармеояд, ки неъматҳо новобаста аз муомилотпазириашон объекти ҳуқуқи маданӣ мебошанд ва дар объект набудани он танҳо реҷаи ҳуқуқии онро ба таври муайян тавсиф мекунад, вале онро аз шумораи объектҳои ҳуқуқи маданӣ истисно намекунад.

Ҳамин тариқ, дар асоси асарҳои олимони сивилист аломатҳои зерини объектҳои ҳуқуқи маданиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Қобилияти объект барои қонеъ гардонидани талаботи молумулкӣ ва ғайримолумулкии субъектҳои ҳуқуқи маданӣ (хусусияти асосии дохилии объект);

2. Дискретии (ҷудогона будани) объект, яъне аз дигар объектҳо аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ ҷудо будани он;

3. Низомнокии объект, яъне аз як тараф дар робитаи системавӣ бо дигар объектҳои ҳуқуқи маданӣ қарор доштани объект ва аз тарафи дигар низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ дар робита бо дигар низомҳои ҳуқуқи маданӣ қарор доштан;

4. Алоқамандии ҳуқуқии объект, ки ҳамчун робитаи ҳуқуқии объект бо субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ фаҳмида мешавад;

5. Реҷаи ҳуқуқии объект (аломати беруна), ки унсури асосии реҷаи ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқи маданӣ ин муомилотпазирии онҳо мебошад.

Биёед дида мебароем, ки аломатҳои зикргардидаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ

[195] Ниг.: Шорников Д.В. Асари ишорашуда. - С. 37.

ба аломатҳои объектҳои об чӣ гуна мувофиқат мекунанд. Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки мафҳуми «объекти об» дар моддаи 1-и Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- КО ҶТ) чунин муайян гардидааст. Зери объекти об - махзани табиӣ ё сунъии об, обрав ё дигар объекти ҷамъшавии доимӣ ва ё муваққатии об, ки дар он намуд ва нишонаҳои хоси реҷаи обӣ вуҷуд доранд, фаҳмида мешавад[196]. Дар моддаи 6 КО ҶТ объектҳои об мушаххас карда шудаанд. Мувофиқи меъёри моддаи мазкур объектҳои об ба объектҳои оби рӯизаминӣ ва зеризаминӣ ҷудо карда мешаванд. Объектҳои оби рӯизаминӣ аз обҳои рӯизаминӣ ва заминҳои фарогирифтаи онҳо дар ҳудуди хатти соҳилӣ иборат мебошанд. Обҳои рӯизаминӣ – обҳое, ки доимӣ ё муваққатан дар объектҳои обии рӯизаминӣ қарор доранд. Ба объектҳои оби рӯизаминӣ дохил мешаванд: - обравҳо (дарёҳо, сойҳо, каналҳо); - ҳавзобаҳо (кӯлҳо, толобҳо, карйерҳо, обанборҳо, селпарто); - ботлоқҳо; - баромадгоҳҳои табиии обҳои зеризаминӣ (чашмаҳо, гармчашмаҳо); - пиряхҳо, барфтӯдаҳо. Чунин объектҳои об дорои арзиши бисёрфунксионалӣ буда, дар як вақт барои як ё якчанд мақсад истифода шуда метавонанд.

Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки объектҳои об як навъ захираи табиӣ мебошанд.

Мафҳуми қонунии захираҳои табиӣ дар моддаи 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» муқаррар шудааст, ки мувофиқи он захираҳои табиӣ - ҷузъиёти табиии муҳити зист, объектҳои табиӣ ва табиии антропогение, ки инсон истифода мебарад (энергияи офтоб, гармии дохилизаминӣ, ҳавои атмосфера, захираҳои замин, об, ҷангал ва маъдан, маводи радиоактивӣ, олами набототу ҳайвонот ва маҳсули онҳо, дигар неъматҳои табиӣ) мебошанд[197]. Дар адабиёти илмӣ захираҳои табиӣ ба ду маъно фаҳмида мешаванд. Якум, ба маънои васеъ захираҳои табиӣ тамоми неъматҳои табиӣ, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти экологӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ-фароғатии инсон ва ҷомеа таъин шудаанд ва дуюм, ба маънои маҳдуд захираҳои табиӣ манбаъҳои табиии қонеъ гардондани истеҳсолоти моддӣ, дониста мешаванд[198]. Хотиррасон бояд намуд, ки рӯйхати пурраи навъҳои захираҳои табииро тартиб додан имконнопазир аст, аммо аксарияти мутлақи олимон ба захираҳои табиӣ инҳоянд дохил менамоянд: замин, об, ҷангал, сарватҳои зеризаминӣ, олами ҳайвонот ва ҳавои атмосфера.

Қобили зикр аст, ки то ҳол, сарфи назар аз рушди назарраси соҳаи танзими ҳуқуқи хусусӣ, як қатор муаллифон чунин мешуморанд, ки реҷаи ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии истифодаи захираҳои табиӣ танҳо ба соҳаи ҳуқуқи оммавӣ тааллуқ дорад. Аз ҷумла, Е.А. Суханов менависад, ки «муносибатхои молу мулкие, ки характери ғайримолӣ доранд (масалан, ... муносибатҳои оид ба истифодаи замин ва дигар сарватҳои табиие, ки моликияти давлатӣ мебошанд ва ғайра) ба мавзуи ҳуқуқи маданӣ дохил намешаванд ва бо он танзим шуда наметавонанд»[199]. Ба андешаи мо чунин мавқеъ мутлақ буда наметавонад. Гузашта аз ин, объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии захираҳои табииро тибқи қонунгузории амалкунанда метавон ба ду намуд тақсим кард[200]. Навъи якум иборат аст аз замин ҳамчун объекти табиӣ ва сарвати табиӣ; фонди ҷангал ва

---

[196] Ниг.: Кодекси оби ҶТ аз 2 апрели соли 2020, №1688// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.08 соли 2023).

[197] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2011, № 7-8, мод. 614; с. 2014, №11, мод. 669; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1449.

[198] Ниг.: Петров В.В. Экологическое право. Учебник для вузов. –М., 1995. - С. 544-545.

[199] Ниг.: Гражданское право в 2 томах. Том 1. Учебник // Отв. ред. Е.А. Суханов. – М., 2000. – С. 27.

[200] Ниг.: моддаи 1 (1) Кодекси замини ҶТ; моддаи 1 Кодекси ҷангали ҶТ; моддаи 1 Қонуни ҶТ «» Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ; моддаҳои 1 ва 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи олами ҳайвонот».

ҷангалҳое, ки ба фонди ҷангал дохил нашудаанд; фонди об[201]; фонди давлатии сарватҳои зеризаминӣ (сарватҳои зеризаминӣ); олами ҳайвонот. Ба навъи дуюми объектҳои муносибатҳои захираҳои табиӣ инҳо дохил мешаванд: қитъаи замин; қитъаи ҷангал; объектҳои об[202]; қитъаҳои сарватҳои зеризаминӣ; объектҳои олами ҳайвонот. Ба ибораи дигар, объектҳои навъи дуюм ҷузъҳои захираҳои табиии мувофиқ мебошанд. Д. В. Козлов дуруст менависад, ки танзими ҳуқуқии ин ду намуди объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии захираҳои табиӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ҳангоми ҷавоб додан ба саволе, ки объектҳои об объектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд ё не, бояд ба назар гирифта шаванд[203].

Аломати аввалини объектҳои ҳуқуқи маданӣ ин қобилияти қонеъ гардонидани талаботи молумулкӣ ва ғайримолумулкии субъектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Мавҷудияти чунин аломат дар объектҳои алоҳидаи об ҳамчун қисмҳои захираҳои табиӣ бешубҳа мушоҳида мешавад ва онҳо арзиши назаррас доранд. Дар баробари ин, фонди об, ки ҳамчун маҷмӯи захираи табиӣ ҳисобида мешавад, бештар ба соҳаи ҳуқуқи оммавӣ мансуб буда, ҳамчун моликияти ҷамъиятӣ амал мекунад, ки ба манфиати тамоми ҷомеа ва давлат ҳифз ва истифода мешавад, на барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии мушаххас.

Масъалаи мавҷудияти хусусияти дуюм – дискретӣ (ҷудогона) нисбат ба объектҳои об мушкилтар аст. Баъзе муаллифон (махсусан В. Плохова) мавҷудияти онро дар захираҳои табиӣ умуман инкор мекунанд[204]. Аммо дискретӣ (ҷудогона) будани объектҳои обро, ба гуфтаи Д.А. Шорников, татбиқ кардани баҳисобгирии кадастрӣ ба онҳо шаҳодат медиҳад. Азбаски ҳеҷ гуна баҳисобгирӣ бидуни ҷудонамоии миқдорӣ ва сифатии объектҳои баҳисобгирӣ аз ҳамдигар ва аз дигар объектҳо имконпазир нест, худи баҳисобгирӣ маҳз чунин ҷудонамоиро ифода мекунад[205]. Чунин мавқеъ нисбат ба объектхои обе, ки барои баҳисобгирӣ кадастрӣ онҳо тартиб дода мешавад, одилона донистан мумкин аст, вале барои фонди об қобили қабул нест. Зеро фонди об маҷмӯи захираҳои табиӣ буда, ба соҳаи ҳуқуқи оммавӣ нисбат дорад.

Аломати сеюм хусусияти системавии (низомнокии) объект мебошад, ки бинобар он объект дар алоқаи низомнок бо дигар объектҳои ҳуқуқи маданӣ ва низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ дар алоқамандӣ бо дигар низомҳои ҳуқуқи маданӣ қарор доранд. Ин нишона натиҷаи хусусияти системавии (низомнокии) ҳуқуқ мебошад, ки аз рӯи он ҳуқуқи маданӣ ҳамчун маркази низоми ҳуқуқи хусусӣ амал мекунад[206]. Объектҳои об бо объектҳои дигари ҳуқуқи маданӣ алоқаманданд, ки ин дар раванди идоракунии табиат комилан равшан зуҳур меёбад. Ба сифати мисол мумкин аст, ки иншооти гидротехникӣ; алоқаҳои зериобӣ ва қубурҳои обпарто, киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ оварда шаванд. Илова бар ин, захираҳои табиӣ манбаи асосии қариб ҳама молу мулк баромад мекунанд. Ба ибораи дигар, робитаи объектҳои об бо дигар объектҳои ҳуқуқи маданӣ метавонад каму беш аён ва доимӣ бошад, вале ба худи мавҷудият ва хусусияти системавии (низомнокии) он шубҳа кардан нашояд[207].

Д.О. Сиваков чунин таъкид менамояд, ки масъалаи алоқамандии ҳуқуқиро баррасӣ намуда, бояд эътироф кард, ки айни замон ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқ ба

---

201 Фонди давлатии оби ҶТ маҷмуи ҳамаи объектҳои об ва захираҳои оби дар онҳо мавҷудбударо дар ҳудуди ҶТ, инчунин заминҳои ишғолнамудаи онҳо бо минтақаҳои ҳифзи обро дар бар мегирад (моддаи 5 Кодекси оби ҶТ).

202 Объекти об – махзани табиӣ ё сунъии об, обрав ё дигар объекти ҷамъшавии доимӣ ва ё муваққатии об, ки дар он намуд ва нишонаҳои хоси реҷаи обӣ вуҷуд доранд (моддаи 1 Кодекси оби ҶТ).

203 Ниг.: Козлов Д.В. Асари ишорашуда. – С. 22.

204 Ниг.: Плохова В. Особенности природных объектов и их отражение в правовом регулировании // Рос. Юстиция. 2002. № 6. - С. 29.

205 Ниг.: Шорников Д.А. Асари ишорашуда. - С. 97.

206 Ниг.: Лапач В.А. Асари ишорашуда. - С. 172.

207 Ниг.: Шорников Д.В. Асари ишорашуда. - С. 100.

қитъаи заминро пурра ва муфассал фаро мегирад[208]. Ҳамчунин, дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- КО ҶТ) падидаҳое муқаррар шудаанд, ки тавассути амалисозии онҳо алоқамандии объектҳои об бо субъектони алоҳида имконпазир мегардад. Ба сифати чунин падида шартномаҳои истифодаи об баромад менамоянд, ки доираи татбиқи ҳуқуқи маданиро нисбат ба объектҳои об зиёд мегардонанд.

Ҳангоми баҳодиҳии нишонаи панҷум - реҷаи ҳуқуқӣ, бояд ба муомилотпазирии объектҳо диққат дод. Тавре ки қаблан зикр гардид, дараҷаи муомилотпазирӣ ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ тааллуқ доштани мол таъсир намерасонад, балки танҳо реҷаи ҳуқуқии онро (ашёро) тавсиф мекунад. Дар айни замон аз тамоми қисмҳои захираҳои табиӣ танҳо қитъаҳои замин иқтидори муомилотпазирии пурра доранд. Дар баробари ин, ҳуқуқи истифодабарии объектҳои об мувофиқи КО ҶТ метавонад, аз як субъекти ҳуқуқи маданӣ ба субъекти дигараш ба таври одилона озодона гузашт ёбад.

Ҳамин тавр, пас аз таҳлил имкони ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ ворид намудани объектҳои обро (махсусан, ҳавзҳо ва карейрҳоро) эътироф кардан мумкин аст. Нисбат ба фонди об умуман чунин хулоса баровардан имконнопазир аст, зеро он бояд ҳамчун объекти ҳуқуқи оммавӣ баррасӣ шавад.

Акнун муайян кардан лозим аст, ки объектҳои об ба кадом намуди объектҳои ҳуқуқи маданӣ мансуб буда метавонанд. Моддаи 136-и Кодекси мадании ҶТ объектҳои зеринро ҷудо мекунад: ашё, (пули нақд, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ва ғайра), натиҷаи кор ва хизматрасонӣ, иттилооти ҳифзшаванда, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ ва молу мулки дигар, аз ҷумла воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат. Аксарияти ин объектҳо натиҷаи фаъолияти инсон буда, пайдоиши табиӣ надоранд, бинобар ба онҳо объектҳои обро дохил кардан имконнопазир аст. Ҳамин тариқ, таҳлили моддаи 136-и Кодекси мадании ҶТ нишон медиҳад, ки объектҳои об метавонанд ҳамчун ашё (ба истиснои пул ва коғазҳои қиматнок) эътироф карда шаванд.

Одатан, дар соҳаи сивилистика диққати бештар ба ашё дода мешавад, бинобар ин дар таърифи ашё камбудӣ вуҷуд надорад. Ю.С. Гамбаров ашёро ба маънои васеъ (ҳамчун мавзуи ҳуқуқ) ва ба маънои маҳдуд мефаҳмад. Ба маънои маҳдуд, ашё он чизест, ки дар фазо аст ва бо фазо маҳдуд аст, яъне ҳама чизест, ки бевосита бо эҳсоси мо дарк мешавад[209]. Ашёҳо, ба гуфтаи А.П. Сергеев, ин арзишҳои табиӣ ва олами моддӣ мебошанд, ки аз ҷониби инсон офарида шуда, ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ баромад мекунанд[210]. Мавқеи амалан ба ин монандро Т.Л. Левшин қайд мекунад, ки ашё яке аз объектҳои маъмултарини ҳуқуқи маданӣ - арзишҳои олами моддие мебошанд, ки дар ҳолати сахт, моеъ, газ ва дигар ҳолатҳои физикӣ қарор доранд, ки мақсади асосии онҳо қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мебошад[211].

Ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки объектҳои обро ба категорияи ашё (хусусан ашёи ғайриманқул) ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ даровардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, вобаста ба таҳлилҳои фақуззикр чунин хулосаи асосиро баровардан мумкин аст, яъне объектҳои об (хусусан ҳавзҳо, карейрҳо) объекти ҳуқуқи маданӣ буда, ҳамчун ашё (ғайриманқул) ҳисобида мешаванд. Ин

---

[208] Ниг.: Сиваков Д.О. Новый Водный Кодекс - итог обновления водного права // Законодательство и экономика. – 2006. –№ 1. - С. 25.

[209] Ниг.: Гамбаров Ю.С Курс гражданского права. – СГТб., 1911. - С. 572.

[210] Ниг.: Гражданское право. Том 1. Учебник // Под ред. А. П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 2002. - С. 254-255.

[211] Ниг.: Гражданское право России. Общая часть: Курс лекций // Отв. ред. О.Н. Садиков. – М., 2001. - С. 261.

объектҳои об (ҳавзҳо ва карейрҳо) ба ашёи ғайриманқул дохил шуда, қисми асосии қитъаи замин мебошанд. Вобаста ба онҳо мумкин аст фурӯш, гарав ва дигар аҳдҳо, ки дар ҷараёни он объектҳои об гузашт карда мешаванд, анҷом дода шаванд. Ин объектҳои об (ҳавзҳо ва карейрҳо) мумкин аст аз як шахс ба шахси дигар бо тартиби муқарраранамудаи қонунгузории маданӣ ва замин гузашт карда шаванд. Бегона кардани ҳавзҳо ва карейрҳо бидуни гузашт кардани қитъаи замин, ки дар он ин объектҳо ҷойгиранд, иҷозат дода намешавад. Ин бештар ба объектҳои оби сунъӣ дахл дорад. Фонди об бошад умуман ба ҳуқуқи маданӣ нисбат надорад ва пурра ба соҳаи ҳуқуқи оммавӣ тааллуқ дорад.

**Адабиёт:**


1.Анисимов А.П. Объекты гражданских прав: новые векторы правового регулирования / А. П. Анисимов А.Я. Рыженков, А. Ю. Чикильдина // Вестник Волгоградского государственного университета. Сер. Юриспруденция. - 2013. - № 4 (21).

2. Бевзенко Р.С. Объекты гражданских правоотношений / Р.С. Бевзенко // Гражданское право: актуальные проблемы теории и практики; под ред. В.А. Белова. - М.: Юрайт-Издат, 2007.

3. Белов В.А. Объект субъективного гражданского права, объект гражданского правоотношения и объект гражданского оборота: содержание и соотношение понятий / В.А. Белов // Объекты гражданского оборота; под ред. М.А. Рожкова. - М., 2007.

4. Брагинский М., Суханов Е., Ярошенко К. Объекты гражданских прав // Хозяйство и право. 1995. - №3. – С. 31 – 47.

5.Гражданское право. Том I. Учебник // Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 2002.

6. Гражданское право в 2 томах. Том 1. Учебник // Отв. ред. Е.А. Суханов. –М., 2000.

7.Гамбаров Ю.С Курс гражданского права. – СГТб., 1911.

8. Зинченко С.А. Лапач В.А. Шапсугов Д.Ю. Проблемы объектов гражданских прав. – Ростов-на-Дону, 2001.

9. Козлов Д.В. Вещные и обязательственные права в системе прав на водные объекты: дисс ... кандидата юридических наук. -М., 2007.

10. Лапач В.А. Система объектов гражданских прав: Теория и судебная практика. – СПб., 2002. - 542 с.

11. Петров В.В. Экологическое право. Учебник для вузов. –М., 1995.

12. Покровский И.А. Основные проблемы гражданского права. – Пг, 1917.

13. Плохова В, Особенности природных объектов и их отражение в правовом регулировании // Российская юстиция. 2002. - № 6.

14. Римское частное право: Учебник / Под ред. проф. И.Б. Новицкого и проф. И.С. Перетерского. - М.: Юриспруденция, 2000. – 448 с.

15. Саидов Х.М. Вода в системе объектов гражданских прав // Матер. респ. научно - практ. конф. на тему: «Проблемы совершенствования водного законодательства Республики Таджикистан» в контексте принятой резолюции Генеральной Ассамблеи ООН «Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028гг.». – Душанбе, 26.05.2017г.

16.Саидов Х.М. Вода как объект гражданских прав // Государство и право.- Душанбе, 2012. - № 3.

17.Советское гражданское право. Учебник в 2 т. // Под ред. О.А. Красавчикова. Том 1. – М., 1985.

18. Сиваков ДО. Новый Водный Кодекс - итог обновления водного права // Законодательство и экономика, 2006. - № 1.

19. Сенчищев В.И. Объект гражданского правоотношения / В.И. Сенчищев

// Актуальные вопросы гражданского права: сб. ст.; под ред. М.И. Брагинского. – М., 1998.

20. Шорников Д.В. Природные ресурсы как объекты гражданских прав: дисс.... на соиск, уч. степени к.ю.н. – Иркутск, 2005.

21. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.08 соли 2023).

22. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.08 соли 2023).

23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7-8, мод. 614; с. 2014, №11, мод. 669; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1449.

**Саидов Ҳ.М.**

**Фишурда**

**Ҷанбаҳои назариявии эътирофи объектҳои об ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ**

Дар мақолаи мазкур паҳлуҳои алоҳидаи эътирофи объектҳои оби ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ баррасӣ гардида, фикру андешаҳои олимон таҳлил гардидаанд. Масъалаи эътирофи объектҳои об ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ яке аз масъалаи мубрами назариявӣ ва танзими қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф нишонаҳои объектҳои ҳуқуқи маданиро муайян намуда, дар вобастагӣ ба онҳо объектҳои обиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар мақола бештар ба ҳавзҳо ва карйерҳо ҳамчун объекти об таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

**Саидов Х. М.**

**Аннотация**

**Теоретические аспекты признания водных объектов как объектами гражданских прав**

В данной статье рассматриваются отдельные аспекты признания водных объектов объектами гражданского права, анализируются мнения ученых. Вопрос о признании водных объектов объектом гражданского права является одним из важнейших теоретических и нормативных вопросов. Автором определены признаки объектов гражданского права, и в связи с ними исследованы водные объекты. В статье больше внимания уделено прудам и карьерам как водным объектам.

Saidov H. M.

The summary

**Theoretical aspects of recognition of water bodies as an object of civil law**

This article discusses certain aspects of the recognition of water bodies as objects of civil law, analyzes the opinions of scientists. The issue of recognizing water bodies as an object of civil law is one of the most important theoretical and regulatory issues. The author defines the signs of objects of civil law, and in connection with them, water bodies are investigated. The article focuses more on ponds and quarries as water bodies.

**Муқарризи мақола Қурбонов Қ. Б. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

**ВБД: 343.11(575.3)**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.**[*]
**Додозода А. М.**[*]

# ГУНОҲ ҲАНГОМИ ВАЙРОНКУНИИ УҲДАДОРИҲОИ ШАРТНОМАВӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** гуноҳ, аломатҳои гуноҳ, мафҳуми гуноҳ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқвайронкунии маданӣ, аломатҳои ҳуқуқвайронкунӣ, фактҳои ҳуқуқӣ, ҳодисаҳо ва амалҳо, уҳдадориҳои шартномавӣ, зиён, зарар.

**Ключевые слова:** вина, признаки вины, понятие вины, гражданское права, гражданские правонарушения, признаки правонарушений, юридические факты, события и действия, договорные обязательства, вред, ущерб.

**Keywords:** guilt, signs of guilt, concept of guilt, civil law, civil offenses, signs of offenses, legal facts, events and actions, contractual obligations, harm, damage.

Масъалаи гуноҳ яке аз институтҳои муҳим ва мураккаби ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, мафҳуми «ҳуқуқвайронкунӣ» ҳамчун асоси ҷавобгарӣ, аз ҷумла аломатҳои муайян, дар назарияи ҷиноятӣ, маъмурӣ ва умумии ҳуқуқ устувории худро пайдо кардааст. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст (моддаи 11). Аммо дар илми ҳуқуқи маданӣ бошад оид ба ташаккули ҳуқуқвайронкунии маданӣ фаҳмиши ягона ва мафҳуми ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунии маданӣ вуҷуд надорад. Аз ин маълум мегардад, ки муҳимият ва мураккабии истилоҳи «гуноҳ» дар ҳуқуқи маданӣ аз муайян намудани мафҳуми он ба вуҷуд меояд.

Тибқи назарияи ҳуқуқ ҳар як муносибатҳои ҳуқуқӣ дар натиҷаи фактҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Ду намуди факт вуҷуд дорад: ҳодисаҳо ва амалҳо.

Тибқи назарияи ҳуқуқ ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ дар натиҷаи фактҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Фактҳои ҳуқуқӣ ду навъ мебошанд:

- ҳодиса;
- амал.

Амалҳо, дар навбати худ, ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ мебошанд. Таҳти мафҳуми амали зиддиҳуқуқӣ бошад, амале фаҳмида мешавад, ки ба ҷомеа зарари муайян мерасонад ва тибқи қонун боиси пайдо шудани масъулияти муайян мегардад[212].

Аз ин рӯ, мафҳуми «ҳуқуқвайронкунӣ» чунин истилоҳҳоро ба монанди «кирдори ношоям» ва «ҷиноят» дар бар мегирад ва фарқият байни онҳо дар дараҷаи вазнинии кирдор, инчунин хавфи ҷамъиятии онҳо ба ҳисоб мераванд.

Ҳам ҷиноят ва ҳам кирдори ношоям дорои тарафи субъективии худ мебошанд, ки ин тарафи ҳуқуқвайронкуниҳоро гуноҳ ташкил медиҳад. Гуноҳ дар ҳама ҳолатҳо ҳамчун омилҳои зеҳнӣ ва иродавӣ баромад мекунад, аммо ин омил дар ҷиноятҳо ва кирдорҳои ношоиста бо тарзҳои гуногун зоҳир мегардад.

Агар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ гуноҳ ҳамчун тарафи субъективӣ баромад карда,

---

[*] Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов, Мудири шуъба, E-mail: bobojonov_i@mail.ru

[*]Унвонҷӯи Институи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

[212]Ниг.: Киселев С. Формы и виды вины в гражданских правоотношениях // Российская юстиция. – № 4.- 2000. – С. 25.

накши он дар кирдор аён бошад, пас дар кирдорҳои ношоиста ба ҷойи аввал на муносибати шахсӣ нисбат ба ҷараёни кирдор, балки муносибат нисбат ба натиҷа, ки амалан ҳамеша бо ҷанбаи молумулкӣ (моддӣ) алоқаманд аст, баромад мекунад.

Худи мафҳуми гуноҳ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ боиси пайдо шудани баҳсҳои зиёд гардидааст. Чунончӣ, тибқи ақидаи Н.И. Матузова ва А.В. Малко таҳти мафҳуми гуноҳ дар назарияи ҳуқуқ муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори содиршаванда фаҳмида мешавад[213].

Ба андешаи Г.К. Матвеев бошад гуноҳ ҳамчун муносибати руҳии вайронкунандаи тартиботи ҳуқуқии мадании сотсиалистӣ дар шакли қасд ва ё беэҳтиётӣ ба амали зиддиҳуқуқии худ ва натиҷаи зараррасонии он мебошад.[214]

О.С. Иоффе бошад чунин мафҳуми гуноҳро пешниҳод намудааст: «таҳти мафҳуми гуноҳ муносибати руҳии шахс ба амал ва ё беамалии содирнамудааш, инчунин алоқаи сабабии байни кирдор ва оқибатҳои он фаҳмида мешавад».[215]

Ба ҳамин монанд мафҳуми гуноҳ аз тарафи олимони ватанӣ пешниҳод шудааст, ки тибқи он гуноҳ – муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори хавфнок ва оқибати он буда, дар шакли қасд ва ё беэътиётӣ ифода меёбад.[216] Инчунин, мувофиқи ақидаи гуруҳи олимон гуноҳ аз муносибати равонии шахс нисбат ба рафтори худ ва оқибатҳои он иборат мебошад.[217]

Аз ақидаҳои баёнгардида маълум мегардад, ки ҳамавақт дар муносибати муайян намудани мафҳуми гуноҳ робитаҳои руҳӣ мақоми муайян дорад.

Мо низ ҷонибдори ақидаи олимони ватанӣ буда, мафҳуми муаллифии зерини гуноҳро пешниҳод мекунем, ки таҳти мафҳуми гуноҳ муносибати руҳӣ ва иродавии субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ ба моҳияти ҳаракати (беҳаракатии) зиддиҳуқуқии онҳо, алоқаи сababӣ ва оқибати фаро расидани натиҷаи кордори содиршуда фаҳмида мешавад.

Аз мафҳуми пешниҳодгардида маълум мегардад, ки гуноҳ ҳамавақт бо шахс (шахси ҳуқуқӣ ва шахси воқеӣ) алоқаманд мебошад. Яъне, истилои гуноҳ худ аз худ вуҷуд дошта наметавонад ва ҳамавақт гуноҳ дорои содиркунандаи он мебошад.

Категорияи гуноҳ, тибқи назарияи ҳуқуқ, ба категорияи ҳуқуқвайронкунӣ дохил кардани кирдорро пешбинӣ мекунад. Тавре дар боло зикр карда шуд, ҳуқуқвайрокунӣ дар амал (беамалии) мушаххасе зоҳир мегардад, ки дорои аломатҳои берунии худ буда, алоқаи байни ҳуқуқвайронкунанда ва ҷамъиятро муайян мекунад ва натиҷаи манфии ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ҷамъият хавфнок будани чунин натиҷаро таҷассум мекунад. Ин аломатҳои тарафи объективии кирдорро ташкил медиҳад. Ба ин аломатҳои зиддиҳуқуқуӣ, маҷудияти зарар ва алоқаи сабабии онҳо дохил мешаванд. Аломати зиддиҳуқуқии амал бо хусусияти махсуси шахсӣ – иродавии худи субъект – гуноҳи ӯ амалӣ карда мешавад.

Амали ғайриҳуқуқӣ бо муносибати махсуси шахсӣ-иродавии худи субъект – гуноҳи ӯ тавсиф меёбад. Аз ин рӯ, дар ин ҳолат сухан дар бораи тарафи субъективии ҳуқуқвайронкунӣ меравад. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ба объекти мушаххас нигаронида шудааст, ки дар ҳар як

---

[213]Ниг.: Теорияи государство и право. Курс лекции/ Под ред. Н.И.Матузова и А.В. Малько. – М., 1997. С. – 533.

[214] Ниг.: Матвеев Г.К. Вина в советском гражданском праве. - Киев, Изд-во Киевского госуниверситета, 1955. – С.178.

[215] Ниг.: Иоффе О.С. Обязательственное право, - М.: Юрид. лит., 1975. – С. 128.

[216]Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқук/ Зери таҳрири академики АМИ ҶТ Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009 – С. 130.

[217] Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К./ Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: Эр-граф, 2010. – С.-869.

соҳаи ҳуқуқ объекти муносибатҳои ҳуқуқвайронкунӣ объектҳои гуногун баромад мекунанд. Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ натиҷаи ин гуна таъсири субъект, манфиатҳои моддию ғайримоддии субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ баромад мекунанд.

Тавре дар боло зикр карда шуд, гуноҳ ин муносибати махсуси шахсӣ – иродавии субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Яъне аломати муҳими дигари ҳуқуқвайронкунӣ ин субъектони он ба ҳисоб меравад. Таҳти мафҳуми субъекти ҳуқуқвайронкунӣ ин шахс (шахси ҳуқуқӣ ва шахси воқеӣ) фаҳмида мешавад. Дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ бошад, тамоми субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ – маданӣ субъектони ҳуқуқвайронкунӣ ва дорандагони гуноҳ ба ҳисоб мераванд, ки доир ба ин масъала дар поён андешаронӣ карда мешавад.

Гуфтаҳои боло собит месозад, ки мо аломатҳои ҳуқуқвайронкунӣ (субъект, тарафи субъективӣ, объект ва тарафи объективӣ) – ро таҳлил намудем, ки онҳо дар якҷоягӣ таркиби ҳуқуқвайронкуниро ташкил медиҳанд.

Тазаккур бояд дод, ки таъсири аломатҳои зикршуда дар ҳар соҳаи ҳуқуқ гуногун арзёбӣ карда шудаанд. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудияти тамоми аломатҳои зикршуда барои кирдорро ҳамчун ҷиноят эътироф намудан ҳатмӣ мебошад ва дар қонунгузорӣ аломатҳои мазкур мушаххасан пешбинӣ шудаанд. Ба андешаи И.П. Комурджиева дар ҳуқуқвайронкунии интизомӣ бошад, аломати ҳатмии таркиби он тарафи субъективӣ мебошад[218].

Ба ақидаи мазкур мо розӣ шуда наметавонем. Зеро дар тамоми намуди ҳуқуқвайронкунӣ аломатҳои зикргардида ҳатмӣ буда, дар сурати мавҷуд набудани яке аз онҳо ҷавобгариро истисно мекунад. Аммо дар ҳар намуди ҳуқуқвайронкунӣ аломатҳои зикргардида нисбат ба ҳамдигар афзалият доранд. Яъне, дар ҳуқуқвайронкунии интизомӣ метавон гуфт, ки тарафи субъективии кирдор нисбат ба дигар аломатҳо афзалтар мебошад.

Ба андешаи Х.В. Идрисов бошад дар ҳуқуқи граждании дар ҷои аввал объект ҳамчун аломати муайянкунандаи таркиби ҳуқуқвайронкунӣ баромад мекунад[219].

С.С. Алексеев чунин меҳисобад, ки «асоси ҷавобгарии гражданӣ ин таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ мебошад», ки маҷмӯи аломатҳои таркиби (шарти) ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Мавҷудияти аломатҳои зикршуда шарти асосӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани субъекти ҳуқуқвайронкунӣ мебошад[220]. Аммо на ҳама мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маданӣ ба чунин ақида розӣ шудаанд. Як қатор олимон чунин андеша доранд, ки «татбиқ кардани қоидаҳо оид ба таркиби ҷиноят дар муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ нодуруст мебошад. Зеро дар чунин ҳолат анъанаҳои ҳазорсолаи ҳуқуқи маданӣ вайрон гардида, дар он аломатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ паҳн мегарданд.»[221]

Ба андешаи М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский асоси ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс ин натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои субъективӣ мебошад, зеро ҷавобгарии маданӣ – ҳуқуқии шахс дар назди ҷабрдида ба миён омада, мақсади он барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардида мебошад. Аммо дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ҳолатҳое имконпазиранд, ки ҳуқуқвайронкунӣ

---

[218]Ниг.: Комурджиева И.П. Понятие и критерии юридической ответственности // Общественные науки, 2002. № 2.- С. 104-105.

[219]Ниг.: Идрисов Х.В. Вина как условие ответственности в российском гражданском праве:дис...канд...юр...наук. – М., 2010. – С.75.

[220]Ниг.: Алексеев С.С. О составе гражданского правонарушения // Правоведение. – 1958. – № 1. – С.47-53.

[221]Ниг.: Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Кн.1. Общие положения. – М., 2002. – С.722-733.

бе гуноҳи субъект (уҳдадорӣ дар натиҷаи расонидани зарар, масъулият барои гуноҳи шахсони сеюм) руҳ медиҳад ва ин боиси пайдоиши консепсияи ҳуқуқвайронкунӣ бо таркиби кӯтоҳшуда гардидааст, ки то ҳол дар адабиётҳо баҳс боқӣ мондааст[222].

Ба ақидаи М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский розӣ шудан ғайриимкон мебошад. Зеро, агар тибқи ақидаи мазкур амал карда шавад, пас дар ин ҳолат муқаррароти умумӣ доир ба таркиби ҳуқуқвайронкунӣ аз байн рафта, ҳуқуқвайронкуниҳои маданӣ танҳо бо як аломат – вайрон гардидани ҳуқуқҳои субъективӣ маҳдуд мегардад.

Олмони ватанӣ чунин мешуморанд, ки барои ба ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ кашидани шахс мавҷудияти шартҳои пешбининамудаи қонун зарур аст. Маҷмӯи онҳо таркиби ҳуқуқвайронкунии гражданиро ташкил медиҳанд. Таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ шартҳои зеринро дар бар мегирад:

1) рафтори зиддиҳуқуқӣ;

2) мавҷуд будани зарар;

3) робитаи сабабӣ байни рафтори зиддиҳуқуқӣ ва оқибати бавуҷудомада;

4) гуноҳи шахси зараррасон.[223]

Мо низ ҷонибдори ақидаи С.С. Алексеев мебошем ва бояд таъкид намуд, ки дар ҳуқуқвайронкунии маданӣ барои эътироф намудани кирдор ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс мавҷудияти ҳамаи аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ (субъект, тарафи субъективӣ, объект ва тарафи объективӣ ) ҳатмӣ мебошад. Масъалаҳо доир ба уҳдадорӣ дар натиҷаи расонидани зарар ва масъулият барои гуноҳи шахсони сеюм ин хусусиятҳои ҷавобгарии маданӣ мебошад, ки чунин хусусиятҳо яке аз аломатҳои фарқкунандаи ҷавобгарии маданӣ буда аз дигар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии ҷиноятӣ[224] фарқ мекунад.

Г.К. Матвеев пешниҳод кардааст, ки асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ – маданӣ таркиби ҳуқуқвайронкунӣ, ки маҷмӯи унсурҳои объективӣ ва субъективиро дар бар мегирад, эътироф мегардад. Ба унсурҳои объективӣ инҳоро дохил намудааст: рафтори зиддиҳуқуқӣ, натиҷаи он ва алоқамандии сабабӣ байни онҳо; унсури субъективӣ гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда. Ба андешаи Г.К. Матвеев дар сурати набудани яке аз ин унсурҳо ҷавобгарӣ фаро намерасад.

Дар баробари ин, Г. К. Матвеев масъалаи ҷавобгарии бегуноҳиро ҳал намуда, пешниҳод намудааст, ки «ҳолатҳои масъулияти бегуноҳро метавон ҷавобгарӣ эътироф накарда, балки танҳо уҳдадорӣ бобати ҷуброни зарар эътироф кард»[225].

Ақидаҳои Г. К. Матвеевро Х.В. Идрисов ҷонибдорӣ намуда, чунин хулоса намудааст, ки ҳангоми таҳқиқи моҳияти ҷавобгарии маданӣ хусусияти муайянкунандаи он гаронии иловагӣ ба ҳуқуқвайронкунанда мебошад. Мутобиқи ин ҳам пардохти ҷаримаи аҳдшиканӣ ва ҳам ҷуброни зиён чораҳои ҷавобгарӣ ба шумор мераванд, зеро онҳо дорои хусусияти иловагӣ ва гаронии молумулкӣ барои ҳуқуқвайронкунанда мебошанд[226].

Ақидаи Х.В. Идрисов қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, ҷарима, ноустуворона, ҷуброни зарар, бартараф намудани монеагӣ барои истифодаи молу

---

[222] Ҳамон ҷо.
[223] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1 (китоби дарсӣ)/Зери таҳ. Тағойназаров Ш.Т. – Душанбе: Донишварон, 2017. – С. 300 – 301; Исмоилов Ш.М. Сборник избранных статей. – Душанбе: Полиграф Групп, 2021. – С. 122.
[224] Дар ҷавобгарии ҷиноятӣ принсипи асосии ҷавобгарӣ – ин ҷавобгарии фардӣ мебошад.
[225]Ниг.: Шерешеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права.- С-Пб., 1907. – С. 311.
[226]Ниг.: Идрисов Х.В. Асари номбурда. – С.76-77.

мулки молик ва ғайраҳо инҳо чораҳои ҳуқуқии маданӣ мебошад, ки тавассути онҳо ҷавобгарии маданӣ ба иҷро расонида мешаванд.

Доир ба ҳолати мазкур амалияи судӣ собит месозад, ки зимни баррасии парвандаи граждании бо даъвои ҷабрдидаҳо бобати руёнидани зарар гуноҳи ҷавобгар (ҳуқуқвайронкунана) муайян карда мешавад, ки ҷавобгар (субъекти ҳуқуқвайронкунӣ) қасдан ба даъвогар (ҷабрдида) зарари моддӣ ва ё маънавӣ расонидааст. Масалан, бо ҳалномаи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз 4 июли соли 2023 даъвои Қ.Т.А. ва Қ.А.А. нисбати С.Б.А. дар бораи ҷуброн намудани зарари моддӣ ва маънавӣ қонеъ карда шуда, аз ҳисоби ҷавобгар С.Б.А. ба фоидаи Қ.Т.А. зарари моддӣ ба маблағи 5274 (панҷ ҳазору ду саду ҳафтоду чор) сомонӣ ва зарари маънавӣ ба маблағи 7000 (ҳафт ҳазор) сомонӣ руёнида шудааст. Зимни муҳокимаи парванда муайян гардидааст, ки санаи 3 июли соли 2022 тахминан соатҳои 23:25 дақиқа ҷавобгар С.Б.А. ба воситаи нақлиёти тамғаи “Мерседес-Бенс” ҳангоми ҳаракат кардан дар роҳи автомобилгард аз тарафи ноҳияи Варзоб ба самти кӯчаи Карамови шаҳри Душанбе талаботи банди 130 сархати 2, 131 ва 163 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дағалона вайрон намуда, беэҳтиётӣ ва худбоварӣ зоҳир намуда, чораҳои имконпазирро баҳри паст намудани суръат то дараҷаи боздошти автомашина наандешида дар давродаври кӯчаи Чорбоғ-Карамов ба воситаи нақлиёти тамғаи “ВАЗ 21063”, ки таҳти идораи Қ.Т.А. қарор доштааст, бархурдааст. Мувофиқи хулосаи мутахассис маблағи зарари расонидашуда дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ба воситаи нақлиёти тамғаи “ВАЗ 21063” тақрибан 5274 сомониро ташкил медиҳад. Ҳамзамон дар натиҷаи садамаи мазкур ба саломатии даъвогар (ҷабрдида) Қ.А.А. зарар расонида шудааст. Чунончӣ, аз нусхаи санад оиди тадқиқоти (шаҳодаткунонии) тиббӣ – судӣ таҳти №94\4531 аз 08.07.2022 маълум мегардад, ки ҷароҳати ҷисмонии дар бадани Қ.А.А. расонидашуда зарари сабук ба саломатӣ бо ноҷурии кутоҳмуддати саломатӣ ба муҳлати на зиёда аз 21 рӯз мансуб мебошад. Ҳамзамон, аз нусхаи расидҳои хазинавии дар маводи парванда мавҷудбуда маълум гардидаст, ки даъвогар (ҷабрдида) Қ.А.А. барои табобат дар умум маблағи 7000 сомонӣ хароҷот намудааст. Аз ин рӯ, доир ба парвандаи мазкур гуноҳи ҷавобгар (ҳуқуқвайронкунанда) С.Б.А. бо санади эътибори қонунипайдокарда - қарори суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе аз 05 апрели соли 2023 пурра муқаррар гардидааст. Андозаи зарари расонидашуда бошад бо хулосаи мутахассис, санад оиди тадқиқоти (шаҳодаткунонии) тиббӣ – судӣ таҳти №94\4531 аз 08.07.2022 ва расидҳои хазинавии дар маводи парванда мавҷудбуда пурра исботи худро ёфтааст[227].

Омӯзиши санади судии мазкур нишон медиҳад, ки дар ҳолати мазкур ҳамаи аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ мавҷуб буда, руёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ намуди ҷавобгарии мадание мебошад, ки суд онро татбиқ намудааст.

Аз ин рӯ, новобаста аз гунаҳгории ҳуқуқвайронкунанда, уҳдадорӣ оид ба ҷуброни зарари расонидашуда масъулияти ҳуқуқӣ – маданӣ фаро мерасад, зеро он дорои нишонаи зарурии ҷавобгарӣ мебошад.

Ба андешаи С.С. Алексеев объект, субъекти ҳуқуқвайронкунӣ ва тарафи объективии он (ғайриҳуқуқӣ будани амалҳои ҳуқуқвайронкунанда, натиҷаи зараровар ва алоқамандии сабабӣ байни онҳо) – ро бояд ҳамчун аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ эътироф кард. Зеро, бо мавҷудияти онҳо нисбат ба шахс татбиқ намудани чораҳои масъулияти ҳуқуқӣ – маданӣ имконпазир мебошад. Ӯ гуноҳро ба қатори унсурҳои ҳатмии ҳуқуқвайронкунӣ

---

[227]Ниг.: Парвандаи граждании №3-196/23// Бойгонии суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе. -2023.

дохил намекунад[228]. Аммо тавре дар боло зикр кардем, мо бо андешаи мазкур розӣ шуда наметавонем, зеро мавҷудияти гуноҳ аломати ҳатмии таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ мебошад.

Дар ин ҷо мафҳумҳои «асосӣ» ва «шартии» ҷавобгарии маданиро таҳлил намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ асос ва шартҳои ҷавобгарии маданиро гуногун шарҳ додаанд. Масалан, тавре дар боло зикр кардем, Г.К. Матвеев, гуноҳро асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ – маданӣ эътироф намудааст[229].

М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский бошанд бар он ақидаанд, ки асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ - маданӣ ин ҳуқуқвайронкунӣ мебошад ва «шарти зарурӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани қарздор барои вайрон кардани уҳдадорӣ гуноҳи қарздор мебошад»[230]. Е.А. Суханов, А.П. Сергеев ва Ю. Толстой дар асарҳои худ гуноҳро ҳамчун шарти асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ – маданӣ эътироф намудаанд[231].

Қ.Ш.Қурбонов, И.Ғ. Ғаффорзода чунин мешуморанд, ки асосҳои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ ин содир намудани ҳуқуқвайронкунии граждани ва чун анъана гуноҳ дар ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун шарти ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз муносибатҳои равонии шахс нисбат ба рафтори худ ва оқибатҳои он иборат мебошад.[232]

Ш.М. Исмоилов бошад, чунин мешуморад, ки асоси ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс ин содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ (рафтори зиддиҳуқуқӣ, мавҷудияти зарар, алоқаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат ва мавҷудияти гуноҳ) мебошад. Мавҷуд набудани яке аз аломатҳо ҷавобгарии маданиро истисно мекунад[233].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ инчунин ақида ҷолиби диққат мебошад. Чунончӣ, Е.В. Бутенко чунин мешуморад, ки дар ҳуқуқи граждании муосир ва дар муносибатҳои шартномавӣ ду принсипи ҷавобгарии гражданӣ: принсипи гуноҳ ва принсипи таваккал мавҷуд мебошад[234].

Тазаккур бояд дод, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд– ҶТ )низ принсипи гуноҳро ҳамчун асоси ҷавобгарии маданӣ эътироф намудааст. Чунончӣ, тибқи талаботи қ. 1 м. 462 КМ ҶТ шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ (қасд ё беэҳтиётӣ), ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома асосҳои дигари ҷавобгариро пешбинӣ намудааст, ҷавобгар мебошад.

Инчунин, андешаи А.А. Лукянтсев дар бораи фарқи байни асосҳо ва шартҳои ҷавобгарии маданӣ қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, ба андешаи ӯ «асосҳои ҷавобгарии маданӣ омилҳои устувори бунёдие мебошанд, ки мавҷудияти онҳо дар ҷомеа (давлат) боиси пайдоиш ва мавҷудияти худи институти (падидаҳои) масъулияти маданӣ мегардад...» ва ӯ шартҳои ҷавобгарии маданиро «аломатҳои кирдорҳои (амал ё беамалии) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро (рафтори ғайриқонунии субъект, гунаҳгор будан (хусусияти гунаҳкорона доштани рафтори ӯ), зарар, робитаи сабабии байни кирдор ва оқибатҳои он»

---

[228] Ниг.: Алексеев С.С. Проблемы теории права. – М., 1972. –Т. 1. – С. 69.

[229]Ниг.: Матвеев Г.К. Вина, как основание гражданско-правовой ответственности по советскому праву: автореф. дис.... докт. юрид. наук. – М., 1951. – С. 12.

[230]Ниг.: Брагинский М.И., Витрянский В.В. Асари ишорашуда. – С. 721.

[231]Ниг.: Гражданское право под ред. Е.А. Суханова. Т.1. – М., 2003. – С.447.; Гражданское право /под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – Т.1. – М., 1997. – С. 536.

[232]Ниг.: Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Асари зикршуда. –С.300, 305.

[233] Ниг.:Исмоилов Ш.М. Асари зикршуда. С.-123-124.

[234]Ниг.: Бутенко Е.В.Асари номбурда. – С.63.

эътироф намудааст[235]. Ақидаи мазкурро Х.В. Идрисов ҷонибдорӣ намуда, чунин хулоса намудааст, ки асоси ҷавобгарии маданӣ ҳуқуқвайронкунии маданӣ буда, шартҳои ба вуҷуд омадани он ғайриқонунӣ, зарар, сабаб ва гунаҳгорӣ мебошанд[236].

Аз мазмуни меъёри қонунгузорӣ маълум мегардад, ки дар ин ҳолат ақидаи Е.В. Бутенко қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, қонунгузорӣ дар аввал принсипи гуноҳро мустаҳкам намуда, ба шартнома ва ё асосҳои дигари қонунгузорӣ низ ҳавола намудааст.

Масалан, тибқи талаботи м. 468 КМ ҶТ агар дар уҳдадорӣ додани мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ пешбинӣ гардида бошанд, таваккали имконнопазирӣ ё мувофиқи мақсад набудани истифодаи онҳо ба зиммаи кредитор гузошта мешавад. Шахсе, ки уҳдадориро ба таври матлуб иҷро намудааст, ҳуқуқ дорад мутаносибан ба дараҷаи иҷро пардохтро гирад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар шартнома тақсими дигари таваккал пешбинӣ нагардида бошад.

Аз ин рӯ, мо низ ҷонибдори ақидаи олимони ватанӣ буда, қайд мекунем, ки асоси ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс принсипи гуноҳ мебошад.

Гуноҳ ҳамчун яке аз шартҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маданӣ мебошад, аз ин рӯ, зарурияти таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ин категория бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои хоси гуноҳ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маданӣ ба миён омадааст.

Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Тоҷикистон мафҳуми гуноҳро возеҳ накарда, балки танҳо мафҳуми шаклҳои он (қасд ва беэҳтиётӣ) – ро муқаррар намудааст.

Аз як тараф, гуноҳ ҳамчун мафҳуми мукаммал дар натиҷаи он амалҳое ба вуҷуд меояд, ки ба қоидаҳо ва принсипҳои рафтори муқарраршуда мухолифат мекунанд. Аммо тазаккур бояд дод, ки гуноҳ ба худ як мафҳуми фарзӣ аст, зеро он дар амалҳои мушаххас дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ зоҳир мегардад ва маҳз ҳамин муқаррарот дар муайян намудани кирдор ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ муҳим аст.

Муайян кардани моҳияти гуноҳ ва аҳамияти таснифи он ҳамчун мафҳум ҳам барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам барои илми ҳуқуқи маданӣ муҳим аст.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бештари ҳуқуқшиносон ду консепсияи гуноҳро ҳамчун мафҳуми асосӣ қайд мекунанд: баҳодиҳӣ ва психологӣ. Консепсияи баҳодиҳии гуноҳ дар навбати худ, ба ду зернамуд тақсим карда шудааст. Скляров С. қайд намудааст, ки «дар ҳолати аввал назарияи баҳодиҳии гуноҳ ҳамчун аз ҷониби суд баҳо додан ба тамоми ҳолатҳои объективӣ ва субъективӣ марбут ба ҷиноят шарҳ дода мешавад. Дар ҳолати дуюм – зери мафҳуми гуноҳ арзёбии маънавию сиёсии кирдорҳои ҷинояткор аз нуқтаи назари мавқеи синфӣ фаҳмида мешавад»[237].

Ақидаи мазкур дар асоси қонунгузории собиқ сотсиалистӣ пешниҳод карда шудааст ва байни олимон баҳсҳои илмиро ба миён овардааст. Ба андешаи Х.В. Идрисов бешубҳа, ба ташаккули консепсияи баҳодиҳии гуноҳ ба андозаи назаррас амали идеологияи сотсиалистӣ мусоидат намудааст[238].

Андешаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, тибқи қонунгузории

---

[235]Ниг.: Лукъянцев А.А. Ответственность при осуществлении предпринимательской деятельности в гражданском законодательстве России: теория и судебная практика: автореф. дис. ... докт. юрид. наук. – Ростов - на - Дону, 2006 . – С. 18-19.

[236] Ниг.: Идрисов Х.В. Асари зикршуда. – С.78.

[237]Ниг.: Скляров С. Проблемы определения понятия вины в уголовном праве России // Уголовное право. - 2003. -№2. - С.71.

[238] Ниг.: Идрисов Х.В. Асари зикршуда. - С.79.

муосири ҷиноятӣ консепсияи баҳодиҳии гуноҳ инкишоф наёфтааст, зеро дар баробари мафҳуми маҳдуди гуноҳ ҳамчун муносибати равонии шахс нисбат ба кирдор, инчунин дар амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ боз мафҳуми васеи гуноҳ ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мавҷуд мебошад.

Ба андешаи В. Филимонов зери мафҳуми гуноҳ ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ маҷмӯи ҳолатҳое фаҳмида мешаванд, ки боиси пайдоиши ақидаи суд доир ба аз номи давлат баҳо додан (ахлоқӣ-сиёсӣ) ба кирдори содиршуда мегардад [239].

Консепсияи психологии гуноҳ низ дар амалия аҳамияти муҳим дорад. В.Якушин гуноҳро ҳамчун муносибати равонии шахс нисбат ба кирдори содиршудаи хавфноки ҷамъиятӣ ва зиддҳуқуқии ҷиноятӣ фаҳмидааст, ки робитаи байни равандҳои зеҳнӣ, ирода ва эҳсосии равонии шахсро бо кирдор ошкор намуда, барои баҳодиҳии субъективӣ, бандубасти кирдор ва муайян намудани доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ асос мебошанд [240]. Олими дигар - А.В. Наумов зери мафҳуми гуноҳ муносибати равонии шахсро нисбат ба кирдори соддирнамудаи барои ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ мефаҳмад[241].

Тафсири гуноҳ аз ҷониби В.В. Лунев ҷолиби диққат мебошад, ки онро ҳамчун муносибати рӯҳии шахс нисбат ба кирдори хавфноки ҷамъиятии содиркардаи ӯ, оқибатҳои хавфноки ҷамъиятии он ва дигар ҳолатҳои дорои аҳамияти муҳими ҳуқуқӣ муайян кардааст[242].

Дар вақтҳои охир ба омӯзиши гуноҳ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Албатта, ин пеш аз ҳама бо он вобаста аст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳамчунин дар ҳуқуқи маданӣ дар масъалаи муайян кардани мафҳуми гуноҳ дар сатҳи қонунгузорӣ ҳанӯз камбудиҳо мавҷуданд.

Муқаррарот дар бораи гуноҳ, ки аз ҷониби назарияи ҳуқуқи ҷиноятии аврупоӣ таҳия гардидааст, ҷолиби диққат мебошад. Зеро муқаррароти мазкур метавонанд барои дуруст муайян кардани масъалаҳо оид ба гуноҳ дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ва ҳуқуқи маданӣ таъсир расонад. Чунки, низоми ҳуқуқии ҶТ ба низоми ягонаи (континенталии) ҳуқуқи Аврупо мансубият дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятии Аврупо чунин ақида вуҷуд дорад, ки равишҳое, ки дар онҳо гуноҳ аз нуқтаи назари равонӣ баррасӣ карда мешавад, ҳадди ақал ба муқаррар намудани хусусиятҳои гуноҳ аллакай ҷавобгӯй намебошанд. Ҷойи консепсияи психологиро дар масъалаи муайян кардани гуноҳ назарияи меъёрӣ ишғол кардааст.

Бо назардошти маҳдудияти доираи тадқиқоти илмӣ тасмим гирифтем, ки масъалаи мазкурро дар доираи хусусиятҳои фарқкунандаи гуноҳ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маданӣ баррасӣ намоем. Дар натиҷаи омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқии ватаниву хориҷӣ, қонунгузории амалкунанда ва амалияи татбиқи қонунгузорӣ чунин хусусиятҳои фарқкунандаи гуноҳро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маданӣ ошкор намудем:

1. Дар қонунгузории ҷиноятӣ гуноҳ қасдона ё беэҳтиётӣ дар содир намудани он кирдорҳое мебошад, ки дорои аломатҳои объективии ҷиноятҳои мушаххас мебошанд ва ба сифати чунин аломатҳо дар диспозитсияи меъёри ҳуқуқии ҷиноятии дахлдор нишон дода шудаанд. Дар қонунгузории маданӣ бошад гуноҳ ин қасд ё беэҳтиётӣ ҳангоми содир кардани ҳама гуна амале

---

[239]Ниг.: Филимонов В. Теоретические проблемы учения о вине в уголовном праве// Уголовное право. -2004. - №3. - С. 69.
[240]Ниг.: Якушин В.А. Субъективное вменение и его значение в уголовном праве. -Тольятти, 1988. - С. 122.
[241] Ниг.: Наумов А.В. Российское уголовное право. - М., 2000. -С. 223.
[242]Ниг.: Лунев В.В. Субъективное вменение. -М., 2000. - С. 10-12.

мебошад, ки ҳуқуқи субъективии шахси дигарро вайрон мекунад.

2. Тибқи қонунгузории ҷиноятӣ, агар гуноҳ набошад, ҷавобгарӣ вуҷуд надорад (қ. 3 м.7 КҶ ҶТ). Қонунгузории маданӣ бошад қоидаи умумиро дар бораи ҷавобгарӣ барои зараре, ки бо гуноҳ расонида шудааст, муқаррар мекунад, вале дар баъзе мавридҳо масъулиятро барои зиёни бегуноҳ расонидашуда низ пешбинӣ намудааст (м.465 КМ ҶТ). Ҳамзамон, тавре дар боло қайд кардем, таваккали шахс низ боиси пайдо шудани ҷавобгарии маданӣ эътироф карда мешавад.

3. Дар қонунгузориии ҷиноятӣ гуноҳи шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, ба назар гирифта намешавад. Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад (қ.2 м. 15 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ). Суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқ надоранд, ки вазифаи исбот кардани бегуноҳиро ба зиммаи айбдоршаванда гузоранд (қ.2 м. 21 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ). Дар ҳуқуқи маданӣ бошад гуноҳи шахсе, ки кирдори ғайриқонунии зарарнок содир кардааст, тахмин карда мешавад. Шахс ҳангоме бегуноҳ дониста мешавад, агар бо вуҷуди ҳама гуна ғамхорӣ ва мулоҳизакорие, ки вобаста ба хусусияти уҳдадорӣ ва шарти муомилот аз он талаб карда мешавад, ҷиҳати иҷрои матлуби уҳдадорӣ ҳамаи тадбирҳоро андешида бошад. Исботи бегуноҳӣ ба зиммаи шахсе гузошта мешавад, ки уҳдадориро вайрон кардааст (қ.қ. 2 ва 3 м. 462 КМ ҶТ).

4. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ масъала на дар бораи ҷуброни зарари молу мулкӣ, балки дар бораи масъулияти шахсии шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, ҳал карда мешавад. Яъне, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ вазифаҳои тарбиявӣ, чун қоидаи умумӣ, бо роҳи бевосита таъсир расондан ба шахсияти ҷинояткор ҳал карда мешаванд. Мавҷудият ё набудани гунаҳкорӣ дар асоси меъёри субъективии баҳодиҳии рафтори ҷинояткор муайян карда мешавад. Таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ба меъёри объективии баҳо додан ба рафтори шахсе, ки кирдори ғайриқонунии зарарнок содир кардааст, асос меёбад.

5. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба шахси гуноҳкор чораҳои дар қонунгузорӣ мушаххас пешбинишуда татбиқ карда мешавад (м. 47 Кодекси ҷиноятии ҶТ). Дар ҳуқуқи маданӣ бошад, бо тарзҳои муайяннамуди қонунгузорӣ (м. 11 КМ ҶТ) ва тарзҳои дар шартнома пешбинишуда татбиқ карда мешавад.

Гуфтаҳои боло собит месозад, ки мафҳуми муаллифии гуноҳ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданиро пешниҳод намоем. Гуноҳ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ин муносибати руҳии субъекти муносибатҳои маданӣ доир ба кирдори (амал ё беамалии) хилофи талаботҳои қонунгузорӣ ва ё шартнома ва оқибатҳои он буда, дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ содир гардида, боиси пайдо шудани ҷавобгарии маданӣ мегардад.

Омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқӣ ва таҳлили қонунгузориву амалияи судӣ нишон медиҳад, ки гуноҳ боиси вайрон гардидани талаботи шартномаи маданӣ мегардад ва вайрон гардидани меъёрҳои шартнома (содир намудани ҳуқуқвайронкунии маданӣ) асоси ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс баромад мекунад.

Пеш аз моҳиятан оғоз намудани масъала дар бораи нақши гуноҳ дар вайрон кардани муносибатҳои шартномавӣ, бояд худи шартнома ва мавқеи онро дар танзими муносибатҳои маданӣ муайян намоем. Шартнома ҳамчун «шакли тағйирпазири ҳуқуқӣ, ки дар он муносибатҳои ҷамъиятии дорои хусусияти гуногун мукаммал мешаванд» тавсиф карда мешавад[243].

---

[243]Ниг.: Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Общие положения. -М., 1997. -С.9.

Ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ бешубҳа боиси пайдо гардидани муносибатҳои шартномавӣ миёни шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, корхона ва муассисаҳои гуногун мегардад.[244]

Шартномаи ҳуқуқии маданӣ ҳаёти муҳими ҷамъиятӣ (вазъи ҳуқуқии шахс, моликият, муомилоти маданӣ ва ғайра.) – ро танзим намуда, устуворӣ ва муайянии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсиро таъмин менамояд. Шартнома асоси муҳими фаъолияти ҳаётии одамонро амалӣ мегардонад – ҳалли масъалаҳои зиндагиро дар асоси ризоят, гуфтугӯ (диалог) иродаи мувофиқ кардашудаи тарафайн ба амал мебарорад.[245]

Тазаккур бояд дод, ки мафҳуми шартнома падидаи ҳуқуқӣ буда, моҳияти ҳуқуқро таъмин менамояд. Шартнома яке аз қонунҳои асосии мавҷудият ва инкишофи истифодаи имкониятҳои тараққиёти бебаҳс буда, воситаи таъмини фаъолияти ҷамъият дар соҳаҳои гуногун мебошад. Шартнома яке аз воситаҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, зеро талабот ба танзими шартномавии муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ яке аз хусусиятҳои фарққунандаи муносибатҳои бозоргонӣ мебошад[246].

Бастани шартнома дар баъзе мавридҳо амали муҳим ҳисоб мешавад. Расмиятҳо ҳангоми бастани шартнома хусусияти худро тағйир медиҳанд ва вобаста ба ин ҳолат дараҷаи тафсилоти шартҳои шартнома ба таври худкор тағйир меёбад.

Мафҳуми шартнома гуногунҷанба мебошад. Онро аз се нуқтаи назар баррасӣ намудан мумкин аст: ҳамчун асоси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ; ҳамчун худи муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз ҳамин асос ба миён омадааст; ва ниҳоят, шакле, ки муносибатҳои ҳуқуқии мувофиқро мегиранд.

Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки моҳияти гуноҳи шартномавиро баррасӣ намоем. Падидаи гуноҳ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ истифода мешавад. Дар назарияи ҳуқуқ даҳ гурӯҳи анъанавии муносибатҳои ҷамъиятиро ҷудо намудаанд, ки аз инҳо иборат аст:

1) ҳуқуқӣ;
2) ахлоқӣ;
3) сиёсӣ;
4) эстетикӣ;
5) динӣ;
6) оила;
7) корпоративӣ;
8) анъана ва одатҳо;
9) анъана ва одатҳои корӣ ва тиҷоратӣ;
10) одоб ва расму оин[247].

Барои ба миён омадани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани муносибатҳои ҷамъиятии навъи дахлдор, чун қоида, гунаҳкорӣ (ё ҳисси гунаҳкорӣ)-и вайронкунанда зарур аст. Ҳангоми ҳалли масъалаи ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидан мавҷудияти гуноҳи гуноҳкор боиси бечунучаро татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбати ӯ мегардад. Ин қоида инчунин беистисно нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ паҳн мегардад. Тазаккур бояд дод, ки мафҳум ва моҳияти гуноҳ дар ҳуқуқи мадании ҳозира танҳо ҳамчун шарти ягонаи

---

[244]Ниг.:Алимзода Ш.А. Намудҳои шартномаҳои меъёрӣ// «ВЕСТНИК ТГУПБП», выпуск 2 (91), 2022. - С.30-36.
[245]Ниг.: Курбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Асари зикршуда. - С.439.
[246] Ниг.: Раҳимов М.З. Избранные труды. Душанбе, “Бухоро”, 2014. -С. – 410.
[247] Ниг.: Теория государства и права. Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. -М.: Юристъ, 1997. - С.291.

ҷавобгарии маданӣ эътироф намегардад. Зеро мазмуни аслии гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ васеъ буда, он шарти татбиқи ҷазои маданӣ мебошад[248].

Аввалин шуда масъулияти маданӣ ва муҷозотро дар ҳуқуқи маданӣ О. Иоффе бо чунин тарз фарқ кардааст: «Масъулият муҷозот барои ҷиноят аст, аммо муҷозот на ҳама вақт маънои масъулиятро дорад»[249]. Аммо чунин ақида аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ баҳсҳои зиёдро ба бор овардааст ва олимон ақида доранд, ки ҳама гуна ҷазои маданӣ чораи масъулият аст...[250]

Мукаммалтарин ғояи маънои падидаи ҳуқуқии мадании гуноҳро Т.И. Илларионова пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ, амалҳои ғайриқонунии маданӣ ҳамчун асоси воқеии тамоми низоми муҷозоти соҳавӣ аз рӯи самти онҳо нисбат ба объектҳое, ки қонун ҳифз мекунад, ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Чунин гуруҳбандиро пешниҳод намудааст:

1. кирдорҳои зидди тартиботи ҳуқуқ равона кардашуда;
2. кирдорҳое, ки ҳуқуқи моликиро (соҳибдории титулӣ) вайрон мекунанд;
3. амали ғайриқонунӣ, ки уҳдадориҳои шартномавиро вайрон мекунад:

 3.1. гуноҳ ҳамчун шарти ҷавобгарии шартномавӣ;

 3.2. гуноҳ ҳамчун шарти татбиқи дигар муҷозоти гражданӣ, ки бо татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ алоқаманд нестанд;

4. ғайриқонунӣ расонидани зарари ғайришартномавӣ;
5. рафтори ғайриқонунӣ, ки бар зидди манфиатҳои шахсии ғайримулумулкии субъектҳои ҳуқуқ нигаронида шудааст.[251]

Моҳияти чунин гуруҳбандиро Т.И. Илларионов асоснок намудааст, ки «он асоси як истилоҳи томи муҷозоти маданӣ, ки дар адабиёт чораҳои муҳофизатӣ номида мешаванд, баромад карда, дар татбиқи чораҳои муҳофизатӣ нақши муҳим дорад. Чунин маънии гуноҳ, бешубҳа, аз доираи ақидаҳои дар адабиёт паҳншуда дар бораи маънои гуноҳ танҳо ҳамчун асоси масъулият берун меравад»[252].

Мавҷудияти чунин намуди гуруҳбандии гуноҳ дар муносибатҳои маданиро қобили дастгирӣ медонем. Аммо чунин меҳисобем, ки гуруҳбандии мазкур на ба худи гуноҳ балки ба ҳолатҳои пайдоиши гуноҳ дар муносибатҳои шартномавӣ – маданӣ дуруст меояд. Яъне, ба андешаи мо дар ҳолатҳои баённамудаи Т.И. Илларионов гуноҳ ба вуҷуд омада, барои дуруст муайян ва татбиқ намудани чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ асос мегардад. Зеро, дуруст муайян намудани манбаи пайдоиши гуноҳ барои татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Масалан, аҳди қалбакӣ, яъне аҳде, ки бо мақсади рӯйпӯш намудани аҳди дигар анҷом дода шудааст, беоқибат мебошад. Нисбати аҳде, ки тарафҳо воқеан дар назар дошта буданд, бо назардошти хусусияти аҳд, қоидаҳои ба он дахлдор татбиқ мешаванд (қ.2 м.185 КМ ҶТ). Дуруст муайян накардани ҳолати мазкур боиси бекор гардидани санадҳои судӣ ва нофаҳмиҳо дар илми ҳуқуқи маданӣ мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае ҷой дорад, ки тибқи он гуноҳ дар алоҳидагӣ аз чораҳои ҷавобгарии маданӣ, «на барои илм ва на барои ҳифзи ҳуқуқ арзише надорад»[253]. Ақидаи мазкур боиси пайдо шудани нофаҳмиҳо дар илми ҳуқуқи

---

[248]Ниг.: Бутенко Е.В.Асари номбурда. - С.64.

[249] Ниг.:Иоффе О.С. Ответственность по советскому гражданскому праву. - Л.: Изд-во ЛГУ, 1955. - С. 7.

[250]Ниг.: Тархов В.А. Ответственность по советскому гражданскому праву. - Саратов, 1973. - С.69.

[251]Ниг.: Илларионова Т.И. Значение форм вины в дифференциации гражданско-правовых санкций // Советское государство и право. - 1978. - № 8. - С.126, 128.

[252]Ниг.: Илларионова Т.И.Асари зикршуда. С. - 129.

[253]Ниг.: Хохлов В.А. Ответственасть за нарушение договора по гражданскому праву. - Тольятти, 1997. - С.143.

маданӣ гардидааст. Ба андешаи Е. В. Бутенко бешубҳа моҳияти асосии гуноҳ ин баромад намудани гуноҳ ҳамчун шарти ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс мебошад. [254]

Масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода ба хулоса омадан мумкин аст, ки табиати ҳуқуқии гуноҳ ҳангоми таҳлили он ҳам ба сифати шарти ҷавобгарии шартномавӣ ва ҳам шарти дигар ҷазоҳое, ки чораи ҷавобгарӣ нестанд, бетағйир мемонад. Яъне, ҳам ҳангоми вайрон намудани талаботҳои шартнома ва ҳам мавҷудияти ҳуқуқвайронкунии маданӣ берун аз меъёрҳои шартнома гуноҳ ҳамчун моҳияти шарти асосии ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс баромад мекунад.

Ҳамин тариқ, дар адабиёти ҳуқуқии замони муосир қайд карда мешавад, ки «аз рӯи асосҳои пайдоиш масъулияти ҳуқуқиро метавон ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ тақсим кард. Ба омили объективӣ масъулияти маданӣ – ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён омадааст, дохил мешавад. Дар ин ҷо факти расонидани зарар асоси объективии масъулият мебошад; меъёри қонун, ки онро пешбинӣ мекунад, асоси расмии ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ҷавобгарии субъективӣ танҳо дар сурате ба миён меояд, ки агар субъекти ҷиноят ҳамчун аломати ҳатмии ҳуқуқвайронкунӣ гунаҳкорӣ дошта бошад. Аз ин мавқеъ гуноҳро метавон асоси субъективии масъулият арзёбӣ кард»[255].

Андешаронии мазкурро Бутенко Е.В. таҳлил намуда, чунин ақида дорад, ки муаллифон дар баробари ҷудо кардани масъулияти маданӣ (ва аз ин ру, масъулияти шартномавӣ) дар истилоҳи «масъулияти объективӣ» ба эътибор нагирифтаанд, ки «чунин масъулият ба принсипи субъективии гуноҳ ва принсипи субъективии таваккал асос ёфтааст ва вайронкунии уҳдадориҳо вобаста ба ҳолатҳои объективӣ (масалан, қувваи рафънопазир) ҳамеша масъулияти шаҳрвандиро истисно мекунад. Ҷавобгарии субъективӣ танҳо дар сурате ба миён меояд, ки агар субъекти ҳуқуқвайронкунӣ гуноҳ ҳамчун аломати ҳатмии ҳуқуқвайронкунӣ эътироф мешавад. Аз ин мавқеъ гуноҳро метавон асоси субъективии масъулият ҳисоб кард».[256]

**Адабиёт:**

1. Алексеев С.С. О составе гражданского правонарушения // Правоведение.- 1958.- № 1. - С.47-53.
2. Алексеев С.С. Проблемы теории права. - М., 1972. - Т. 1.
3. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное **право**.- 4-е изд. - Москва: СТАТУТ, 2020. - 847 с.
4. Бутенко Е.В. Вина в нарушении договорных обязательств: дис… канд. юрид. наук.- Краснодар, 2002.- 198с.
5. Гражданское право под ред. Е.А. Суханова. Т.1. - М., 2003.
6. Духно Н.А., Ивакин В.И. Понятие и виды юридической ответственности.// Государство и право. - 2000. - № 6. - С. 8 - 16.
7. Идрисов Х.В. Вина как условие ответственности в российском гражданском праве: дис...канд...юр...наук.- М., 2010.
8. Илларионова Т.И. Значение форм вины в дифференциации гражданско-правовых санкций // Советское государство и право. - 1978. - № 8.- С.116 - 134.
9. Иоффе О.С. Обязательственное право. - М.: Юрид. лит., 1975.

---

[254]Ниг.: Бутенко Е.В. Асари зикршуда. - С.66.
[255]Ниг.: Духно Н.А., Ивакин В.И. Понятие и виды юридической ответственности.// Государство и право. - 2000. - № 6. - С. 15.
[256]Ниг.: Бутенко Е.В. Асари зикршуда. - С.70.

10. Иоффе О.С. Ответственность по советскому гражданскому праву. - Л.: Изд-во ЛГУ, 1955.
11. Киселев С. Формы и виды вины в гражданских правоотношениях // Российская юстиция.- № 4, апрель 2000. – С.16 - 29.
12. Комурджиева И.П. Понятие и критерии юридической ответственности // Общественные науки, 2002.- № 2.- С. 100-109.
13. Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1 (китоби дарсӣ) /Зери таҳ. Тағойназаров Ш.Т. – Душанбе: Донишварон, 2017.
14. Исмоилов Ш.М. Сборник избранных статей. – Душанбе: Полиграф Групп, 2021. – 632с.
15. Лукьянцев А.А. Ответственность при осуществлении предпринимательской деятельности в гражданском законодательстве России: теория и судебная практика: автореф. дис. ... докт. юрид. наук.- Ростов - на - Дону, 2006.
16. Матвеев Г.К. Вина в советском гражданском праве. - Киев, Изд-во Киевского госуниверситета, 1955.
17. Матвеев Г.К. Вина, как основание гражданско-правовой ответственности по советскому праву: автореф. дис.... докт. юрид. наук.- М., 1951.
18. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: Эр-граф, 2010.
19. Раҳимов М.З. Избранные труды.- Душанбе: Бухоро, 2014.
20. Скляров С. Проблемы определения понятия вины в уголовном праве России // Уголовное право. - 2003.- №2. - С.63 - 72.
21. Тархов В.А. Ответственность по советскому гражданскому праву. - Саратов, 1973.
22. Теория государства и права. Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. -М.: Юристъ, 1997.
23. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики АМИТ Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009 – 620с.
24. Филимонов В. Теоретические проблемы учения о вине в уголовном праве// Уголовное право. -2004.- №3.- С. 51 - 69.
25. Хохлов В.А. Ответственнасть за нарушение договора по гражданскому праву. - Тольятти, 1997.
26. Шерешеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права.- С-Пб., 1907.
27. Якушин В.А. Субъективное вменение и его значение в уголовном праве.- Тольятти, 1988.

**Бобоҷонзода И.Ҳ.**
**Додозода А. М.**

**Фишурда**

**Гуноҳ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола сухан дар бораи мафҳуми гуноҳ, аломатҳо, асосҳо ба вуҷуд омадани ҷавобгарии маданӣ ва категорияи «гуноҳ» дар умум дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ меравад. Қайд мегардад, ки мафҳуми «ҳуқуқвайронкунӣ» ҳамчун асоси ҷавобгарӣ, аз ҷумла аломатҳои муайян, дар назарияи ҷиноятӣ, маъмурӣ ва умумии ҳуқуқ устувории худро пайдо кардааст. Аммо дар илми ҳуқуқи маданӣ бошад оид ба ташаккули ҳуқуқвайронкунии маданӣ фаҳмиши ягона ва мафҳуми

ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунии маданӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, муҳимият ва мураккабии институти «гуноҳ» дар ҳуқуқи маданӣ аз муайян намудани мафҳуми он вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин, муаллиф дар натиҷаи омӯзиши ақидаҳои олимони соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ ва таҳлили адабиётҳои гуногун мафҳуми «гуноҳ»-ро пешниҳод намудааст, ки он аз аҳаммият холӣ нест.

**Furthermore**

**Аннотация**

**Вина в нарушение договорных обязательств в гражданском праве Республики Таджикистан**

В статье говорится о понятии вины, признаках, основаниях возникновения гражданской ответственности и категории «вины» в целом в теории права. Отмечается, что понятие «правонарушение» как основание ответственности, включая отдельные признаки, приобрело устойчивость в уголовной, административной и общей теории права. Однако в науке гражданского права не существует единого понимания и правовой концепции правонарушения. Отсюда становится ясным, что важность и сложность института «вины» в гражданском праве вытекает из определения его понятия. В связи с этим автор предложил понятие «вины» в результате изучения мнений ученых из разных областей юриспруденции и анализа различной литературы, что не лишено важности.

**Babajonzoda I. H.**
**Dodozoda A. M.**

**The summary**

**Guilt in violation of contractual obligations in the civil law of the Republic of Tajikistan**

The article talks about the concept of guilt, signs, grounds for the emergence of civil liability and the category of “guilt” in general in the theory of law. It is noted that the concept of “offense” as a basis for liability, including certain characteristics, has acquired stability in the criminal, administrative and general theory of law. However, in the science of civil law there is no single understanding and legal concept of an offense. From here it becomes clear that the importance and complexity of the institution of “guilt” in civil law follows from the definition of its concept. In this regard, the author proposed the concept of “guilt” as a result of studying the opinions of scientists from different fields of jurisprudence and analyzing various literature, which is not without importance.

**Муқарризи мақола Ғафурзода А. Д.- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.**

**ВБД: 343.11(575.3)**

**Бобоҷонзода И. Ҳ*.,**
**Шерова М. А*.**

# АҲАММИЯТИ ИСТИЛОҲИ «РОЗИГӢ» ҲАНГОМИ ГИРИФТАНИ МОЛУ МУЛК ВА ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, ҳуқуки мадани, розигӣ, мафҳум, аломатҳо, аҳдҳо, шартнома, шахсони сеюм, қонунгузорӣ, молумулк, товони зарар, мақомоти давлатӣ, заминистифодабаранда.

**Ключевые слова:** Конституция, гражданское право, согласие, понятие, элементы, сделки, договор, третье лица, законодательства, имущества, компенсация ущерба, государстсвенные органы, землепользователь.

**Keywords:** Constitution, civil law, consent, concept, elements, transactions, agreement, third parties, legislation, property, compensation for damage, government bodies, land user.

Истилоҳи «розигӣ» ҳамчун истилоҳи хуқуқи маданӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ мавзуи марказӣ ба ҳисоб рафта, аҳаммияти муҳимро дороcт. Мутобиқи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд ва давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқукӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Кафолат ин ҳуқуқҳо моддаи бошад дар моддаи 32 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқи надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.»[257]

Бинед, Тоҷикистон дар сатҳи конститутсионӣ моликияти хусусиро дахлнопазир эълон намуда, гирифтани молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ танҳо дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш имконпазир медонад. Яъне, дар ин ҷо «розигии соҳиби молу мулк» омили калидӣ мебошад. Аз мазмуни ин меъёри Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки ҳангоми амалӣ намудани ин ҳуқуқ бояд ду омил ба инобат гирифта шавад: якум, асоси қонунӣ, ки дар ин ҷо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе,

---

*Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. Email: bobojonov_i@mail.ru

* Унвонҷӯи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Email: sherovamehrangez@mail.ru

[257]Ниг.: Конститутсияи ҶТ аз 6. 11 соли 1994, бо тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.08 соли 2023).

шаҳру ноҳияҳо оид ба гирфтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти ҷамъият дар назар дошта шудааст; дуюм, розигии шахс. Ҳангоми набудани ин ду таркиби меър ба андешаи мо, ин ҳуқуқ амалӣ карда намешавад, яъне ин маънои онро дорад, ки Конститутсия ҳуқуқи мақомоти ҳокимияти далатиро барои ба суд муроҷиат карда, ҳал намудани ин ихтилофот, маҳдуд намудааст.

Аммо моддаи 310 Кодекси мадании ҶТ (минбаъд-КМ ҶТ), ки «Қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул бинобар гирифтани қитъаи замин ва захираҳои табиии дигар» ном дорад, ин масъаларо камтар ба таври дигар танзим намудааст. Мутоқиби муқаррароти қисми 1 ва 2 моддаи 310 КМ ҶТ «1. Қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул вобаста ба қарори мақомоти давлатӣ, ки мақсади бевосита гирифтани ашёро аз молик надорад, аз ҷумла қарори гирифтани қитъаи замин, ки дар он хона, сохтмони дигар ва дарахтзори молик ҷойгир шудаанд, танҳо тибқи ҳолат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун сурат гирифта, ба молик ашёи баробарарзиш дода мешавад ва дигар зиёни расида ба он ҷуброн мегардад ё тамоми зиёне, ки вобаста ба қатъи ҳуқуқи моликият расонда шудааст, дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад. 2. Ҳангоми норозӣ будани молик аз қароре, ки боиси қатъи ҳуқуқи моликият мегардад, он то замони бо тартиби судӣ ҳал шудани баҳс амалӣ карда намешавад. Ҳангоми баррасии баҳс, инчунин ҳамаи масъалаҳо вобаста ба ҷуброни зиёни расонда ба молик бояд ҳал гарданд.»[258]. Айнан чунин меъёр дар Кодекси замини ҶТ (минбаъд - КЗ ҶТ) низ дида мешавад, ки он дар «Боби 5. Қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин» ном дорад ҷой дода шудааст. Масалан, дар моддаи 38 (1). Қабули санад оид ба гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ омадааст, ки «Қарорро дар бораи гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мекунанд. Дар сурати бо қарор дар бораи гирифтани қитъаи замин розӣ набудани заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба қитъаи замин, вай ҳуқуқ дорад ба суд бо даъво муроҷиат намояд.».

Агар мо ба мазмуни ин меъёрҳо назар афканем, пас маълум мегардад, ки дар онҳо истилоҳи «розигӣ» дида намешавад, ки ба андешаи мо ин як дараҷа ҳуқуқи шахсро ба ҳуқуқи моликият ва истифодаи замин маҳдуд намуда истодааст. Дар муқаррароти моддаи 32 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки: «Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.». Илова бар ин, муқаррароти қисми 2 моддаи 310 КМ ҶТ ва моддаи 38 (1) КЗ ҶТ, ки ҳалли судии ин масъаларо пешбинӣ намудааст, ба андешаи мо аз доираи муқаррароти меъёри Конститутсияи ҶТ, ки чунин тартиби ҳалли масъаларо пешбинӣ намекунад, берун баромадааст.

Агар мо ба муқаррароти моддаи 1162 КМ ҶТ, ки «Бартараф намудани монеаҳо ҳангоми сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ» ном дорад назар афканем, пас маълум мегардад, ки ин масъала танҳо бо розигии соҳибмулк ва дар асоси қонун ҳал мегардад. Аз ҷумла, дар қисмҳои 1 ва 2 ин модда омадааст, ки: «1. Ҳангоми пайдо шудани монеаҳо дар раванди сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ширкати сохтмонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ онҳоро бартараф менамояд. 2. Ширкати сохтмонӣ зарари молумулкии ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расондашударо, ки ҳангоми бартараф намудани монеаҳо ба вуҷуд меояд, бо розигии онҳо тибқи қонунгузорӣ ҷуброн менамояд.».

---

[258]Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.08 соли 2023).

Мутобиқи муқаррароти моддаи 43 КЗ ҶТ бошад, «Тартиби ҷуброни зарари заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайд-гирифташудаи вобаста ба замин ва талаф вобаста ба гирифтани заминҳо аз гардиш ҳангоми гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.». Илова бар ин мутобиқи моддаи 189 КМ ҶТ, аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст беэътибор мебошад, яъне гирифтани розигӣ дар чунин ҳолатҳо омили асосӣ арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи мо, дар чунин ҳолатҳо судҳо бояд меъёри Конститутсияи ҶТ-ро ба роҳбари гирифта, масъаларо ҳал намоянд. Чунки дар асоси муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи ҶТ: «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқукие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.».

Вобаста ба ин меъёрҳои зикргардидаи конститутсионӣ дар банди 39-и Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018 таҳти рақами №1005 тасдиқ шудааст, омадааст, ки: «дар муомилоти маданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад.». Ҳамин тавр, дар Кодекси мадании ҶТ меъёри махсус оид ба истилоҳи «розигӣ» ба вуҷуд омадааст, аммо қонунгузор ворид намудани чунин тағйиротро ба Кодекси замини ҶТ мадди назар намудааст, ки он ихтилофҳоро байни меъёрҳои қонунгузорӣ ба вуҷуд оварда, якдарача ба амалишавии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ва шахсони ҳуқукӣ монеа шуданаш мумкин аст.

Дар моддаи 189 КМ ҶТ, ки «Беэътибории аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст», ном дорад, омадааст, ки: «Аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, агар чунин розигӣ тибқи қонун зарур бошад, баҳснок мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки он беоқибат аст ё барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад, ҳангоми набудани розигиаш оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Он аз рӯйи даъвои шахсони мазкур ё шахсони дигари дар қонун зикршуда беэътибор донистa мешавад. Аҳди баҳсноке, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, беэътибор донистa мешавад, агар исбот шавад, ки тарафи дигари аҳд дар вақти анҷом додани он дар хусуси набудани розигии зарурии чунин шахс медонист ё мебоист донад, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ. Шахсе, ки розигии зарурии бо қонун пешбинишударо барои анҷоми аҳди баҳснок додааст, наметавонад онро бо асосҳое, ки дар лаҳзаи изҳори розигӣ медонист ё мебоист донад, мавриди баҳс қарор диҳад.».

Ҳоло дар таҷрибаи судӣ вобаста ба гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодаи замин ба андешаи мо тамоман таҷрибаи номатлуб рафта истодааст. Ширкатҳои сохтмонӣ, ки бо қарори раисони шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе иҷозати сохтмони бисёрошонагиро анҷом медиҳанд, бинобар набудани мавқеи ягона дар қонунгузорӣ оид ба бартараф намудани монеагӣ, яъне бо роҳи кучонидани соҳибмулкон манзили истиқоматии онҳоро вайрон карда, ба ивази он як маблағи ночизиро бо ҳалномаи судҳо пардохт менамоянд, ки соҳибмулкон бе хонаю дар мемонанд. Ҳол он ки Конститутсияи ҶТ муқарраротеро пешбинӣ менамояд, ки тибқи он бе розигии соҳибмулк молу мулки он гирифта намешавад. Судҳо бошанд, дидаю донистa, ки меъёрҳои қонунгузорӣ ба якдигар мухолифат

мекунанд ё якдигарро истисно мекунанд, дар чунин ҳолатҳо меъёри Конститутсияро мустақиман татбиқ намекунанд. Ин ё аз надонистан ва ё дуруст дарк накардани қонун ё суистифода аз ҳукукҳо ба вуҷуд меояд.

Даъвоҳои ширкатҳои сохтмонӣ асосан дар асоси муқаррароти моддаи 1162 КМ ҶТ, ки «Бартараф намудани монеаҳо ҳангоми сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ» ном дорад, пешниҳод карда мешавад. Ҳол онки даъворо оид ба бартараф намудани монеаҳоро, чун қоида танҳо соҳибмулк пешниҳод карда метавонад. Ширкатҳои сохтмонӣ бошанд, танҳо ташкилоте ба ҳисоб мераванд, кору хизматрасониро анҷом медиҳанд.

Дар чунин мавридҳо барои гирифтани қитаи замин ба эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ танҳо давлат дар симои Ҳукумати ҶТ ҳамчун соҳибмулк баромад карда метавонад ва ё бо ваколати Ҳукумати ҶТ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ин ҳуқуқро анҷом дода метавонанд. Пеш аз он ки қитъаи замин барои сохтмони ҳиссагии бисёрошёнагӣ ҷудо карда шавад, ба андешаи мо, ин мақомотҳо пеш аз ҳама ин қитаҳои заминро озод намоянд ва баъд ҳуқуқи ҷудо намудани онро барои сохтмон пайдо мекунанд. Чунки Конститутсияи ҶТ ба ҳар шахс кафолат додааст, ки «...молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад». Аз ин рӯ, молу мулки шахс ва ҳуқуқи истифода бурдани заминро танҳо давлат барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ҳуқуқи гирифтанро дорад ва пешниҳоди даъворо ба судҳо низ танҳо давлат дар симои Ҳукумати ҶТ дорад. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда судҳо даъвоҳоро бо пешниҳоди ширкатҳои сохтмонӣ қабул ва баррасӣ намуда истодаанд, ки онҳо умуман ҳуқуқи пешниҳоди ин гуна даъвоҳоро надоранд (чунки даъворо барои бартараф намудани монеа ва кучонидани соҳибмулкро танҳо соҳибмулки дигар дорад) ва чунин тартиб ба муқарароти Конститутсия ва қонунгузории мурофиавӣ низ мутобиқ намебошад. Илова бар ин, судҳо соҳибмулкони манзили истиқоматиро бе додани дигар манзили истиқоматӣ кучонида истодаанд, ки чунин тартиб ва ё асос дар Кодекси манзили ҶТ ё қонунгузории дигар дида намешавад. Дар Кодекси манзили ҶТ бошад, умуман меъёри махсус оид ба асосҳои кучонидани соҳибмулкони манзили истиқоматӣ бе додани дигар манзили истиқоматӣ ҷой надорад, пас судҳо дар чунин ҳолатҳо ба кадом меъёр такя мекарда бошанд, маълум нест.

Илова бар ин дар моддаи 32-и Конститутсияи ҶТ сухан дар бораи гирифтани молу мулк танҳо барои «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ»-ро пешбинӣ менамояд. Дар дар КМ ҶТ ва Кодекси замини ҶТ бошад, сухан дар бораи на танҳо «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ», инчунин дар бораи «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ва давлатӣ» меравад, ки ин аз муқаррароти моддаи 32-и Конститутсияи ҶТ тафовут дошта, ҳангоми ҳуқуқтатбиққунӣ нофаҳмиҳоро ба вуҷуд оварданаш мумкин аст.

Ба андешаи мо мавҷуд будани чунин мавқеҳо, номутобиқатиҳо, норасоиҳо дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ аз набудани таҳқиқотҳои махсус оид ба ин масъала ва муайян нагардидани мафҳум ва моҳияти категорияи «розигӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Чунки то ҳол мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои чунин категорияи ҳуқуқи маданӣ ба мисли «розигӣ» мавзуи махсуси таҳқиқоти илмии мустақил дар ҶТ нагардидааст, гарчанде баъзе аз паҳлуҳои назариявӣ ва амалии он дар асарҳои олимони тоҷик, ба монанди В. А. Ойгензихт.,[259] О. У. Усмонов.,[260] Ш. Т. Тағойназаров.,[261] Ш. М. Исмоилов[262]., М. А. Маҳмудов[263].,

[259]Ниг.: Ойгензихт В.А. Избранные труды.- Душанбе: Типография ТНУ, 2019. - С. 231 – 233.

[260]Ниг.: Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. (нашри 2-ум бо илоҳу иловаҳо). - Душанбе, Ирфон, 1994. - С. 89 – 96.

[261]Ниг.:Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. (қисми якум). –Душанбе: ЭР-граф, 2010. - С. 77 – 79.

М. З. Раҳимзода[264]., Ҷ. С. Муртазозода[265]., М. М. Соҳибзода[266]., дигар муаллифон мавриди омузиш ва таҳлил қарор дода шудаанд. Илова бар ин, истилоҳи «розигӣ», дар қонунгузории Тоҷикистон хеле васеъ истифода шудааст. Аз ҷумла, истилоҳи «розигӣ» дар КМ ҶТ, дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбъад- КЗ ҶТ), дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбъад- КО ҶТ), дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбъад- КТ ҶТ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хеле зиёд ба назар мерасанд.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳуми «розигӣ» чунин маънидод шудааст:

1) иҷозат, ҷавоби мусбат ба дархост;
2) ҳамфикрӣ, умумияти нуктаи назар;
3) муносибати дӯстона, якдилӣ;
4) мутаносибӣ, созгорӣ омадааст.

Ҳамин тариқ, калимаи «розигӣ» дар забони тоҷикӣ якчанд маъно дорад. Ин ҳолат мавҷудияти тафовут дар мазмуни сермаъногии истилоҳи баррасишавандаро аз нуқтаи назари танзими ҳуқуқи маданӣ муайян мекунад.

Воқеан, истилоҳи «розигӣ» миқдори зиёди амалҳои гуногунтаркиброро ифода мекунад. Равшан аст, ки доираи татбиқи розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ на фақат ифодаи иҷозатдиҳии иродаи иҷозат барои иҷрои ҳама гуна амал, балки дар баъзе мавридҳо розигӣ маънои тасдиқи ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқии ғайр аз анҷоми муомилотро низ дорад ва дар баъзе маврид розигӣ умуман маънои иҷозатро надорад. Дар ин маврид розигӣ «...метавонад ба амали дигарон ё амали худи шахсе, ки розигии худро баён мекунад, дахл дошта бошад». Ба ғайр аз ин, «... розигиро метавон ба ифодаи иродаи як шахс ё ифодаи ба ҳам мувофиқ омадани иродаи якчанд иштирокчии як тараф, ки манфиати муштарак доранд, кам кард».

Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун барои анҷом додани аҳд розигии субъекти ҳуқуқи маданӣ, ки дар аҳд иштирок намекунад (шахси сеюм) ё мақомоти шахси ҳуқуқи ё мақомоти давлатӣ ё шаҳрванд талаб карда мешавад (моддаи 189 КМ ҶТ). Бояд қайд кард, ки дар қонунгузории ҷорӣ ҳолатҳое хеле зиёданд, ки зарурати гирифтани чунин розигӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, мутобиқи муқаррароти моддаи 325 КМ ҶТ иштирокдорони моликияти якҷоя, агар дар созишномаи онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, молу мулки умумиро бо розигии мутақобила соҳибӣ ва истифода мекунанд. Молу мулки таҳти моликияти якҷоя қарордошта бо розигии ҳамаи иштирокдорон ихтиёрдорӣ карда мешавад. Сарфи назар аз он ки кадоме аз иштирокдорон аҳд оид ба ихтиёрдории молу мулкро анҷом додааст, розигии ҳамаи иштирокдорон дар назар дошта мешавад.

Ҳамин тавр, мутобиқи муқаррароти моддаи 35 КО ҶТ ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулке, ки дар моликияти (якҷоя) ё муштараки зану шавҳар қарор дорад, танҳо бо розигии мутақобилаи онҳо сурат мегирад. Ҳангоми аз ҷониби зан ё шавҳар анҷом додани муомилоти вобаста ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ чунин тасаввур мешавад, ки ӯ бо розигии

---

[262]Ниг.: Исмоилов Ш.М. Сборник избранных статей. – Душанбе: Полиграф Групп, 2021. – С. 211 – 212.
[263]Ниг.: Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 116.
[264]Ниг.: Рахимов М.З. Избранные труды. –Душанбе: Бухоро, 2014.- С. 138.
[265]Ниг.: Муртазозода Ҷ.С. Танзими ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон: таҳқиқоти маданӣ-ҳуқуқӣ. –Душанбе: Полиграф-групп, 2021. - С. 121.
[266]Ниг.: Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳукуқи мадании Чумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал. //Зер таҳрири Ғаюрзода Ш.К. –Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. -С. 121.

ҳамсари худ амал мекунад. Муомилоте, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ анҷом дода шудааст, аз ҷониби суд қисман бо сабаби мавҷуд набудани розигии ҳамсари дигар танҳо ҳангоме, ғайриқонунӣ эътироф мегардад, ки агар яке аз онҳо бо чунин талаб муроҷиат намояд ва танҳо дар сурати собит гардидани он, ки тарафи дигар аз муомилот огоҳ буд ё пешакӣ бояд норозӣ будани тарафи дигарро барои анҷом додани чунин муомилот медонист. Барои ба анҷом расонидани муомилот вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани молу мулки ғайриманқул ва муомилоте, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун тасдиқ ё қайди нотариалиро талаб мекунад, бояд розигии пешакии аз тариқи идораи наториалии давлатӣ тасдиқшудаи зан ё шавҳар гирифта шавад. Ҳамсаре, ки розигии дар идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшудаи худро барои иҷрои аҳд надодааст, ҳуқуқ дорад дар қисми молу мулки ба худаш таалуқ дошта дар моликияти умумии якҷоя бекор кардани аҳдро талаб намояд, ё ҳамсар ҳуқуқ дорад ба андозаи ҳиссаи дар боло зикргардида аз маблағе, ки ҳамсараш аз фурӯши молу мулки ба даст овардааст, дар давоми се сол аз рӯзи огоҳ шудан аз чунин муомилот ё мебоист аз иҷрои чунин муомилот ё пардохти пули онро талаб намояд. Ё мутобиқи муқаррароти моддаи 57(1) КО ҶТ кӯдак ҳуқуқ дорад дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои оилавӣ, ки ба манфиатҳои ӯ дахл доранд, фикри худро озодона изҳор намояд, ҳамчунин дар рафти мурофиаҳои судӣ иштирок кунад. Мақомоту ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдори онҳо, ки барои қабули қарор ваколатдор мебошанд, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ба манфиатҳои кӯдак дахлдошта бояд фикри кӯдакеро, ки метавонад ақидаҳои худро мустақилона ифода кунад, сарфи назар аз синну сол, ба назар гирифта, дар асоси манфиатҳои беҳтарини кӯдак қарор қабул кунанд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун мақомоти васоят ва парасторӣ ё суд метавонанд танҳо бо розигии кӯдаки аз синни даҳсола боло қарор кабул намоянд. Инчунин, тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 27 КМ ҶТ ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бо розигии хаттии намояндагони қонунии худ (падару модар, фарзандхондагон, парастор ва шахсони онҳоро ивазкунанда) аҳдҳоеро, ки қонун иҷозат медиҳад, анҷом медиҳанд.

Мутобиқи банди 15 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 16 декабри соли 2004 таҳти рақами №11 «Дар бораи таҷрибаи судии аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста ба беэътибор донистани шартномаҳои хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ (квартира)», аҳди хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ (квартира), ки аз ҷониби ноболиғи аз 14 то 18-сола бидуни розигии волидайн, фарзандхондагон ё парасторони худ, дар ҳолате, ки чунин розигӣ мутобиқи моддаи 27 КМ ҶТ зарур мебошад, баста шудааст, мумкин аст бо даъвои волидайн, фарзандхондагон ё парасторон беэътибор дониста шавад. Ё аз ҷониби қарздор ба шахси дигар гузарондани қарз танҳо бо розигии кредитор иҷозат дода мешавад. (қисми 1 моддаи 450 КМ ҶТ). Чунин мисолҳои хеле зиёд мебошанд.

Дар чунин ҳолатҳо шахси сеюм ё мақомоти дахлдор, ки розигии онҳо барои анҷом додани аҳд зарур аст, дар бораи розигӣ ё радди худ ба тарафи аҳд ё дигар шахси манфиатдор хабар медиҳад. Қарори дахлдори шахсе, ки розигӣ талаб мекунад, тибқи қонун бояд дар муҳлати мувофиқ огоҳ карда шавад. Бояд дар назар дошт, ки ин мафҳуми «муҳлати мувофиқ» баҳодиҳиро талаб мекунад, он дар қонун муқаррар нашудааст ва ба мақоми ҳуқуқтатбиққкунанда ҳавола карда шудааст. Тартиби гирифтани чунин розигӣ дар қонунгузории қаблӣ номукаммал буд. Гарчанде ки дар бораи хусусият, шакл ва намудҳои розигӣ барои анҷом додани муомилот муқаррароти умумӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, шумораи хеле зиёди қоидаҳои махсус мавҷуд буданд, ки зарурати гирифтани чунин розигиро

пешбинӣ мекунанд.

Зарурати таваҷҷӯҳи бештар ба танзими ҳуқуқии гирифтани розигӣ барои анҷом додани аҳд чи тавре дар боло қайд намудем дар Консепсияи сиёсати ҳуқукии ҶТ барои солҳои 2018-2028 баррасӣ шудааст. Ин ҳам вобаста ба он буд, ки қонунгузор ҳолатҳои зиёдеро медонад, ки дар онҳо эътибори аҳд аз он вобаста аст, ки оё ягон шахсе, ки иштирокчии ин аҳд нест, манфиати он халалдор мешавад ё не. Аз ин рӯ, қонунгузории маданӣ бояд намудҳоеро пешбинӣ намояд, ки розигӣ барои анҷом додани аҳд – пешакӣ ва минбаъда, муқаррар намудани талаботи аниқии розигӣ, пешбинӣ намудани шакле, ки бояд дар он розигӣ ба аҳд изҳор карда шавад ва оқибатҳои мавҷуд набудани розигии зарурииро танзим менамояд (баҳсталабии аҳд) ё беэътибор будани он нисбат ба шахсе, ки ба розигӣ ваколатдор аст, танзим карда шавад. Тавре қайд намудем, масъалаҳои зиёди он ҳангоми таҳия ва қабули КМ ҶТ ба назар гирифта шудаанд.

Аммо ба ин нигоҳ накарда баъзе аз масъалаҳои ҳалталаби категорияи розигӣ то ба охир ҳаллу фасли худро наётанд. Аз ҷумла, бояд гуфт, ки дар муқарраротҳои меъёрҳои қабулшуда умуман мазмуни чунин розигӣ ифшо мешаванд, вале дар бораи шакле, ки бояд чунин розигӣ дода шавад, на дар ҳама ҳолат роҳи ҳалли худро ёфтааст. Инчунин, дар бораи субъектҳое, ки бояд розигӣ диҳанд ё гиранд, ба пуррагӣ маълумот ҷой надорад. Инчунин маълум нест, ки сухан дар бораи зарурати гирифтани розигӣ барои ҳар як аҳди шабеҳ меравад ё оё имкон дорад, ки розигӣ барои анҷом додани аҳде як навъ имконпазир бошад.

Дар ин бора Қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Росия (минбаъд - ФР) аз 23 июни соли 2015 №25 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани баъзе аз муқарраротҳои фасли 1 қисми якуми Кодекси мадании Федератсияи Россия» хеле муҳим мебошад. Аз ҷумла, дар бандҳои 54 ва 55 Қарори Пленуми Суди Олии ФР аз 23 июни соли 2015 №25 шарҳ дода шудааст, ки « розигӣ ба аҳд метавонад бо ҳар роҳ ифода карда шавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст. Дар хотир доштан зарур аст, ки сукут розигӣ ба анҷоми аҳд ба ҳисоб намеравад, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст.». Дар қарори зикргардидаи Пленуми Суди Олии ФР муқаррароте шарҳ дода шудааст, ки он аз банди 4 моддаи 157 (1) Кодекси мадании ФР бармеояд: «сукут розигӣ ба анҷоми аҳд ба ҳисоб намеравад», ки дар ин ҷо сухан дар бораи додани розигии шахси сеюм ба анҷом додани баҳс меравад. Мутаасифона чунин муқаррарот дар моддаи 189 КМ ҶТ ҷой дода нашудааст, ки он аз аҳаммият холӣ набуда, барои пешгирии баъзе аз аҳдҳое, ки бо ин асос мавриди баҳс қарор дода мешаванд, заминаи ҳуқуқӣ шуда метавонист. Ҳол он, ки мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 172 КМ ҶТ: «Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо сукут ифодаи иродаи бастани аҳд دониста мешавад.».

Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи ин масъалаҳо бояд дар қонунгузорӣ мушаххас карда шаванд, дар акси ҳол метавонад баҳсҳо дар мавриди гирифта шудани чунин розигӣ ва ба таври лозима анҷом додани он вуҷуд дошта бошанд. Гузашта аз ин, дар баъзе мавридҳо, ҳатто дар қонунгузории амалкунанда талаботи иловагӣ барои гирифтани чунин розигӣ пешбинӣ шудааст. Масалан, дар қисми 6 моддаи 85 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007 №237 муқаррар шудааст, ки дар қарор оид ба маъқул донистани аҳд, ки ба анҷом додани он манфиатдорӣ ҳаст, бояд шахси (шахсони) тарафи (тарафҳои) он, манфиатбаранда (манфиатбарандагон), нарх, мавзуи аҳд ва дигар шартҳои муҳим зикр гарданд. Ҳангоми тасдиқ бояд аҳде, ки ба он розигӣ дода шудааст, аз ҷумла тарафҳои он, шартҳои муҳим ё тартиби муайян кардани онҳо муайян карда шаванд.

Қабл аз анҷоми аҳд розигӣ пешакии он метавонад бо ҳамон тарзе, ки дода шуда буд, бозхонда шавад. Аммо ҳуқуқи даст кашидан аз розигӣ метавонад

тибқи қонун ё созишнома бо шахси ваколатдори додани розигӣ маҳдуд карда шавад. Шахсе, ки розигии худро бозхонд, хавфи оқибатҳои манфии молумулкиро, ки дар натиҷаи бозхонди розигӣ бармеояд, ба дӯш дорад.

Мутобиқи муқаррароти қисмҳои 4, 5 ва 6 моддаи 1285 КМ ҶТ даст кашидан аз мерос тавассути намоянда мумкин аст, агар дар ваколатнома барои ҳамин гуна дасткашӣ махсус ваколат пешбинӣ шуда бошад. Намояндагони қонунӣ ҳуқуқ надоранд аз мерос даст кашанд ё барои дасткашӣ аз мерос розигӣ диҳанд. Дасткашӣ аз мерос минбаъд бозхонд ё тағйир дода намешавад. Меросгир бо гузаштани муҳлати муқарраршуда ҳуқуқи даст кашидан аз меросро гум мекунад. Ӯ ин ҳуқукро, ҳамчунин, то гузаштани муҳлати мазкур дар ҳолатҳои зерин гум мекунад, агар: - ба мақомоти нотариалии ҷойи кушода шудани мерос дар бораи қабули мерос ё додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ариза дода бошад; - меросро воқеан қабул карда бошад.

Агар шахси ваколатдори додани розигӣ ба аҳд ба дархости чунин розигӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун ё бо тартиби муқаррарнамудаи он ва дар сурати мавҷуд набудани чунин муҳлат – дар муҳлати оқилона ҷавоб надиҳад, тахмин карда мешавад, ки розигӣ ба бастани аҳд рад карда шудааст. Ба ибораи дигар, дар чунин ҳолатҳо сукут розигӣ ба бастани аҳд ё тасдиқи он ҳисоб намешавад. Дар ин ҳолат, бояд ба қоидаи муқаррароти моддаи 180 КМ ҶТ бояд диққат диҳем, ки «Хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ» ном дорад. Мутобиқи он ариза, огоҳинома, хабарнома, талабот ё дигар хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқие, ки қонун ё аҳд бо онҳо оқибатҳои ҳуқуқи маданиро барои шахси дигар вобаста менамояд, барои шахси мазкур аз лаҳзаи расондани хабари дахлдор ба он ё намояндааш ин гуна оқибатҳоро фаро мерасонад. Хабар инчунин дар ҳолатҳое расондашуда ҳисоб меёбад, ки он ба қабулкунандаи хабар (унвонӣ) расида бошад, лекин бинобар ҳолатҳои ба унвонӣ вобаста хабар ба он супорида нашудааст ё унвонӣ бо хабар шинос нашудааст. Чунин қоидаҳои дар сурате татбиқ мешаванд, ки агар дар қонун ё шартҳои аҳд, ё одатҳо, ё таҷрибаи муносибатҳои мутақобилаи байни тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Дар адабиёти илмӣ танҳо чунин ҳолатҳои зарурати изҳори розигӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки дар он шахсе, ки иштирокчии муомила нест, ҳуқуқ дорад онро тасдиқ ё манъ кунад. Ҳамчунин намунаи розигии марбут ба амали худро, Д.И. Мейер чунин мисол меорад: «... шахс бо маҷбуркунӣ, мактуби қарзӣ медиҳад ва барои бартараф кардани он ба суд муроҷиат мекунад, аммо дар рафти мурофиаи судӣ шахс аз руйи қарзи ба ӯ пешниҳодшуда пардохтро анҷом медиҳад ё ҳадди аққал барои пардохт розигии худро изҳор мекунад - дар ин ҳолат эътироф ба даъвое, ки беэътибор дониста шуданаш мумкин буд, эътибор мебахшад».

Ҳангоми таҳлили ин муқаррарот, мо метавонем хулосае барорем, ки мафҳуми розигӣ бисёрҷабҳа аст ва барои ишора ба як қатор амалҳои ҳуқуқи маданӣ истифода мешавад. Инчунин, маълум аст, ки таҳлили розигӣ ба маънои қарори якдилона таҳқиқоти мустақили илмиро тақозо мекунад, зеро дар ин ҳолат розигӣ на амали мустақили ҳуқуқӣ, балки натиҷаи фаъолияти ҳамоҳангшудаи якчанд шахс ҳисобида мешавад. Дар доираи ин кор мо танҳо бо омузиши розигӣ, ки қонунгузории маданӣ ба маънои иҷозат, ҷавоби мусбӣ истифода мешавад, маҳдуд шуда, дар асоси нишон додани хусусиятҳои хоси он мафҳуми онро муайян мекунем.

Ҳангоми оғоз ба таҳлили розигӣ қайд кардан лозим аст, ки розигӣ ба монанди дигар ифодаҳои иродаи барои қонуни маданӣ аҳаммияти калон дошта, ба тамоми хусусиятҳои ҳар як амали (аз ҷумла ғайриқонунӣ) мувофиқат мекунад, яъне «... ихтиёран иҷрошуда, шакли ботинии ҳавасмандии фаъолияти ҳаракат, ки барои ноил шудан ба натиҷаи муайян, ниҳоӣ - ҳадаф пешбинӣ шудааст». Воқеан,

розигӣ одатан дар шакли амали фаъол ифода мешавад ва амали мақсаднок аст, яъне барои расидан ба ҳадафи мушаххас содир шудааст, илова бар ин, розигӣ дорои мазмуни ихтиёрӣ мебошад. Азбаски аломатҳои номбаршудаи розигӣ на аз рӯйи хусусиятҳои шакли ҳуқуқии мафҳуми таҳқиқшаванда, балки аз рӯйи моҳияти психологии он ҳамчун амали фаъол муайян карда мешавад, онҳоро ҳамчун ғайриҳуқуқӣ тавсиф кардан мумкин аст. Ҳарчанд шакл, хусусияти ихтиёрии розигӣ ва мақсаднок будани он натиҷаи танзими ҳуқуқӣ набошад ҳам, бо вуҷуди ин, аломатҳои номбаршударо ҳуқуқи маданӣ сарфи назар карда наметавонад. Баръакс, хусусиятҳои зикршудаи ғайриҳуқуқии розигӣ ҳамчун асоси тахассуси ҳуқуқии он баромад мекунанд. Аз ҷумла, омӯзиши самти ихтиёрӣ ва мақсадҳои иҷтимоию иқтисодии розигӣ шарти зарурии муқаррар намудани табиат ва мавқеи ҳуқуқии он дар низоми фактҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Илова бар ин, дар адабиёти илмӣ аксар вақт мустақилиятӣ ба ном амалҳои самарабахш асоснок карда мешаванд. Офаридани ашё ё асари бадеии нав бештар ба сифати мисоли амали фаъоли ин намуд оварда мешавад. Ба фикри мо, розигӣ хамчунин як намуди мустакили амали ҳуқуқии маданӣ мебошад, зеро он на танҳо бо хусусиятхои умумии санади ҳуқуқии амали фаъол, балки бо як катор хусусиятхои мушаххас низ тавсиф мешавад. Аз ҷумла, аломати сеюми «ғайриқонунӣ»-и розигӣ мазмуни махсус дорад - шакли амали фаъол дорад. Д.И. Мейер дар мавриди шеваҳои изҳори розигӣ баҳс карда, қайд кард, ки «... розигии шахс гоҳе бо хомушӣ, бо набудани ихтилоф ба анҷом мерасад... ва дар ҷомеа ҳатто маъмулан мегӯянд, ки хомушӣ нишонаи розигӣ аст». Равшан аст, ки дар конунҳо мустаҳкам намудани ин қоида ҳамчун принсипи умумӣ ба устувории муомилоти маданӣ таъсири манфӣ мерасонад. Сукут розигии аҳд (шартнома) ё тасдиқи он ба ҳисоб намеравад».

Инчунин, ҷолиби диққат аст, ки дар мавридҳои истисноӣ қонунгузорӣ аз ин қоидаи умумӣ дур шуда, ба субъект имкон медиҳад, ки розигии худро бо сукут баён кунад. Воқеан, «...вақте розигии шахс барои амали қонунӣ он қадар аҳаммият дорад, ки танҳо ихтилофи ошкори шахс амалро аз байн мебарад ва бидуни ин амал иҷро ва эътибор дониста мешавад, сукутро метавон аломати розигӣ донист». Масалан, мувофиқи қисми 3 моддаи 689-и КМ ҶТ, агар иҷорагир истифодаи молу мулкро баъди хотимаи муҳлати шартнома ҳангоми мавҷуд набудани норозигӣ аз тарафи иҷорадеҳ идома диҳад, шартнома бо ҳамон шартҳо ба муҳлати номуайян навшуда (моддаи 676 ҳамин Кодекс) ба ҳисоб меравад.

Чун қоидаи умумӣ розигӣ ҳам мисли ҳар амали дигар шакли ифодаи худро дар амалҳои фаъол, мақсаднок меҷӯяд. Охир, «...барои ба ирода таъсир расондан ба муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъи муносибатхои ҳуқуқи маданӣ зуҳуроти он зарур аст, ки ба воситаи он танҳо кас метавонад мазмуни иродаро баҳо диҳад». Дар баъзе мавридҳо, қонун бевосита шаклеро муайян мекунад, ки шахс бояд дар он иродаи ичозатдиҳии худро баён кунад.

Ҳамин тариқ, барои бастани шартномаи суғуртаи шахсӣ, ки ба манфиати шахси суғурташуда нест, ӯ бояд розигии худро ба бастани чунин шартнома танҳо дар шакли хаттӣ баён кунад (қ. 5 моддаи 1047 КМ ҶТ). Барои он ки яке аз зану шавҳар муомилотро оид ба ихтиёрдории молу мулки ғайриманқулро анҷом диҳад, розигии нотариалии зан ё шавҳарро гирифтан лозим аст (қ. 3 моддаи 35 КО ҶТ). Аммо чун қоидаи умумӣ қонун розигиро ба шакли мушаххас вобаста намекунад. Дар аксари мавридҳо субъекте, ки барои изҳори розигӣ ваколатдор аст, ҳуқуқ дорад онро дар ҳамон шакле анҷом диҳад, ки ба шахсони сеюм имкон медиҳад, ки муҳтавои чунин ифодаи иродаро дарк кунанд (дар шакли амали пешбинишуда, шифоҳӣ ё хаттӣ).

Яке аз хусусиятҳои муҳими ҳуқуқии розигӣ гуногунрангии заминаи ҳуқуқии он мебошад. Бояд қайд намуд, ки барои он ки касе бо иродаи яктарафаи худ тағйироти ҳуқуқӣ ворид карда тавонад, ки шахси дигарро ба он вобаста мекунад,

бояд ваколати махсусе дошта бошад, ки дар асоси меъёри ҳуқуқӣ ё муносибатҳои ҳуқуқие, ки субъект дар он ифодаи яктарафаи иродаи ба шахсе мебошад, ки нисбат ба он ӯ ҳуқуқи ба амал баровардани иродаи яктарафаи худро дошта бошад.

Салоҳияти субъект оид ба изҳори розигӣ бештар ба муқаррароти қонун, ки дар меъёри ҳукуқ пешбинӣ шудааст, асос меёбад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ қобилияти мустақилона танзим намудани амалиёти худ тавассути бастани шартномаҳо ва содир намудани санадҳои яктарафаи иродаро ифодакунанда, дода шудааст. Ба ибораи дигар, дар доираи муқарраркардаи қонун ба субъектҳои ҳуқуқи маданӣ имконият дода мешавад, ки ҳуқуқи худро «офаранд». Дар баробари ин, ҳамеша дар бораи озодии шартнома сухан рондан нодуруст мебуд, зеро қонунгузор ҳангоми бастани аҳдҳои яктарафаи маданӣ кафолати озодиро низ таъмин менамояд.

Муқаррароти зикршуда, ба андешаи мо, на танҳо барои он навъҳои розигӣ, ки шакли ҳуқуқии аҳдро доранд, балки барои дигар изҳороти якҷонибаи иҷозатдиҳандаи ирода низ дуруст аст. Вобаста ба ин, барои эътирофи эътибори ҳуқуқии чунин розигӣ, ки зарурати баёни он на бо меъёри қонун, балки бо созиши тарафҳо низ муайян карда мешавад, асосхо мавчуданд. Бояд гуфт, ки субъектҳои ҳуқуқи маданӣ аксаран аз озодии зикршудаи баёни яктарафаи иҷозати ирода истифода мебаранд. Таҷрибаи судӣ бисёр ҳолатҳоеро медонад, ки имкони иҷрои амали ҳуқуқӣ аз ҷониби тарафҳо вобаста ба розигии субъекти муносибатҳои ҳуқуқии нисбӣ ё шахси сеюм дода мешавад.

Ҳамин тавр, эътибори ҳуқуқии розигӣ, масалан, шарти шартномавӣ эътироф карда мешавад, ки мувофиқи он тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки маълумоти дар шартнома мавҷудбударо бе розигии тарафи дигар ифшо накунанд ё ба шахсони сеюм надиҳанд. Ғайр аз ин, ба шартномаи иҷора дохил кардани шарте, ки ба иҷорагир имкон медиҳад, бо розигии ичорадеҳ намуди иҷозати объекти иҷораро тағйир диҳад, қонунӣ дониста мешавад .

Ҳамин тавр, розигӣ метавонад амали қонунӣ эътироф карда шавад, агар он ба қонун ё созишномаи тарафҳо, ки ба қонун асос ёфта бошад. Бояд гуфт, ки розигӣ амали яктарафа мебошад. Барои ба амал омадани таъсири ҳуқуқии алоқаманд, ифодаи муқобили ирода аз ҷониби ягон субъект талаб карда намешавад. Розигӣ бояд танҳо ба таваҷҷӯҳи шахсе расонида шавад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳояш аз будан ё набудани он вобаста аст. Бо вуҷуди ин, аксар вақт чунин шахсони манфиатдор метавонанд якчанд нафар бошанд, масалан, агар барои бастани шартнома аз ҷониби шахсони сеюм розигӣ додан зарур бошад.

Субъекте, ки ба аҳд аз ҷониби шахсони сеюм розигии худро баён мекунад, бинобар ҳолатҳои гуногун, чун қоида, танҳо бо яке аз тарафҳо робитаи ҳуқуқӣ дорад. Масалан, ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бо розигии хаттии намояндагони қонунии худ (падару модар, фарзандхондагон, парастор ва шахсони онҳоро ивазкунанда) аҳдро анҷом медиҳанд. Аҳди анҷомдодаи чунин ноболиғон, ки бе розигии намояндагони қонунии онҳо анҷом дода шудаанд, ҳангоми минбаъд онро хаттӣ маъқул донистани намояндагони қонунии онҳо боэътибор мебошанд. Ё корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ метавонад бо розигии молик ба сифати шахси ҳуқуқӣ корхонаи фаръиро бо тартиби пешбининамудаи қонун таъсис диҳад (моддаи 122 КМ ҶТ). Дар ин ҳолат шахси сеюм бо изҳори розигӣ, ҳамин тавр набудани ваколат ё қобилияти яке аз тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқии нисбӣ, ки қонун муқаррар кардааст, ҷуброн мекунад.

Ҳамин тавр, яке аз асосҳои иштироки субъектҳои нисбатан қобилиятнок дар муомилоти маданӣ амали падару модар ва шахсони парастори онҳо мебошад, ки мо аллакай мисоли онро зикр намудем. Падару модар ва ё шахсони парастор бо

амали худ розигӣ медиҳанд ва бо ин, гӯё қобилияти ҳуқуқии ноболиғро пурра мекунанд. Мавҷуд набудани чунин механизми пур кардани қобилияти ҳуқуқӣ боиси имконнопазирии амал кардан дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ барои қисми зиёди субъектҳои ҳуқуқ мегардад.

Шахсе, ки аз ҷониби ӯ розигии ӯ зарур аст, нисбат ба ҳамтои худ хатари камтар дорад. Баъд аз ҳама, чунин субъект, чун қоида, дорои воситаҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки имкони дархости розигии нопадидро фароҳам меорад ва ба ин васила мазмуни аҳдро пурра мегардонад. Аён аст, ки тарафи муқобил аз ҳама гуна имкони таъсиррасонӣ ба субъекти ваколатдори изҳори розигӣ маҳрум аст, бинобар ин, таваҷҷӯҳи он ба дарки шахсии баёни иҷозати ирода ниҳоят баланд аст. Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад, ки шахси ваколатдор вазифадор карда шавад, ки дар бораи розигии комил на ба ягон тарафи муомила, балки ба шахсе, ки ӯ бо он робитаи ҳуқуқӣ надорад, хабар диҳад. Дигар ашхос бояд дар бораи розигӣ танҳо дар сурате огоҳ карда шаванд, ки онҳо ба донистани ин амал манфиатнокии худро нишон диҳанд.

Инчунин бояд гуфт, ки розигӣ як амали иловагӣ мебошад. Ҳатто Д.И. Мейер қайд кардааст, ки «...барои он ки розигӣ ҳамчун амали ҳуқуқӣ эътироф карда шавад, зарур аст, ки он шарти қонунӣ будани ҳама гуна амали дигар бошад»[267]. Дар воқеъ, розигӣ ҳамчун амали мустақили ҳуқукӣ, танҳо дар робита ба амали дигари ҷудогона зоҳир мешавад. Дар алоҳидагӣ аз санади тасдиқшуда розигӣ маънои мустақили ҳуқуқӣ надорад. Дар ин хусус М.А. Рожкова дуруст қайд мекунад, ки «...бидуни боиси ҳаракати муносибатҳои ҳуқуқӣ, вале амали мобайнии ҳуқуқӣ буда, розигӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома шарти ҳатмии бастани шартнома буда, он ҳамчун унсури зарурии таркиби ҳуқукӣ амал мекунад»[268].

Хусусияти дигари розигӣ соддагии моҳиятии он аст. Ҳангоми изҳори иҷозати ирода субъект метавонад амали тарафи дигарро (тарафҳоро) танҳо дар шакле, ки онҳо дар нақша гирифтаанд ё аллакай содир карда шудаанд, тасдиқ намояд. Аз ин рӯ, мазмуни семантикии розигӣ як қарори оддӣ ва якхелаи қабул ва тасдиқи тартиби пешниҳодшудаи иҷрои амалҳо мебошад. Ба ибораи дигар, мундариҷаи розигӣ ба ҷавоби одитарин коҳиш дода мешавад: «ҳа». Мисли қабул, розигие, ки имкон медиҳад, ки амал дар шароитҳои гуногун аз шартҳои дархостшуда ё аллакай иҷрошуда анҷом дода шавад, боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқии пешбининамудаи он намегардад.

Бо вуҷуди ин, бояд ба назар гирифт, ки мувофиқи моддаи 509 КМ ҶТ, ҷавоб дар хусуси розигӣ ба бастани шартнома бо шартҳои дигар аксепт ҳисобида намешавад. Чунин ҷавоб радди аксепт эътироф гардида, ҳамзамон, офертаи нав эътироф мешавад. Розигӣ бо шартҳои дигар, баръакс, субъектеро, ки онро ба ҳеҷ ваҷҳ баён кардааст, маҷбур намекунад. Чунин ифодаи ирода ба комилан ва бечуну чаро рад кардани маъқул донистани амалиёти андешидашуда ё ба нақша гирифташуда баробар аст.

Ҳамин тариқ, мафҳуми розигӣ аз шумораи назарраси аломатҳои гуногунҷабҳа иборат аст. Баъзе хусусиятҳои муҳимтарини розигӣ, гарчанде ки барои танзими ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти калон доранд, аммо ба он вобаста нестанд, зеро онҳо пайдоиши сирф равонӣ доранд. Хусусиятҳои дигари розигӣ бошад, баръакс, танҳо бо шакли ҳуқуқии мафҳуми омӯхташаванда муайян карда мешаванд. Ҳамзамон маҷмӯи хусусиятҳои таҳқиқшуда имкон медиҳанд, ки

---

[267]Ниг.: Русское гражданское право. В 2-х частях: По исправленному и дополненному 8-му изданию, 1902 г. Ч. 1 / Мейер Д.И.; Редкол.: Ем В.С., Козлова Н.В., Корнеев С.М., Кулагина Е.В., Панкратов П.А., Суханов Е.А. - М.: Статут, 1997. - С. 78.

[268] Ниг.: Рожкова М. А. Юридические факты гражданского и процессуального права: соглашение о защите прав и процессуальные соглашения. – М.: Статут, 2009. – С. 134.

розигӣ ҳамчун навъи мустақили амали ҳуқуқӣ тавсиф карда шавад. Азбаски назарияи муосир ба мо имкон намедиҳад, ки мавқеи категорияи баррасишаванда дар низоми фактҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад, розигиро хамчун шакли махсуси ҳуқуқӣ муайян кардан мумкин аст.

Дар ниҳоят, О.А. Красавчиков қайд кардааст, ки шаклҳои ҳуқуқӣ бояд на танҳо чунин падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ ба монанди «шахси ҳуқуқӣ» ё намудҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ, балки амалҳои ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи маданиро низ дар бар гиранд[269]. Аз нигоҳи воқеӣ, розигӣ ҷуз ҷавоби тасдиқ чизе нест. Азбаски чунин тасдиқ ба амалҳои ҳуқуқӣ дахл дорад, ҳуқуқи маданӣ онро ба раванди танзим ҷалб намуда, ба мазмуни ибтидоии иҷтимоию иқтисодӣ шакли васеъи ҳуқуқӣ медиҳад.

Ҳамин тавр, меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳолатҳои мушаххаси зарурати додани розигиро муқаррар намуда, ба шакл ва тартиби додани он талаботи гуногун пешниҳод мекунад. Аммо, сарфи назар аз гуногунии навъҳои ифодаи иҷозатдиҳандаи ирода, шакли ҳуқуқии розигӣ ҳамеша бетағйир мемонад, ки аз мавҷудияти шумораи зиёди аломатҳо ва хусусиятҳои бетағйирнашуда шаҳодат медиҳад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло розигӣ бояд ҳамчун шакли ҳуқуқии якҷонибаи тасдиқи амали ҳуқуқии шахсони сеюм дар асоси қонун ё шартнома муайян карда мешавад. Чунин ба назар мерасид, ки дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тамоми амалиёти ҳуқуқӣ, бе истисно, шакли ҳуқуқӣ доранд. Аммо, хулосаи зикршуда нодуруст аст. Бисёр санадҳои фаъолият вуҷуд доранд, ки шакли ҳуқуқӣ надоранд, ки аҳаммияти онҳо барои ҳуқуқи маданӣ бешубҳа аст. Яке аз мисолҳои зиёди чунин амалҳои «бешакл» ин аст, ки субъекти манфиатдор аз шахси ваколатдори баёни он розигӣ талаб мекунад. Тартиби пешниҳоди чунин талаботро ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим намекунад.

Ба андешаи мо:

- қоидаҳои зикргардида, агар дар қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, татбиқ мешаванд;

- агар розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ ё мақомоти давлатӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ барои анҷом додани аҳд зарур бошад, пас шахси сеюм ё мақомоти дахлдор бояд ба шахсе, ки дархост кардааст, хабар диҳад;

- дар розигии пешакӣ барои анҷом додани аҳд бояд мавзуи аҳд, ки ба он розигӣ дода мешавад, муайян карда шавад. Ҳангоми розигии минбаъда бояд аҳде, ки ба он розигӣ дода шудааст, нишон дода шавад.

Барои мақсади таҳияи мафҳуми «розигӣ» бояд хусусиятҳоеро, ки ба он хосанд, ҷудо кардан лозим аст:

1. Розигӣ факти ҳуқуқие мебошад, ки дар баробари дигар фактҳои ҳуқуқӣ боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад ва баъзан розигӣ ҳамчун факти хукукии худмухтор баромад мекунад.

2. Розигиро шахсе, ки субъекти беруна мебошад, ба амали ба нақша гирифташуда ё анҷомдодашуда баён мекунад (аз рӯйи мавзуи ҳуқуқи маданӣ, субъекти соҳаи дигари ҳуқуқ ё мақоми шахси ҳуқуқӣ).

3. Розигӣ ба амалҳои ғайриконунии содиршуда ва ё дар оянда анҷом ёфта, дода намешавад.

Ҳамин тавр, пешниҳод менамоем, ки розигӣ ҳамчун факти ҳуқуқӣ дар шакли амал ё беамалии (сукут) аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, мақоми шахси ҳуқуқӣ ифодаёфта, ки аз тасдиқи аҳд ё шартнома ё амали дигари ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ иборат

---

[269]Ниг.: Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве. – М., 1958. – С. 67.

аст, муайян карда шавад.

Розигӣ дар шакли амали қонунӣ ифодаи ирода буда, ҳам аз аҳд ва ҳам аз санади маъмурӣ (намуди махсуси санади ҳуқуқӣ) фарқ мекунад. Розигӣ дар шакли хомӯшӣ аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ беамалии қонунӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Анушервони И., Шамсиддинзода И.Б. Ҳуқуқи кӯдак ба изҳори фикри худ. // Қонунгузорӣ. №4 (40), Душанбе, 2020 октябр-декабр. –С. 48-52.
2. Красавчиков О.А. Категории науки гражданского права: избранные труды. – М.: Статут, 2005. - Т. 2. - 492с.
3. Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве. – М., 1958. – 183с.
4. Кроз М. К. Третье лицо в обязательстве: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. -169с.
5. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. - 1000с.
6. Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: ЭР-граф, 2015. - 415с.
7. Муртазозода Ҷ.С. Танзими ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон: таҳқиқоти маданӣ-ҳуқукӣ. –Душанбе: «Полиграф-групп», 2021. - 312с.
8. Ойгензихт В.А. Избранные труды. Душанбе: Типография ТНУ, 2019. - 740с.
9. Психологический словарь / Под общей ред. П. С. Гуревича. – М.: ОЛМА Медиа Групп, 2007. – 800с.
10. Рахимов М.З. Избранные труды. –Душанбе: Бухоро, 2014. 638с.
11. Русское гражданское право. В 2-х частях: По исправленному и дополненному 8-му изданию, 1902 г.. Ч. 1 / Мейер Д.И.; Редкол.: Ем В.С., Козлова Н.В., Корнеев С.М., Кулагина Е.В., Панкратов П.А., Суханов Е.А. - М.: Статут, 1997. - 290 с.
12. Рябов А. Е. Юридические факты в механизме правового регулирования: дис. … канд. юрид. наук. - М., 2004. – 204с.
13. Рожкова М. А. Юридические факты гражданского и процессуального права: соглашение о защите прав и процессуальные соглашения. – М.: Статут, 2009. – 330с.
14. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳукуқи мадании Чумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал. //Зер таҳрири Ғаюрзода Ш.К. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. -448с.
15. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. - 784с.
16. Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. (нашри 2-ум бо ислоҳу иловаҳо). - Душанбе, Ирфон, 1994. - 160с.
17. Шахматов В. П. Основные проблемы понятия сделки по советскому гражданскому праву: дис. … канд. юрид. наук. –Свердловск, 1951. -282с.
18. Яковлев В. Ф. Экономика. Право. Суд. – М., 2003. – 596с.
19. Якушев П. А. Правообразующие акты и поступки в механизме правового регулирования: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – 165с.
20. Конститутсияи ҶТ аз 6. 11 соли 1994, бо тағйиру иловаіо бо тарисі раъйпурсии умумихалѕқ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.08 соли 2023).

21. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.08 соли 2023).
22. Исмоилов Ш.М. Сборник избранных статей. – Душанбе: Полиграф Групп, 2021.- 632с.

**Бобоҷонзода И. Ҳ.,**
**Шерова М. А.**

Фишурда

**Аҳаммияти истилоҳи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола сухан дар бораи истилоҳи «розигӣ» дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Тоҷикистон меравад. Муаллифон қайд менамоянд, ки истилоҳи «розигӣ» дар қонунгузории Тоҷикистон дар баъзе ҳолатҳо аз мафҳуме, ки дар Конститутсия дода шудааст, тафовут дорад, ки ин якдараҷа ҳуқуқҳои молумулкиро маҳдуд месозад. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифтан мумкин аст ва дар чунин ҳолатҳо товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинанд, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад. Аммо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз доираи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун баромада, масъаларо бо тартиби дигар танзим намудаанд, ки ҳангоми норозӣ будани соҳибмулк ва истифодабарандаи замин масъаларо суд баррасӣ менамояд, ки дар он ҷо ба тариқи экспертизаи сохтмони-молшиносӣ арзиши молу мулк муайян карда шуда, соҳибмулк бе таъмини дигар манзили истиқоматӣ, ба ҷои номуайян кучонида мешавад, ки албатта ин амал ба андешаи муаллифон хилофи меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Инчунин, дар мақола мафҳуми истилоҳи «розигӣ» ва хусусиятҳои аломатҳои он муайян карда шудаанд.

**Бабаджонзода И. Х.,**
**Шерова М. А.**

**Аннотация**

**Значение категории «согласие» при изътии имущества и права землепользования в законодательстве Республики Таджикистан**

В статье рассматривается категория «согласие» в Конституции Республики Таджикистан и законодательстве Таджикистана. Авторы отмечают, что категория «согласие» в законодательстве Таджикистана в ряде случаев отличается от определения, данного в Конституции, что в определенной степени ограничивает имущественные права. В частности, отмечается, что имущество человека для нужд общества может быть изъято государством только на основании закона и с согласия собственника, с выплатой его полной стоимости, и в таких случаях возмещение ущерба, причиненного лицу в результате незаконных действий органов государственной власти, общественных объединений, политических партий, иных юридических или физических лиц, в соответствии с законом осуществляется за их счет. Однако Гражданский кодекс Республики

Таджикистан и Земельный кодекс Республики Таджикистан выходят за рамки положений Конституции Республики Таджикистан и регулируют вопрос в ином порядке, в случае несогласия собствепнника вопрос рассматривает судом с определением цены имущества путем назначения строительно-имущественной экспертизы, собственника высыляют без предоставления другого места жительства, что, безусловно, по мнению авторов, противоречит нормам Конституции Республики Таджикистан. Также в статье определено понятие категории «согласие» и его признаки.

**Babajonzoda I. H.,**
**Sherova M. A.**

The summary

**The value of the category "consent" when withdrawal of property and land use rights in the legislation of the Republic of Tajikistan**

The article examines the category of "consent" in the Constitution of the Republic of Tajikistan and the legislation of Tajikistan. The authors note that the category of "consent" in the legislation of Tajikistan in a number of cases differs from the definition given in the Constitution, which to a certain extent limits the property rights of citizens. In particular, it is noted that a person's property for the needs of society can be seized by the state only on the basis of the law and with the consent of the owner, with payment of its full value, and in such cases, compensation for damage caused to the person as a result of illegal actions of state authorities, public associations, political parties, other legal entities or individuals, in accordance with the law, is carried out at their expense. However, the Civil Code of the Republic of Tajikistan and the Land Code of the Republic of Tajikistan go beyond the provisions of the Constitution of the Republic of Tajikistan and regulate the issue in a different manner; if the owner disagrees, the issue is considered by the court with determination of the price of the property by appointing a construction and property examination, the owner is expelled without providing another place of residence, which, of course, according to the authors, contradicts the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan. The article also defines the concept of the category "consent" and the characteristics of its features.

**Муқарризи мақола Ғафурзода А. Д.- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

## IV. ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН
## IV. ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

### Порядок рецензирования статей, предоставляемых в научно-информационный журнал «Правовая жизнь»

1. В журнале «Правовая жизнь» печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать одного п. л. (до 16 станиц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от организаций (для внешних авторов), рецензия соответствующего отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языках) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора (авторов).

5. Статьи принимаются по одному экземпляру в текстовом и электронном вариантах. Статья должна быть напечатана на компьютере с одной стороны листа через 1,5 (полуторный) интервал. Слева от текста следует оставлять поля (4 см.). Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста и аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, сведения об авторе (авторов), а также телефон и подпись.

7. При оформлении списка использованной литературы следует указать:

а) для книг – фамилию и инициалы автора (авторов), полное название, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статей и сборников – фамилию и инициалы автора (авторов), название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возращения статьи автору (авторам) для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования автор должен внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

11. Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

12. Статьи, не соответствующие настоящим правилам, не принимаются.

13. Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в «Правилах для авторов», публикуемых в каждом номере журнала. Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование. Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

14. Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, ее актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление ее недостатков. В заключение дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать ее после доработки,

направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

15. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

16. Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и в случае ее поддержки членами редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта. Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд. Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до ее опубликования.

17. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами: воспроизведение статьи; распространение экземпляров статьи любыми способами.

18. Редакция журнала направляет авторам представленных материалов копии рецензий с положительным заключением, замечаниями и необходимостью доработать статью или мотивированный отказ.

19. Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5-ти лет.

20. Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство науки и высшего образования Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

**ҲАЁТИ ҲУҚУҚӢ**
**ПРАВОВАЯ ЖИЗНЬ**
**№ 2 (42)**
**2023**


**Главный редактор: Ш. К. Гаюрзода**
**Зам. главного редактора: Дж. З. Маджидзода**
**Отв. секретарь: А. М. Диноршох**

Сдано в набор 00. 00. 2023 г. Подписано в печать 00. 00. 2023 г.
Формат 60x84 1/8. Бумага офсетная. Усл. п. л. 00.
Заказ № 00. Тираж 000 экз.
Отпечатано в типографии ТНУ
г. Душанбе, Буни Хисорак, здание 14.